ISSN 2414 9217

# ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН

**Маҷаллаи илмӣ-амалӣ**

# ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА

**Научно-практический журнал**

**№ 1 (13)**
**2019**

**ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН**
**Маҷаллаи илмӣ-амалӣ**

**№ 1 (13)**
**2019**

**Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти № 0249 / МҶ аз 20 январи соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.**

**Маҷалла соли 2016 таъсис дода шуда, дар як сол чор маротиба чоп мегардад.**

***Муассис: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ***

**Сармуҳаррир:** **Азиззода У.А. – д. и. ҳ., профессор**
**Муовини сармуҳаррир:** **Диноршоев А.М. – д. и. ҳ., профессор**
**Котиби масъул:** **Салоҳидинова С.М. – н. и. ҳ.**

**Ҳайати таҳририя:**

**Имомзода М.С.** **академики Академияи илмҳои ҶТ, д. и. ф., профессор**
**Маҳмудзода М.А.** **академики Академияи илмҳои ҶТ, д. и. ҳ., профессор**
**Тоҳиров Ф.Т.** **академики Академияи илмҳои ҶТ, д. и. ҳ., профессор**
**Насриддинзода Э.С.** **д. и. ҳ., профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои ҶТ**
**Авакян С.А** **д. и. ҳ., профессор**
**Ализода З.М.** **д. и. ҳ., профессор**
**Зоиров Ҷ.М.** **д. и. ҳ., профессор**
**Нуриддинов Р.** **д. и. с., профессор**
**Сотиволдиев Р.Ш.** **д. и. ҳ., профессор**
**Золотухин А.** **д. и. ҳ., дотсент**
**Сафарзода Б.А.** **д. и. ҳ., профессор**
**Раҳмон Д.С.** **н. и. ҳ., дотсент**
**Ҷамшедов Ҷ.Н.** **н. и. ҳ., дотсент**
**Камолзода И.И.** **н. и. ҳ., дотсент**
**Павленко Е.М.** **н. и. ҳ., дотсент**

**Муҳаррирони илмӣ ва мусаҳҳеҳон:**
**Сафарзода Н.Р., Саъдизода Ҷ., Шоев Ф.М., Сафарзода Н.Ф.**

**ISSN 2414 9217**

**ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА**
**Научно-практический журнал**

**№ 1 (13) выпуск**
**2019**

**Издание зарегистрировано в Министерстве культуры Республики Таджикистан за № 0249 / МҶ от 20 января 2016 года**

**Журнал выходит с 2016 года. Издается 4 раза в год**

***Учредитель: Таджикский национальный университет, юридический факультет***

| | |
|---|---|
| **Главный редактор:** | **Азиззода У.А. – д. ю. н., профессор** |
| **Заместитель главного редактора:** | **Диноршоев А.М. – д. ю. н., профессор** |
| **Ответственный секретарь:** | **Салохидинова С.М. – к. ю. н.** |

**Члены редколлегии:**

| | |
|---|---|
| **Имомзода М.С.** | **академик Академии наук РТ, д. ф. н., профессор** |
| **Махмудзода М.А.** | **академик Академии наук РТ, д. ю. н., профессор** |
| **Тахиров Ф.Т.** | **академик Академии наук РТ, д. ю. н., профессор** |
| **Насриддинзода Э.С.** | **д. ю. н., профессор, член-корреспондент Академии наук РТ** |
| **Авакьян С.А** | **д. ю. н., профессор** |
| **Securizzoda З.М.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Зоиров Дж.М.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Нуриддинов Р.** | **д. п. н., профессор** |
| **Сативалдыев Р.Ш.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Золотухин А.** | **д. ю. н., доцент** |
| **Сафарзода Б.А.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Рахмон Д.С.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Джамшедов Дж.Н.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Камолзода И.И.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Павленко Е.М.** | **к. ю. н., доцент** |

**Научное редактирование и корректура:**
**Сафарзода Н.Р., Саъдизода Дж., Шоев Ф.М., Сафарзода Н.Ф.**

**ISSN 2414 921**

# МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ


## МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ НАЗАРИЯИ ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚ – АКТУАЛЬНЫЕ ВОПРОСЫ ТЕОРИИ ГОСУДАРТВА И ПРАВА

| | | |
|---|---|---|
| **Азизкулова Г.С.** | Двенадцать тезисов о правосознании и правовой культуре | **6** |
| **Алиев Ф.Ш.** | Ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонони Тоҷикистон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд | **13** |

## ҲУҚУҚИ ИНСОН – ПРАВА ЧЕЛОВЕКА

| | | |
|---|---|---|
| **Саидзода И.И., Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф.** | Ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз | **19** |
| **Шоев Ф.М.** | Учения персидско-таджикских мыслителей о правах человека | **25** |
| **Саъдизода Ҷ., Исматова М.Ҳ.** | Ҳуқуқи маъюбон мувофиқи қонунгузории миллӣ ва асноди байналмилалӣ | **30** |
| **Саиданваров Қ.Ҷ.** | Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии принсипҳои асосии муайянкунии мақоми гуреза тибқи санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ | **36** |
| **Бухориева С.** | Занон: ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳои онҳо дар ҷомеа | **44** |
| **Неъматова М.А.** | Мавқеи ҳуқуқ ба ҳаёт дар низоми ҳуқуқу озодиҳои шахсии инсон ва шаҳрванд тибқи қонунгузории ватанӣ | **50** |

## МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ СОХТОРИ КОНСТИТУТСИОНӢ. СОХТОРИ ДАВЛАТӢ – АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ ОСНОВ КОНСТИТУЦИОННОГО СТРОЯ. ГОСУДАРСТВЕННОЕ СТРОИТЕЛЬСТВО

| | | |
|---|---|---|
| **Ғаюров Ш. К., Диноршоев А.М.** | Зарурият ва моҳияти назорати молиявӣ ҳамчун шакли идоракунии давлатӣ | **55** |
| **Гадоев Б.С., Саидов С.** | Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – асоси рушди иқтисодиёти миллӣ | **65** |
| **Ганиев Дж.Ш.** | Основы конституционного строя как институт конституционного права | **73** |
| **Ойев Х.** | Контрол ва назорат – фишангҳои асосии таъмини қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ | **80** |
| **Соибов З.М.** | Оид ба табиати речаҳои ҳуқуқи маъмурӣ | **94** |
| **Имомов Х.Ш.** | К вопросу о правовой институционализации политических партий в науке конституционного права | **99** |
| **Марифхонов Р.Н.** | Конститутсия ва қонунгузории ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ | **107** |

## ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ ВА СОҲАҲОИ ҲАМҶАВОР – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО И СМЕЖНЫЕ ОТРАСЛИ ПРАВА


| | | |
|---|---|---|
| **Abdulloev P.S., Zayniddinov S.F.** | Surrender of persons into international criminal court | **114** |
| **Маҳмудов И.Т., Собиров М.Ш.** | Мафҳум ва моҳияти принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ | **121** |
| **Раҷабов К.Д.** | Таҳқиқи мафҳуми тамаъҷӯӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии ИДМ | **130** |
| **Саидзода И.Ҳ.** | Татбиқи падидаи таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | **137** |
| **Салихов З.И.** | Тартиби пешниҳоди даъво ҳангоми амалинамоии ҳамлу нақли ҳавоии борҳо | **142** |
| **Сатторов Г.С., Мирзоахмедов Ф.А.** | Некоторые вопросы квалификации убийства, совершенное при превышении мер, необходимых для задержания лица, совершившего преступление | **148** |
| **Саъдиев И.З.** | Тартиби ба истифода пешниҳод намудани конҳои нафту газ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон | **155** |
| **Ширинджонов Ф.И.** | Международно-правовые обязательства Республики Таджикистан в сфере противодействия с незаконной миграцией | **163** |
| **Хуҷамардова М.Т.** | Робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СММ: инкишоф ва дурнамо | **171** |
| **Абдуллоев П.С.** | Истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ | **177** |


## МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН – ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЕНЫХ


| | | |
|---|---|---|
| **Отабоева М.Х.** | Конституционно-правовое регулировании отношения собственности | **193** |


## ТАҚРИЗҲО – РЕЦЕНЗИИ


| | | |
|---|---|---|
| **Хайруллоев Ф.С.** | Тақризи муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи Саъдизода Ҷаҳонгир дар мавзӯи «Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар тоҷикистон» | **201** |

**Требования, предъявляемые к статьям соискателей, аспирантов и докторантов для публикации в журнале «Государствоведение и права человека»** **206**

# МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ НАЗАРИЯИ ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚ – АКТУАЛЬНЫЕ ВОПРОСЫ ТЕОРИИ ГОСУДАРТВА И ПРАВА

## ДВЕНАДЦАТЬ ТЕЗИСОВ О ПРАВОСОЗНАНИИ И ПРАВОВОЙ КУЛЬТУРЕ

**Азизкулова Г.С.,**
доцент кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета, к.ю.н.

**Научная специальность:** 12.00.01 – теория и история права и государства; история правовых и палитических учений

**Аннотация.** Конституционное правосознание и конституционная культура базируются на правопонимании, правовом сознании и правовой культуре. Возможность или обязанность предписанного государственной властью отражается в сознании индивидов, групп людей, общества в целом. Принятие конституций на постсоветском пространстве отражающих ценности Западной Европы и Америки не совсем соответствуют социально-экономической и политико-правовой действительности РТ, имеющей богатую историю, пережившую различные правовые системы. Переплетение обычного права и современных правовых нововедений привело к конституционным фикциям.

**Ключевые слова:** Конституция, правосознание, правовая культура, обычное право, заимствование, фикции, своеобразие, сочетание.

## ДУВОЗДАҲ МУЛОҲИЗА ОИД БА ШУУРИ ҲУҚУҚӢ ВА ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚӢ

**Азизқулова Г.С.,**
дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ҳ.

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ

**Фишурда.** Шуури ҳуқуқии конститутсионӣ ва фарҳанги конститутсионӣ ба дарки ҳуқуқӣ, тафаккури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ асос меёбад.

Имконият ва вазифае, ки аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ шудааст дар шуури ашхос, гурӯҳи одамон ва дар маҷмӯъ ҷомеа инъикос мегардад. Арзишҳои Аврупои Ғарбӣ ва Амрико, ки дар Конститутсияи ҳудуди собиқ Шӯравӣ қабул гардидаанд на ҳамеша ба ҳақиқати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад, ки дорои таърихи бой ва

низомҳои мухталифи ҳуқуқиро аз сар гузаронидааст. Омехтагии ҳуқуқи муқаррарӣ ва навовариҳои ҳуқуқии муосир ба иштибоҳҳои конститутсионӣ оварда расонид.

**Калидвожаҳо:** Конститутсия, шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, ҳуқуқи маъмул, иқтибос, қалбакӣ, тарзихос, мутобиқат.

## THE TWELVE LAW EDUCATION THESES AND LEGAL CULTURE

**Azizkulova G.S.,**
associate Professor of Theory and History of State and Law of the Law Faculty of the Tajik National University, candidate of Law

**Scientific specialty**: 12.00.01 – theory and history of the Law and state; history of legal and political doctrines

**Annotation.** Constitutional legislation and constitutional culture is based on legal writing, legal consciousness andlegal culture. Possibilities or responsibilities prescribed by state power are reflected in the consciousness of individuals group of people, as well asin society in common. Adoption of constitution on the post- sovietareas, reflecting values of the western Europe and America do not correspond to the social – economic and political and legal reality, which abstains richhistory and various legal systems. Modern legal new legislation merged in to customary law system, and caused constitutional fictions.

**Keywords:** Constitution, legal consciousness, legal culture, customary law, borrowing, fictions, peculiarities, combination.

1. Конституционное правосознание и конституционная культура невозможны без правосознания и правовой культуры в общепризнанном смысле. В современную эпоху очевидно необходимость обращения к духовности человека, составляющей фундамент правопорядка. Чтобы вести себя правомерно в юридически значимых ситуациях каждая личность должна обладать свободным, зрелым и здоровым правосознанием, беречь, воспитывать и укреплять его в себе. Для этого она должна быть свободной в строгих рамках права и иметь возможность самостоятельно осуществлять выбор варианта поведения, так как только в свободном исполнении закона проявляется нравственное достоинство личности, ее социальная активность, что является одним из условий создания правового государства в Республике Таджикистан [7, с. 378].

2. Общезначимость социальных связей отражается в сознании людей как такие общие признаки явлений, фактов само наличие которых обязательно должно влечь возможность или обязанность определенного поведения, предписанного государственной властью. Другими словами, общественные отношения, представления о них обрастают в сознании людей идеалами,

понятиями о должном порядке. Такие понятия воплощаются в законах государства.

Понятие «юридические права» и «юридические обязанности» возникают в результате потребности в государственном признании определенных интересов, т.е. в придании или общеобязательного, общезначимого характера; в обеспечении этих интересов мерами государственного принуждения.

Право и правосознание формируются в диалектическом единстве. Специфический признак последного – взаимосвязь в сознании (индивидуальном, классовом и т.д.) жизненных условий, потребностей, интересов данного класса и возможных, необходимых или существующих юридических прав и обязанностей. Результатом такого соотнесения являются идеи, представления о праве. Следовательно, правосознание – это совокупность правовых представлений, взглядов, идей и чувств, эмоций, выражающих оценочное психологическое отношение людей к юридически значимым явлениям общественной жизни (к действующему законодательству, юридической практике, правам и свободам человека и гражданина и т.д.) [6, с. 125].

3. Правосознание формируется прежде всего передовыми представителями-идеологами стоящих у власти политических сил в процессе уяснения или общественных интересов, которые приобретают в сознании форму юридических мотивов, воли этих политических сил, побуждающих ее принять форму государственной воли. Политические силы, стоящие у власти, подчас из-за ограниченности своего сознания не способны понять переходящий характер отношений государства, поэтому их правосознание иллюзорно, и они ложно понимают «вечность», «естественность», «справедливость» охраняемых правом отношений, т.е. искаженно представляют свой собственный статус. Их правосознанию присущи и такие черты как нереальность, авантюризм [11, с. 294].

4. Еще И.А. Ильин справедливо подчеркивал, что нет человека без правосознания, но есть множество людей с пренебреженным, запущенным, уродливым или даже одичавшим правосознанием. Правосознание как духовный орган, необходимый человеку участвует так или иначе во всей его жизни, даже и тогда, когда человек совершает преступления, притесняет соседей, предает свою родину и т.д.; ибо слабое, уродливое, продажное, рабское, преступное правосознание остается правосознанием, хотя его душевно-духовное строение оказывается неверным (иными словами – деформированным), а его содержание или мотивы «ложными или дурными» [3, с. 224].

5. Начиная с эпохи Нового времени теоретическим уровнем правосознания стала доктрина естественного права. Естественное право понимается как правосознание т.е. как идеи и принципы, содержащиеся в разуме человека. «Право естественное есть предписания здорового разума, то или иное действие, в зависимости от его соответствия или противоречия самой разумной природе, признается либо морально позорным, либо морально необходимым» [1, с. 71]

6. Правовая наука, занимающая важное место в правовой идеологии, как составной части в структуре правосознания, создает теоретические концепции, которые отражают закономерности развития, являются базой для правовой

политики и идеологии; содержит методологию изучения государственно-правовой надстройки; формирует пути совершенствования права [11, с. 294].

«В науку вползают, а не влетают» – образно писал де Местр, – дух науки прививается медленно. «Наука порядочная женщина, которую нельзя взять силой, она сама дает себя, когда захочет. На ней, так сказать, надо жениться, а до этого необходимо прилежно за ней ухаживать» [2, с. 60-61].

Будучи частным советником императора Александра I де Местр обращает внимание, что «открывая учебное заведения, правителям, следовало бы хорошенько следить за тем чтобы академии (т.е. сами стены) не появились раньше того, как появлялись раньше того, как появятся ученые» [2, с. 60-61].

7. Современное состояние правового сознания на уровне нашей культуры во многом не одобряет деятельность лиц, причастных к государственному аппарату, с сомнением относясь к ряду законодательных нововведений. Так, к некоторым правовым реформам граждане относятся неоднозначно (например, монетизация льгот), а изменениям в сфере пенсионного обеспечения и образования – скорее отрицательно. Причем если пенсионная реформа вызывает объяснимое отторжение преимущественно старшего и среднего поколения общества, то реорганизация в сфере образования порождают серьезные опасения за мировоззренческий и профессиональный уровень будущих поколений у большей части наших граждан – на уровнях и массового и профессионального и доктринального правового сознания. Система тестирования, переход вузов на новую систему подготовки кадров в соответствии с Болонским протоколом и другие мероприятия воспринимаются населением весьма критические, поскольку могут привести к снижению качества образования и его большей недоступности [12, с. 412].

8. «Новому добру как-то не верится; перемены, сделанные не ручаются на пользу будущих, ожидаются их более со страхом, нежели с надеждою… Россия же существует около тысячи лет, не в образе дикой орды, но в виде государства великого. А нам все твердят о новых образования… как будто мы недавно вышли из темных лесов американских! Требуем более мудрости хранительной нежели творческой» [4, с. 406].

9. «Правовая культура глубоко проникает в духовную жизнь общества, неразрывно связана с правосознанием, правовыми традициями, правовым менталитетом населения. Она проявляется также в правотворческой, правоприменительной правоинтерпретационной, правовоспитательной деятельности, в деятельности правоохранительных и судебных органов, в юридической практике. Уровень правовой культуры, определяет качество и эффективность всех видов юридической деятельности, юридических документов, состояние законности и правопорядка» [6, с. 5].

Правовая культура есть особое социальное явление, которое может быть воспринято как качественное правовое состояние и личности, и общества подлежащее структурированию по различным основаниям.

С повышением роли человека в правовой жизни в обеспечении становления цивилизации окажется необходимым в первую очередь обратить внимание на функционально-содержательный аспект правовой культуры. Здесь правовая

культура общества предстает как разновидность общественной культуры, отражающей определенный уровень правосознания и законности, совершенства законодательства и юридической практики, охватывающей все ценности, которые созданы людьми в области права. Другими словами – это совокупность всех позитивных компонентов правовой деятельности в ее реальном функционировании воплотившая достижения правовой мысли, юридической техники и практики [11, с. 575].

10. Однако нельзя не учитывать, что в истории нашего народа были разные периоды расцвета и падения государств, а, следовательно, различных типов правосознания и правовой культуры. Предки таджиков вобрали в своем сознании зороастризм, который провозгласил известную триаду «благая мысль, благое слово, благое дело», что является правовым идеализмом и наводит на мысль, что видимо, далеко не всегда совпадали мысль, слово и дело и как антипод этому было провозглашена замечательная, но идеальная триада. Можно согласится с большой натяжкой, что зороастрийское право знало водное, экологическое право но с позицией естественно-правовой в гимнах богу договора Митре, следившему за верностью заключенных соглашений (двадцатикратно слово между двумя друзьями, согражданами между оно тридцатикратно сотрудниками между оно сорокакратно. Между женой и мужем-пятидесятикратно, межсоучастниками – шеститесятикратно ученика с учителем-семидесятикратно, а между зятем и тестем – восьмидесятикратно, и девяностократно между собратьев двух, между отцом и сыном – стократен договор [13, с. 10].

Подобное правоположение, так же как и о правде, истине, справедливости, правдивости, мировом порядке, незыблемом законе сотворения, дисциплине и мировом регулировании – Аша проникнув в сознание людей, делало их добропорядочными.

На смену зороастрийскому праву пришло эллинистическое право Кушанской империи 1 тюркского каганата. Более всего на правосознание и правовую культуру таджикского народа оказан ислам с его аш-шариа и илми-фикхом. Не следует сбрасывать со счетов и право завоевателей позднего периода – Ясу и билики Чингисхана, Уложение Тимура (военно-административный кодекс эпохи феодализма), фармоны, и сузимы (мое слово), имперское право (право Царской России), советское право.

Правосознание, а, следовательно, и правовая культура не могли до конца быть освоены в таком многообразии, что объясняет состояние нашего правосознания очень противоречивого и неустоявшегося. Среди населения и сейчас очень большое распространение имеет правовой обычай – договор купли-продажи скота с произношением определенной формулы, прочтение хутьбы при заключении брака, участие свидетелей и согласие невесты на заключение брака, получение процентов при заключении договора займа как действие отнесенное к «макрух» – запрещенное, но и не дозволенное, т.е. занимающее промежуточное положение между «ҳаром» и «ҳалол». В некоторых регионах и сейчас, в случае пропажи какой-либо вещи, применяется обычай «хок партов» когда уважаемые пожилые люди селения объявляют, что укравшему предоставляется возможность

вернуть вещь путем подбрасывания ее в «песок» (сухую глину). Весьма распространен «ҳашар» – договор совместной деятельности.

11. Универсализм шариата, взаимодействие его религиозно этнического и правового начал ярко проявляется в оценке того или иного поступка, допуская возможность двух подходов, один из которых берет за основу внутренние намерения человека, а другой его внешнее поведение [9, с. 12] (опять-таки не отвечая триаде зороастрийской).

В советский период «как и в средневековье общество строилось по иерархическому принципу, где верхний слой составляла партийно-государственная номенклатура-своего рода советское неподатное привилегированное сословие, далее следовали «обычные граждане». На такой социально-политической и правовой основе не могло быть цивилизованного права и правовой культуры.

Современная правовая культура представляет собой конгломерат прошлых институтов под девизом «вперед к прошлому» – переименование госорганов-«хукуматы», органов местного самоуправления – «джамоаты». С другой стороны, Конституция постсоветского периода закрепила политические и правовые принципы и институты, воспринятые из развитых правовых систем Запада. Возникает вопрос в какой степени эти принципы и институты совместимы с нашими условиями [12, с. 28-29].

Достаточно привести в качестве примера ст. 6 Конституции РТ «народ является источником власти». Под категорией народ имеется в виду весь народ? Ведь понятно, что несовершеннолетние, заключенные, иностранцы, лица без гражданства не входят в это понятие. Кроме того, если народ есть объект властеотношений это некорректно, более того, управляемые, а не управленцы могут ли быть источником суверенитета и власти? Можно это назвать конституционной фикцией, закрепленной самой же конституцией. Источником власти являются только активные избиратели, принимая во внимание, что некоторые избиратели не участвуют в выборах, что получило название абсентеизм.

12. Неоднозначную роль сыграло приянятие Конституции РТ. С одной стороны, она заложила основы политической и правовой системы и способствовала стабильности в обществе. Однако с другой, отражая иную правовую культуру, Конституция была оторвана от действительности и в силу этого фиктивна в некоторых своих положениях [12, с. 29].

«Оказалось, что без четко разработанной отечественной модели правового государства ныне, как и в будущем нам не обойтись. Речь идет о разработке собственной модели правового государства, которая должна реализоваться в особых условиях Таджикистана (с учетом национальных, духовных традиций, опыта национальной государственности, уровня социально-экономического развития и т.п.)» [8, с. 3].

**Литература:**


1. Гроций Г. – М., 1965.
2. Жозеф де Местр. Сочинения. – СП., 2007.
3. Ильин И.А. Теория государства и права. – М., 2003.
4. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 г.
5. Карамзин Н.М. О древней и новой России. – М., 2002.
6. Насурдинов Э.С. Правовая культура: теоретико-методологический аспект. – Душанбе, 2013.
7. Общая теория государства и права Акад. курс в 2-х томах. Т.2. Теория права / Отв. ред. М.Н. Марченко – М., 1998.
8. Рахматуллаев А.Э. Социокультурные доминанты и концептуально-правовые начала формирующегося правового государства в постсоветском Таджикистане. Автореф. дис. на соиск. … к.ю.н. – Душанбе, 2004.
9. Сюкияйнен Л.Р. Шариат и мусульманско-правовая культура / Отв.ред. Б.Н. Топорнин. – М., 1997.
10. Комаров С.А., Малько А.В. Теория государства и права. Учебно-методический комплекс. – М., 2004.
11. Теория государства и права. Курс лекций / Под ред. Матузова Н.И., Малько А.В. – М., 1997.
12. Философия права. Курс лекций / Отв.ред. М.Н. Марченко – М., 2011.
13. Азизкулова Г.С. Хрестоматия по истории государства и права Республики Таджикистан (досоветский период). – Душанбе, 1998.

# ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚИИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ЭЪМОРИ ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁД

**Алиев Ф.Ш.,**
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи тиҷорати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 917375555
**E-mail:** falizoda@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ

**Роҳбари илмӣ:** Насриддинзода Э.С., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои ҶТ
**Муқарриз:** Саъдизода Ҷ., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда.** Дар мақолаи мазкур муҳимияти фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд муайян гардида, фаҳмишҳои гуногуни мафҳуми фарҳанги ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон таҳлил шуда, роҳҳои ташаккулёбии он пешниҳод гардидааст.

**Калидвожаҳо:** Фарҳанги ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқи инсон, фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон, давлати ҳуқуқбунёд.

# ФОРМИРОВАНИЕ ПРАВОВОЙ КУЛТУРЫ МОЛОДЕЖИ В УСЛОВИЯХ СТАНОВЛЕНИЯ ПРАВОВОГО ГОСУДАРСТВА

**Алиев Ф.Ш.,**
старший преподаватель кафедры коммерческого право Таджикского государственного унивеститета комерции
**Тел.:** (+992) 917375555
**E-mail:** falizoda@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.01 – теория и история государства и права; история политических и правовых ученый

**Научный руководитель:** Насриддинзода Э.С., доктор юридических наук, профессор, член-корр. Академии наук РТ
**Рецензент:** Саъдизода Дж., кандидат юридических наук, доцент

**Анатация:** В статье рассматривается актуальность правовой культуры молодежы в становлении правового государства и анализированны различные подходы к пониманию как правовой культуры, так и правовой

културы молодежы. Также автором предложенны путы равития правовой культулы молодежы.

**Ключевые слова:** Правовая культура, культура прав человека, правовая культура молодежи, правовое государство.

## FORMATION OF THE LEGAL CULTURE OF YOUTH IN THE CONDITIONS OF FORMATION OF THE LEGAL STATE

**Aliyev F.Sh.,**
Senior Lecturer of the Department of Commercial Law, Tajik Commercial State University
**Тел.:** (+992) 917375555
**E-mail:** falizoda@mail.ru

**Scientific Specialty:** 12.00.01 – theory and history of state and law; history of legal and political doctrines

**Research supervisor:** Nasriddinzoda E.S., Doctor of Law, Professor, Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tatarstan
**Reviever:** Sedizoda J., Candidate of Law, Associate Professor

**Anotation**. The article discusses the relevance of the legal culture of youth in the development of a legal state and analyzes various approaches to understanding both legal culture and legal culture of youth. The author also proposed the fetters of the development of the legal culture of youth.

**Keywords:** Legal culture, legal culture of a person, legal culture of youth, rule of law,

Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва роҳҳои боло бурдани он дар замони муосир дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ касб намудааст, зеро ҷавонони дорои фарҳанги баланд, аз ҷумла фарханги баланди ҳуқуқӣ метавонанд ба босуръат инкишоф ёфтани ниҳодҳои давлатӣ ва ҳуқуқӣ мусоидат намоянд. Баракс, паст будани маърифат ва шуури ҳуқуқӣ боиси заифгардии инкишофи давлат ва ҳуқуқ мегардад.

Мушкилоти фарҳанги ҳуқуқӣ дар шароити муосир предмети омӯзишу таҳлили олимони соҳаи ҳуқуқ гардидааст, ки ин пеш аз ҳама ба омилҳои муайян вобастагӣ дорад. Якум, фарҳанги ҳуқуқиро зарур аст, ба монанди маърифати ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ дар ҷомеа инкишоф ёбад. Дуюм, барои баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва инкишофёбии он зарур аст, ки дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти чамъиятӣ ва давлатӣ таълимоти ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад. Мушкилоти фаҳмиши мафҳуми фарҳанги ҳуқуқӣ то ҳол ҳалли худро наёфтааст. Олимони соҳа мафҳумҳои гуногуну ба ҳам мухолифи фарҳанги ҳуқуқиро пешниҳод намудаанд, аз ин рӯ то ҳол мафҳуми ягонаи фарҳанги ҳуқуқӣ ҷой надорад. Ҳар як муҳаққиқ бо назардошти фаҳмиши худ мафҳуми фарҳанги

ҳуқуқиро баён намудааст. Масалан, Агроновская Е.В. мафҳуми зерини фарҳанги ҳуқуқиро додааст: «Фарҳанги ҳуқуқӣ – ин намуди низоми фаҳмишҳо, баҳодиҳӣ, бовари, ки ҳаёти ҳуқуқии ҷомеаро ифода менамояд» [1, с. 142].

Камаров А.С., Малко А.В. таърифи зерини фарҳанги ҳуқуқиро додаанд: "Фарҳанги ҳуқуқӣ ин «низоми муносибатҳои гуногун, инчунин раванди истеҳсол ва такрористеҳсоли унсурҳои таркибии он дар рафти ивазшавии наслҳои одамон аст"[2, с. 448].

В.С. Нерсесянс мафҳуми «фарҳанги давлатӣ-ҳуқуқӣ»-ро пешкаш намуда, фарҳанги ҳуқуқиро чун «сатҳи муваффақгаштаи инкишоф дар ташкили ҳуқуқии (ё давлатӣ-ҳуқуқии) ҳаёти одамон» таъриф додааст.

Олимони ватанӣ низ ин падидаи муҳими ҳуқуқиро таҳлил намуда, дар асарҳои худ мафҳумҳои фарҳанги ҳуқуқиро пешниҳод намудаанд. Чунончи, мувофиқи ақидаи Сотиволдиев Р.Ш. фарҳанги ҳуқуқӣ – ин як намуди фарҳанги ҷомеа мебошад, ки аз сатҳи инкишофи ҳуқуқии ҷомеа дар робита бо ҳамаи унсурҳои воқеияти ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳад [3, с. 605].

Насурдинов Э.С. мафҳуми фарҳанги ҳуқуқиро ба таври зайл пешниҳод мекунад: "Фарҳанги ҳуқуқӣ – ин қисми таркибии фарҳанги умумии ҷомеа ва фард маҳсуб меёбад"[4, с. 58]. Мувофиқи ин ақида фарҳанги ҳуқуқӣ қисми таркибии фарҳанги умумӣ ва фард эътироф мешавад. Муаллифон пештар ба мафҳуми умумии фарҳанги ҳуқуқӣ диққат дода, ба фарҳанги ҳуқуқии фард камтар аҳамият медоданд. Дар асоси мафҳуми додаи Насурдинов Э.С., ки фарҳанги ҳуқуқиро қисми таркибии ҳам фарҳанги умумии ҷомеа ва ҳам фард меҳисобад, таҳлилҳои нави илмӣ – ҳуқуқӣ дар масъалаи фарҳанги ҳуқуқии фард метавонад рӯи кор ояд, зеро фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун қисми таркибии фарҳанги умумиҷамъиятӣ ба андозае дар сатҳи илми ҳуқуқ таҳлил гардидааст. Аммо фарҳанги ҳуқуқии фард дар шароити муосир таҳлилҳои илмӣ-амалиро тақозо дорад. Фарҳанги ҳуқуқии фард низ падидаи васеъ буда, он ба маънои васеъ ҳамчун фарҳанги ҳуқуқи инсон фаҳмида мешавад, ки дорои зерсоҳаҳои худ мебошад, ба монанди фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон, фарҳанги ҳуқуқии занон, фарҳанги ҳуқуқии маъмурони давлатӣ ва ғайра. Дар ин замина муҳаққиқи дигари ватанӣ Саъдизода Ҷ. мавзӯи фарҳанги ҳуқуқи инсонро дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд таҳлил намуда, фарҳанги ҳуқуқи инсонро қисми таркибии фарҳанги умумӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ медонад [5, с. 69]. Ӯ дар асоси таҳлили мавзӯи фарҳанги ҳуқуқи инсон чунин мафҳуми фарҳанги ҳуқуқи инсонро пешкаш намудааст: «Фарҳанги ҳуқуқи инсон қисми таркибии фарҳанги умумӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ буда, аз низоми донишҳо, арзишҳо, нишондод, анъана, ҳиссиёт, ки оид ба ҳуқуқи инсон ташаккул меёбанд, иборат аст, ҳамзамон дарк, арзёбӣ, принсип, стантдарт ва механизмҳои амалишавӣ ва инъикоси меъёрии онҳоро дар доираи пояҳои мавҷудаи фарҳангӣ ва тамаддунии ҷомеа фаро мегирад [5, с. 73].

Дар масъалаи мафҳуми фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон дар илми ҳуқуқ тадқиқотҳои кофӣ гузаронида нашудааст. Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон, ки барои ташкили давлати ҳуқуқбуёд нақши асосиро мебозад, баланд бардоштани он вазифаи муҳими давлат ва ҷомеа ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад дар сатҳи назарияи илми ҳуқуқ кор кардани паҳлӯҳои гуногуни он ва дар амалияи

ҷамъиятӣ ташкили нақша-чорабиниҳо оид ба роҳҳои баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон муҳим арзёбӣ мегардад.

Муҳаққиқон оиди фаҳмиши мафҳуми фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон чандон диққат надодаан ва ин тадқиқодҳои зиёдро тақозо дорад. Ба андешаи Полухина О.П. «фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон – ин маҷмӯи донишҳои ҳуқуқӣ, арзишҳо, муқаррарот, меъёрҳо мебошад, ки дар шуури ҳуқуқӣ мустаҳкам гардида, дар ҳаёти ҳуқуқӣ амалӣ гардидааст ва тарзи муайяни ташкили фаъолияти ҳайёти ҷавононро чун субъекти давомдиҳандаи фазои ичтимоӣ- ҳуқуқии ҷомеа ташкил медиҳанд» [6].

Ҳамин тариқ, дар асоси андешаҳои пешкашгардида чунин мафҳуми фарҳанги ҳуқуқи ҷавононро пешниҳод намудан мумкин аст: “Фарҳанги ҳуқуқи ҷавонон қисми таркибии фарҳанги ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқи инсон буда, аз маҷмӯи донишҳо, арзишҳо, меъёрҳо, фаъолияти ҳуқуқӣ ва муқаррарот иборат аст, ки ҳаёти ҳуқуқии чавононро ифода менамояд”.

Ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон дар раванди барпо намудани давлати ҳуқуқбунёд вазифаи муҳими давлат ва ҷомеа ба ҳисоб меравад, зеро бе маърифатнокии ҳуқуқии аҳолӣ ва хусусан ҷавонон, ки минбаъд давомдиҳандаи сиёсати ичтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии ҷомеа ва давлат ба шумор меравanд, бунёди давлати ҳуқуқбунёд ғайри имкон мегардад. Давлати ҳуқуқбунёд ба маънеи васеъ давлате мебошад, ки дар он ҳуқуқ ҳукмрон аст. Барои ҳукмронии пурраи ҳуқуқ дар давлат бояд шаҳрвандон дорои сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ бошанд. Донистани арзишу муқаррароти ҳуқуқӣ ва риоя намудани онҳо ҳам аз ҷониби аҳолӣ ва ҳам аз ҷониби маъмурони давлатӣ чун рукни асосии давлати ҳуқуқбунёд ба ҳисоб меравад. Ҷавонон, ки ҳамчун нерӯи асосии давлатдорӣ ба шумор меравand, бе нақши фаъоли онҳо дар ҳаёти сиёсии кишвар ташкил намудани давлати ҳуқуқбунёд имконнопазир аст. Бо ин мақсад баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ ва махсусан ҷавонон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд аҳамияти муҳим дорад. Чунин мешумерем, ки барои бо муваффақият ҳал намудани вазифаи баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ ва махсусан ҷавонон нақша-чорабиниҳои низомнок бояд дар ҳамаи самтҳои муҳими давлатдорӣ гузаронида шавад.

Ба ғайр аз ин гузаронидани чорабиноҳои гуногун дар самти ташаккули фаъолнокии ҷавонон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ барои баланд бардоштани фарҳанги умумии ҷавонон ва фарҳанги ҳуқуқии онҳо муҳим ва зарур арзёбӣ мегардад.

Бояд қайд намоем, ки дар ташаккули мустақилияти ҷавонон ташкилотҳои ҷамъиятӣ нақши муҳим мебозанд. Онҳо дорои механизмҳои таъсиррасон буда, барои иштироки фаъоли ҷавонон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ кӯмак менамоянд.

Мавриди қайд аст, ки нақши асосиро дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон, сиёсати давлатии ҷавонон дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни махсус, яъне Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» қабул гардид, ки пурра муносибатҳоро дар ин самт танзим менамояд. Дар даврони соҳибихтиёри ҷиҳати баланд бардоштани фарҳанги умумӣ ва фарҳанги ҳуқуқии чавонон як қатор барномаҳои давлатӣ дар масъалаи тарбияи ҷаонон дар соҳаҳои гуногун қабул гардидаанд, ки барои рушду такомул

ва тарбияи дурусти ҷавонон замина гузоштаанд. Бо назардошти муҳим будани масъалаи мазкур Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ соли 2017-ро “Соли ҷавонон”эълон намуд [7]. Ҳамчунин, Президенти кишвар дар паёми худ ба парлумон аз 26 декабри соли 2018 ба Ҳукумати Ҷумҳури супориш дод, ки барномаи нави ҳукматӣ “Дар бораи тарбияи ҳуқуқии ҷавонон”-ро қабул намояд, ки боз як қадами устувор дар сиёсати давлатии ҷавонон ва тарбияи ҳуқуқии ҷавонон ба шумор меравад [7].

Бояд қайд намуд, ки яке аз роҳҳои асосии боло бурдани фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон - ин таълим ва тарбияи ҳуқуқии ҷавонон ба шумор меравад. Таълим ва тарбияи ҳуқуқии ҷавонон заминаи худро аз мактабҳои миёна дар асоси барномаҳои таълимӣ, яъне фанни таълимии асосҳои давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон гирифта, дар мактабҳои олӣ бошад дар ихтисосҳои ғайриҳуқуқӣ фанни таълимии ҳуқуқшиносӣ омӯхта мешавад, ки бевосита барои ташаккули шуури ҳуқуқии ҷавонон ва фарҳанги ҳуқуқии онҳо нақши муҳимро иҷро менамоянд.

Дигар воситаи болоравии фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон - ин нашр намудани адабиёти ҳуқуқӣ мебошад.

Боиси қайд аст, ки тарзи дигари ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ташкили машвартхонаҳои ройгони ҳуқуқӣ, ҳам дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ, аз ҷумла шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳо мебошад, ки бевосита метавонанд таъсири худро дар рушди шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон расонанд.

Яке аз воситаи самараноки болоравии фарҳанги ҳуқуқи ҷавонон, ба андешаи мо, ин ташкили озмунҳо дар соҳаҳои ҳуқуқ дар байни ҷавонон дар телевизиону радио ва дигар васоити ахбори омма мебошад, ба мисоли “Бехтарин конститутсиядон”, “Бехтарин ҳуқуқшиноси ҷавон”, “Беҳтарин пешниҳоди ҷавонон ба такмили қонунгузорӣ” ва ғайра. Мавриди қайд аст, ки чунин озмунҳо аз соҳаҳои дигар дар телевизиону радио баргузор гардида истодааст, масалан озмуни “Рассоми беҳтарин”, “Овози тиллоӣ”, “Ихтирои беҳтарин” ва ғайра. Аммо ин гуна озмунхо мутаасифона дар бахши ҳуқуқ гузаронида намешавад. Бо ин мақсад пешниҳод менамоем, ки минбаъд бо мақсади ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ҳама сола ба муносибати рӯзи Конститутсия, рӯзи Президент, рӯзи ҳуқуқи инсон чунин озмунҳо дар телевизиону радио гузаронида шаванд. Албата бахшида ба ин санаҳои муҳим маҳфилҳо, конфронсҳо гузаронида мешаванд, вале агар дар баробари ҳамаи ин иқдомҳо дар васоити ахбори омма чунин озмунҳо гузаронида шаванд, ин иқдом бевосита барои ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва умуман аҳолии кишвар мусоидат хоҳад намуд.

Дар навбати худ ҷавонон илми ҳуқуқро омӯхта, кӯшиш менамоянд, то иштирокчии бевоситаи озмунҳои ҳуқуқ гарданд ва дар натиҷа шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии худро боло бардоранд.

Ҳамин тариқ, дар сурати амалӣ гардидани пешниҳодҳои қайд гардида, фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ташаккулёфта, заминаи муҳимми инкишофи давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

**Адабиёт:**

1. Аграновская В.Е. Правовая культура и обеспечение прав личности / Отв. ред. Е.А. Лукашева. – М.: Наука, 1988. – 142 с. (Электронный ресурс)

2. Камаров С. А., Малько А.В. Теория государства и права. – М., 1999.

3. Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ китоби дарсӣ ҷилди 2. – Душанбе: Империал-Групп, 2010.

4. Насурдинов Э.С. Проблемы формирования правовой культуры в условиях становления демократического государства в Таджикистане. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 196 с.

5. Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12 00 01. – Душанбе. 2018. – 241 с.

6. Полухино О.П. Концептуализация понятия правовой культуры молодеж // https://cyberleninka.ru/article/n/kontseptualizatsiya-ponyatiya-pravovoy-kultury-molodezhi санаи воридшавӣ 12.03.2019

7. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон. Душанбе. Соли 2017 // http://www.president.tj/taxonomy/term/5/68 (санаи муроҷиат 28. 01. 2019).

# ҲУҚУҚИ ИНСОН – ПРАВА ЧЕЛОВЕКА

## ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲУҚУҚИ ИНСОН: ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗ

**Саидзода И.И.,**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ҳ.
**Тел.:** (+992) 987130303
**E-mail:** saidov-i88@mail.ru

**Саъдизода Ҷ.,**
и.в. мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ҳ.
**Тел.:** (+992) 985383867
**E-mail:** jahon_1967@mail.ru

**Сафарзода Н.Ф.,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 939259828
**E-mail:** nekruz-0101@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ

**Муқарриз:** Сафарзода Б.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда.** Дар мақолаи мазкур яке аз соҳаҳои ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ – ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар раванди таҳқиқоти анҷомёфта, заминаҳои пайдоиши соҳаи мазкур ва вазъи кунунии он баррасӣ гардида, зарурияти омӯзиш ва дарки дурусти соҳаи мазкур аз ҷониби олимони ватанӣ матраҳ мегардад.

**Калидвожаҳо:** Ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон, Эъломияи Куруши Кабир, санадҳои миллӣ ва байналмилалӣ.

# МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО ПРАВ ЧЕЛОВЕКА: ИСТОРИЯ И СОВРЕМЕННОСТЬ

**Саидзода И.И.,**
доцент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета, к.ю.н.
**Тел.:** (+992) 987130303
**E-mail:** saidov-i88@mail.ru

**Саъдизода Дж.,**
и.о. заведующего кафедрой прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета, к.ю.н.
**Тел.:** (+992) 985383867
**E-mail:** jahon_1967@mail.ru

**Сафарзода Н.Ф.,**
ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 939259828
**E-mail:** Nekruz-0101@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.01 – теория и история права и государства; история правовых и политических учений

**Рецензент:** Сафарзода Б.А., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация.** В данной статьи проанализируется один из отраслей международного публичного права – международное право прав человека. В исследовании рассматривается предпосылки зарождения международного право прав человека и ее современного состояния, а также обосновывается необходимость ее изучения и восприятия.

**Ключевые слова:** Права человека, международное право прав человека, Декларация Кира Великого, национальные и международные акты.

# INTERNATIONAL LAW OF HUMAN RIGHTS: HISTORY AND MODERNITY

**Saidzoda I.I.,**
associate Professor of the Department of human rights and comparative Law, Faculty of law, Tajik national University, candidate of law
**Тел.:** (+992) 987130303
**E-mail:** saidov-i88@mail.ru

**Sadizoda J.,**
executive duties head of the Department of Human Rights and Comparative Law, Faculty of Law of the Tajik National University, candidate of law
**Tel:** (+992) 985383867
**E-mail:** jahon_1967@mail.ru

**Safarzoda N.F.,**
assistant of the Department of Human Rights and Comparative Law of the Law Faculty of the Tajik National University
**Phone:** (+992) 939259828
**E-mail:** Nekruz-0101@mail.ru

**Scientific specialty:** 12.00.01 – theory and history of law and the state; history of legal and political doctrines

**Reviewer:** Safarzoda B.A., Doctor of Law, Professor

**Annotation.** This article will analyze one of the branches of public international law – international human rights law. The study examines the prerequisites for the emergence of international human rights law and its current state, as well as the need for its study and perception.

**Keywords:** Human rights, international human rights law, the Declaration of Cyrus the Great, national and international acts.

Инсоният аз лаҳзае, ки худро ҳамчун мавҷудоти бошуур шинохт, дарки олами ҳастӣ намуд ва дар муносибати байниҳамдигарӣ қарор гирифт, талош варзид то хешро аз ҳар гуна ҳолат ҳифз намуда, барои озодӣ мубориза барад. Ин тарзи фаъолияти инсон аввалан дар доираи қоидаҳои ахлоқӣ зуҳур намуда, баъдан тавассути урфу одат инкишоф ёфта, сониян дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ (санадҳо) мавриди ҳифз қарор гирифт.

Рушд намудани ҷомеаи инсонӣ, ба вуҷуд омадани муносибатҳои нав дар арсаи байналмилалӣ ва бархӯрди манфиатҳои сиёсиву иқтисодӣ дар байни абарқудратҳо зарурияти ҳифз ва ҳимоя намудани ҳуқуқу манфиатҳои аҳолии сайёраро ба вуҷуд овардааст. Табиист, ки дар чунин марҳила имконияти ҳифз ва ҳимоя намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо бо роҳи дастаҷамъӣ имконпазир ва самарабахш хоҳад буд. Бо мақсади ноил шудан ба ҳадафи мазкур созмонҳои махсусгардонидашудаи сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ таъсис ёфтаву дар заминаи онҳо як қатор санадҳои муҳим оид ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд қабул ва мавриди амал қарор гирифтаанд. Чунин намуди муносибатҳо дар заминаи яке аз соҳаҳои ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ, яъне ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон мавриди омӯзиш қарор дода мешавад.

Доир ба номгузорӣ, нақш ва ҷойгоҳи ин соҳаи ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ андешаҳо якранг набуда, гуногунандешии ҳуқуқӣ дар байни олимони соҳа ҷой дорад, ки таҳқиқоти алоҳидаи илмиро талаб менамояд.

Қайд намудан ба маврид, ки соҳаи мазкур аз лиҳози сарчашмаҳояш дар байни дигар соҳаҳои ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ мавқеи аввалро ишғол менамояд. Аз рӯи маълумотҳои дастрасгардида имрӯз дар дунё зиёда аз 100 санади ҳуқуқии байналмилалии универсалӣ ва 200 санади ҳуқуқии байналмилалии минтақавӣ доир ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин оид ба механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон қабул гардидаанд [6, с. 12]. Яқин аст, ки санадҳои мазкур дар ҷойи холӣ ба вуҷуд наомада, барои қабул намудани онҳо таҳкурсии амиқи таърихӣ зарур буд ва онҳо маҳз дар заминаи сарчашмаҳои нодири таърихӣ таҳия ва мавриди амал қарор гирифтаанд. Эъломияи Куруши Кабир, ки аз зумраи куҳантарин сарчашмаи таърихии ҳуқуқи инсон шинохта мешавад, заминаи асосиро барои бавуҷудоии санадҳои байналмилалӣ дар самти ҳуқуқи инсон гузоштааст, ки онҳо имрӯз ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон баромад менамоянд.

Эъломияи мазкур соли 539-и п.м. қабул гардида, бо номҳои «Маншури Куруши Кабир» [3, с. 46], «Силиндри Куруш» [4, с. 126], «Эъломияи Озодии Миллӣ» ё «Эъломияи Озодии Миллатҳо» [1, с. 15] ва дар сатҳи байналмилалӣ бо номи «Эъломияи Куруши Кабир» маълуму машҳур мебошад [8, с. 62]. Эъломия заминаи мусоидро ҷиҳати таъмин намудани озодии дину мазҳаб, озодии интихоби ҷойи зист, ҳуқуқи ихтиёрдори намудани моликият, манъи шиканҷаву ғуломӣ, манъи хариду фурӯши инсон ва ғ. гузошта, пойдории империяи бузурги Ҳахоманишиёнро таъмин намуд. Зеро он тавонист ҳафтод халқу миллати дар ҳудуди империя зиндагикунандаро ба ҳам муттаҳид намояд.

Ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон аз маҷмӯи меъёрҳо ва принсипҳое иборат мебошад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро кафолат дода, онҳоро мавриди ҳимоя қарор медиҳад. Яъне, асоси онро санадҳои байналмилалие ташкил медиҳанд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро мавриди эътироф, риоя ва ҳифз қарор додаанд. Дар байни

санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон мавқеи намоёнро Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (10.12.1948), Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ (16.12.1966), Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (16.12.1966) ва як қатор конвенсияҳои соҳавӣ ишғол менамоянд, ки ҳуқуқҳои дар Эъломияи Куруши Кабир дарҷёфта инъикоси воқеии худро дар онҳо пайдо намудаанд. Масалан, зиёда аз даҳ ҳуқуқе, ки Эъломияи Куруши Кабир пешбинӣ менамояд, қариб ҳамаи онҳо дар санадҳои мазкур ба мушоҳида мерасанд, ё қисмати асосии онҳоро маҳз ҳамин ҳуқуқҳо ташкил медиҳанд. Ба таври мисол метавон моддаҳои 3, 4, 10, 13, 17, 18-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, моддаҳои 7, 8, 9, 12, 14, 18-и Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ ва моддаҳои 1, 2, 3, 6, 7, 10-и Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ёдовар шуд. Дар санадҳои зикршуда чунин ҳуқуқ ва озодиҳои инсон пешбинӣ гардидааст: ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба озодӣ, ҳуқуқ ба озодӣ аз ғуломӣ ва ғуломфурӯшӣ, ҳуқуқ ба озодии ҳаракат ва интихоби ҷойи зист, ҳуқуқ ба моликият, ҳуқуқ ба озодии дину мазҳаб ва ғ.

Бояд қайд намуд, ки дар илми ҳуқуқи инсон ва умуман дар сатҳи байналмилалӣ ду ҳуқуқе мавҷуд аст, ки дар ягон ҳолат маҳдуд карда намешаванд, яъне ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва ҳуқуқ ба озодӣ аз ғуломӣ. Ҳуқуқҳои мазкур аз зумраи ҳуқуқҳои мутлақ маънидод карда шудаанд [2, с. 91]. Дар Эъломияи Куруши Кабир ҳуқуқҳои номбаршуда мустаҳкам гардида, иҷозати татбиқ намудани шиканҷа нисбати инсон ва хариду фурӯш намудани ӯ маън буд, ки моҳиятан дар бандҳои 2 ва 7-и Эъломия [5, с. 117-118] дарҷ ёфтаанд.

Маврид ба тазаккур аст, ки вобаста ба ҳуқуқҳои ҷудогонаи Эъломияи Куруши Кабир имрӯз дар сатҳи байналмилалӣ санадҳои ҷудогона қабул гардидаанд, ки ба зумраи онҳо метавон Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам задани тамоми шаклҳои табъизи нажодӣ аз 21-уми декабри соли 1965, Эъломия дар бораи ҳимояи ҳамаи ашхос аз шиканҷа ва дигар навъи муносибат ва ҷазои бераҳмона ва пастзанандаи шаъну шараф аз 9-уми декабри соли 1975, Конвенсияи СММ зидди шиканҷа ва дигар навъи муносибат ва ҷазои бераҳмона ва пастзанандаи шаъну шараф аз соли 1984, Конвенсия дар бораи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ аз 4-уми ноябри соли 1950, Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи ҳуқуқу озодиҳои инсон, Конвенсияи Америкоӣ оид ба ҳуқуқи инсон аз 22-юми ноябри соли 1969, Хартияи африқоии ҳуқуқи инсон ва халқҳо аз 26-уми июни соли 1981 ва ғ.-ро дохил намуд.

Ҳамаи ин санадҳои зикргардида дар таркиби худ ҳуқуқҳоеро, ки Эъломияи Куруши Кабир пешбинӣ намуда буд, ҷой додаанд. Пас месазад гуфт, ки санадҳои мазкур дар заминаи Эъломияи зикршуда таҳия ва қабул гардидаанд. Эъломияи мазкур таъсири худро натанҳо ба санадҳои фавқуззикр, балки ба Хартияи Бузурги Озодӣ дар Англия соли 1215 гузоштааст [7, с. 71-84], ки онро муҳақиқони аврупоӣ ба сифати заминагузори дигар сарчашмаҳо дар самти ҳуқуқи инсон маънидод

менамоянд. Бо назардошти аҳамияти бузург доштани ин сарчашмаи нодири таърихӣ соли 1971 СММ матни Эъломияи Куруши Кабирро бо шаш забони расмии коргузории созмон тарҷума намуд, ки алъон он дар ошёнаи дуюми қароргоҳи расмии СММ дар ш. Ню-Йорки ИМА нигоҳ дошта мешавад ва нусхаи Эъломия низ дар ин ҷо маҳфуз мебошад [9].

Моҳияти таърихӣ доштани санадҳои байналмилалӣ ба касе пӯшида нест. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ин ҷода нақш ва мавқеи Эъломияи Куруши Кабир бениҳоят бузург аст. Дар шароите, ки ҷомеаи инсонӣ марҳилаи ҳассоси ҳаётро сипарӣ менамояд, баҳра бардоштан аз ҷабҳаҳои мусбати он баҳри расидан ба ҳадафҳои пешакардаи инсоният кӯмаки амиқ хоҳад расонд. Бо ин назардошт, аҳамияти омӯзиши ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон ва сарчашмаҳои таърихиву муосири он бештар гардида, анҷом додани назари некро аз ҷониби мутасаддиёни соҳа талаб менамояд. Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки Эъломияи Куруши Кабир заминаи асосии бавуҷудоии ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсонро гузоштааст. Новобаста аз оне, ки ин соҳаи ҳуқуқ дар садаи гузашта эътироф шудааст, аммо моҳияти таърихӣ доштани он мавзӯест, бебаҳс…

**Адабиёт:**


1. Бастангор Муҳаммад. Ҳуқуқи башар аз манзари андешамандон / Пажӯҳиш ва тадвини Муҳаммад Бастангор. – Теҳрон: Интишор, 1380 ҳ.
2. Диноршоев А.М., Сафаров Д.С. Ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2010.
3. Ҷамшедов П. Аз Пешдодиён то Сомониён. – Душанбе, 1999.
4. Насурдинов Э.С., Сафаров Д.С. История государства и права Таджикистана. Часть I (от древнейших времен до X в.) – Душанбе, 2013.
5. Рахмон Д.С., Саъдизода Дж, Сафарзода Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография. – Душанбе: ТАЙАРОН, 2018. – 176.
6. Сафарзода Б.А. Ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон ва аҳамияти омӯзиши он дар замони муосир // Поси ҳуқуқи инсон чун дастоварди умумибашарӣ. (Маводҳои конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба муносибати 65-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башар) / зери таҳрири н.и.ҳ. Сафаров Б.А. – Душанбе, 2014.
7. Саъдизода Ҷ., Некрузи Ф. Эъломияи Куруши Кабир ва Хартияи Бузурги Озодӣ: монандӣ ва тафовут // Ҳаёти ҳуқуқӣ. Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – №2 (10). – Душанбе, 2015.
8. Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Баҳмандрӯд, 2016. – 164 с.
9. http://russian.irib.ir/radioculture/ira ... item/77434 (санаи муроҷиат: 24.07.2018).

# УЧЕНИЯ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ О ПРАВАХ ЧЕЛОВЕКА

**Шоев Ф.М.,**
кандидат юридических наук, старший преподаватель кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 918-55-77-99
**E-mail:** f.m.shoev@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.01 – теория и история права и государства; история правовых и политических учений

**Рецензент**: Холикзода А.Г., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация.** В данном статье автор актуализирует проблемы исследование учения персидско-таджикских мыслителей о правах человека в качестве значимого направления исследовании истории политико-правовых учений. Автор также определяет целой и задачи изучение и исследование данной темы и причисляет имён тех персидско-таджикских мыслителей в трудах, которых скрыты общечеловеческие ценности, и в которых во все времена нуждается человечество.

**Ключевые слова:** Государство, право, права человека, общечеловеческие ценности, охрана и защита прав человека, учения великих мыслителей мира о правах человека, учения персидско-таджикских мыслителей о правах человека.

# ТАЪЛИМОТИ МУТАФАККИРОНИ ФОРСУ ТОҶИК ДАР БОРАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

**Шоев Ф.М.,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 918-55-77-99
**E-mail:** f.m.shoev@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ

**Муқарриз:** Холиқзода А.Ғ., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда.** Дар мақолаи мазкур муаллиф проблемаҳои тадқиқоти таълимоти мутафаккирони форсу тоҷик дар бораи ҳуқуқи инсонро мубрамиятнок намуда, ба сифати самти аҳамиятноки тадқиқоти таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ нишон додааст. Муаллиф инчунин мақсад ва вазифаҳои омӯзишу тадқиқи мавзӯи мазкурро муайян намуда, номҳои он мутафаккирони форсу тоҷикро, ки дар асарҳояшон арзишҳои умумиинсонӣ нуҳуфтаанд, номбар кардааст, ки ба онҳо дар ҳар давру замон инсоният ниёз дорад.

**Калидвожаҳо:** Давлат, ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, арзишҳои умумиинсонӣ, ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи инсон, таълимоти мутафаккирони барҷастаи ҷаҳон дар бораи ҳуқуқи инсон, таълимоти мутафаккирони форсу тоҷик дар бораи ҳуқуқи инсон.

## THE TEACHINGS OF THE PERSIAN-TAJIK THINKERS ON HUMAN RIGHTS

**Shoev F.M.,**
Candidate of Law, Senior Lecturer of the Department of Human Rights and Comparative Law of the Law Faculty of the Tajik National University
**Phone:** (+992) 918-55-77-99.
**E-mail:** f.m.shoev@mail.ru

**Scientific Specialty:** 12.00.01 – theory and history of the law and state; history of legal and political doctrines

**Reviewer:** Kholiqzoda A.G., Doctor of Legal Sciences, Professor

**Annotation.** In this acticle, the author actualizes the problems of studying the teachings of Persian-Tajik thinkers on human rights as a significant area of the research of the history of political and legal doctrines. The author also defines the goals and objectives of the study and research of this theme and ranks the names of those Persian-Tajik thinkers in the works, which are hidden in human values, and in which humanity needs in all times.

**Keywords:** State, law, human rights, universal human values, protection and defense of human rights, teachings of great world thinkers on human rights, teachings of Persian-Tajik thinkers on human rights.

Права человека наряду с государством, правом и другими государственно-правовыми явлениями выступает в качестве объектов изучения истории политико-правовых учений. В современном мире изучение и исследование учений, воззрений и взглядов великих мыслителей о правах человека является весовмым вкладом в деле процветания мира на земле. Особенно в современном мире на фоне происходившихся военных

конфликтов и войн, разногласий между лидирующими государствами, международное сотрудничества, защита прав человека становится всё более актуальными.

Изучая и исследуя учения, воззрения и взглядов великих мыслителей о правах человека мы попытаемся привлечь внимания мирового сообщество в деле уважения человеческих ценностей, выше всех интересов государств поставит интересы человека и гражданина, улучшения способов и путей охраны и защиты прав и свобод человека. Именно об этом великие мыслители мира в своих учениях, воззрениях и взглядах о правах человека говорили и писали, чтобы воплотились их мечты, мы попытаемся изучать и исследовать одну из частей «Учения великих мыслителей мира о правах человека» – «Учения персидско-таджикских мыслителей о правах человека».

Учения персидско-таджикских мыслителей о правах человека как направления исследования имеет свои цели и задачи. В качестве целей и задач изучения и исследования данной тематики выступают следующее:

1) После приобретения государственной независимости в Республике Таджикистан начался новый период развития, и одним из основных целей и задач государства и права стало более подробно изучить историю государства и государственности, права и правотворчества наших предков таджиков. В связи с этим изучения и исследования учения персидско-таджикских мыслителей о правах человека стало более актуальной в науки теории и истории права и государства; истории правовых и политических учений (юридические науки);

2) Изучая, исследуя и анализируя труды персидско-таджикских мыслителей, мы выявляем и предлагаем в мировом масштабе, те учения, воззрения, взгляды и идеи персидско-таджикских мыслителей о правах человека, которые стали общечеловеческими ценностями и служат во имя процветания мира на земле и продолжения человеческого рода;

3) Данная научная работа будет написано на русском языке, чтобы ознакомить мирового сообщества с учениями персидско-таджикских мыслителей о правах человека, так как русский язык является одним из официальных рабочих языков ООН, а также ознакомить труды наших предков-мыслителей с точки зрения юридических наук постсоветских государств и стран-участников СНГ.

Учения персидско-таджикских мыслителей о правах человека охватывает учения тех персидско-таджикских мыслителей в трудах, которых рассматривались идеи и истоки концепции о правах человека. К ним относится такие учены как Абуабдулла Рудаки (858-941), Абунаср Фарабы (870-950), Абулкасим Фирдоуси (934-1020), Абуали ибна Сина (950-1037), Насир Хисрав (1004-1088), Низам аль-Мульк (1017-1092), Умар Хайям (1040-1131), Мухаммад Газали (1058-1112), Низами Ганджави (1141-1209), Саади Ширази (1204-1292), Джалалуддин Балхи (1207-1273), Амир Хисрав Дехлави (1253-1325), Убайд Закани (1270-1370), Хафиз Ширази (1320-1389), Абдурахман Джами (1414-1492), Алишер Навои (1441-1501),

Бахриддин Хилали (1470-1529), Зайниддин Махмуд Васифи (1485-1556), Абдурахман Мушфики (1525-1588), Сайида Насафи (прим. 1650-1707/1711), Мирзаабдулкадир Бедил (1644-1721), Зебунниса (1639-1702) и много других последующих персидско-таджикских мыслителей о правах человека, которые являются важными и значимыми в становление и зарождении идеи прав человека в истории политико-правовой мысли Востока. Многие идеи и теоретические концепции, которых созвучны современным стандартам в области прав человека.

**Литература:**

1. Диноршоев А.М. Права человека. Учебник для вузов. – Душанбе, 2010. – 336 с.
2. Диноршоев А.М., Азиззода У.А., Павленко Е.М., Искандаров Ш.Ф. Механизмы защиты прав человека. Учебное пособие / Под ред. д.ю.н., профессора А.М. Диноршоева. – Душанбе, 2018. – 324 с.
3. Диноршоев А.М., Сафаров Д.С. Права человека. Учебник для вузов. – Душанбе, 2010. – 296 с. (на тадж. яз.).
4. Диноршоев, А.М. Права человека в истории общественной мысли: монография / А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2013. – 192 с.
5. Диноршоев, А.М., Саъдизода, Дж., Имомова, З.Б. Идея прав человека: взгляд на источники, религии и учения просветителей: монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 136 с. (на тадж. яз.).
6. Искандаров З.Х. Права человека и национальные механизмы их защиты. Учебное пособие. – Душанбе: Эчод, 2007. – 136 с. (на тадж. яз.).
7. История политических и правовых учений: Учебник для вузов / Под общ ред. акад. РАН, д.ю.н., проф. В.С. Нерсесянца. – 4-е изд. перераб. и доп. – М.: Норма, 2004. – 944 с.
8. История прав человека: учебник для вузов / Под ред. А.М. Диноршоева. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 320 с.
9. Капицын В.М. История, теория и защита прав человека: Учебник. – М.: Московский университет потребительской кооперации, 2003. – 260 с.
10. Капицын В.М. Права человека и механизмы их защиты. Учебное пособие. – М.: ИКФ Экмос, 2003. – 288 с.
11. Ойев Х., Сафаров Б.А. Механизмы защиты прав человека и гражданина в Республике Таджикистан. Учебное пособие. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 256 с. (на тадж. яз.).
12. Права человека: история, теория, практика. Коллективная монография / Под ред. А.М. Диноршоева и У.А. Азизова. – Душанбе: Офсет-Империя, 2016. – 584 с.
13. Права человека: учебник / А.Н. Головистикова, Л.Ю. Грудцына. - М.: Эксмо, 2006. – 448 с.
14. Права человека: Учебник для вузов. / Отв. ред. чл.-корр. РАН, д.ю.н. Е.А. Лукашева. – М.: «Норма», 2003. – 576 с.

15. Проблемы общей теории права и государства: учебник для вузов / Под общ. ред. В.С. Нерсесянца. – М.: Норма, 2008. – 832 с.

16. Рахмон Д.С., Саъдизода Дж., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография. – Душанбе: Тайарон, 2018. – 176 с.

17. Сафаров Д.С. Права человека и глобализация в контексте исламской правовой культуры: монография. – Душанбе: Офсет Империя, 2014. – 228 с.

18. Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от Зороастра до Кира: монография. – Душанбе: Баҳманрӯд, 2016. – 164 с. (на тадж. яз.)

19. Сотиволдиев Р.Ш. Общая теория права и государства. Учебник для студентов юридических факультетов. – Душанбе: Эчод, 2005. – 512 с. (на тадж. яз.).

20. Сотиволдиев Р.Ш. Теория государства и права (учебник для высших профессиональных образовательных учреждений). – Душанбе: Империал-Групп, 2014. – 720 с. (на тадж. яз.).

21. Сотиволдиев Р.Ш. Теория государства и права. Учебник для вузов. – Душанбе: Империал-Групп, 2009. – 356 с.

22. Сотиволдиев, Р.Ш. История политико-правовых учений: учебник. – Душанбе: ЭР-граф, 2011. – 460 с. (на тадж. яз.).

23. Стремоухов А.В. Правовая защита человека (краткий учебный курс). – М.: Норма, 2006. – 352с.

24. Халиков, А.Г. Исламское право: учебник для вузов. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 400 с. (на тадж. яз.).

25. Халиков, А.Г. История государства и права Таджикистан. Ч. 1: учебник для вузов. – 2-е изд. с изм. и доп. – Душанбе: Эр-граф, 2014.– 340 с. (на тадж. яз.).

26. Халиков, А.Г. Краткий курс по истории прав человека: учебное пособие. – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2007. – 92 с. (на тадж. яз.)

27. Халиков, А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право): монография. – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2005. – 488 с.

28. Холикзода, А.Г. Политико-правовые учения Мухаммада Газзали // Холикзода А.Г. Теория восточного управления (в учениях персидско-таджикских мыслителей): хрестоматия (средние века). – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – С. 120 (на тадж. яз.).

29. Холиков А.Г., Диноршоев А.М. Права человека. / Под ред. д.ю.н., проф. Холикова А.Г. – Душанбе, 2009. – 704 с.

# ҲУҚУҚИ МАЪЮБОН МУВОФИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ ВА АСНОДИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Саъдизода Ҷ.,**
и.в. мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ҳ.
**Тел.:** (+992) 985383867
**E-mail:** jahon_1967@mail.ru

**Исматова М.Ҳ.,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 988806548

**Ихтисоси илмӣ**: 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ

**Муқарриз:** Шоев Ф.М., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

**Фишурда.** Дар мақолаи мазкур масъалаи ҳифз ва ҳимояи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи маъюбон аз якчанд санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад. Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати шахсони имконияташон маҳдуд диққати махсус дода, ҳамаҷониба онҳоро дастгирӣ менамояд. Ин ва дигар масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқи маъюбон дар ин мақола мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

**Калидвожаҳо:** Ҳуқуқ, қонун, эъломия, конвенсия, шахсони маъюб, қарор, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳифзи иҷтимоӣ.

# ПРАВА ИНВАЛИДОВ СОГЛАСНО МЕЖДУНАРОДНЫМ АКТАМ И НАЦИОНАЛЬНЫМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВОМ

**Саъдизода Дж.,**
и.о. заведующего кафедрой прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета, к.ю.н.
**Тел.:** (+992) 985383867
**E-mail:** jahon_1967@mail.ru

**Исматова М.Х.,**
ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведение юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 988806548

**Научная специалность**: 12.00.01 – теория и история права и государство; история правовых и политических учений

**Рецензент**: Шоев Ф.М., кандидат юридических наук

**Аннотация.** В данной статье проанализированы вопросы о правовых и социальных защите инвалидов в Республики Таджикистан. Законадательство Республики Таджикистан о правах инвалидов основано на Конституции Республики Таджикистан, нормативно-правовых актов Республики Таджикистан и международных актов, которые Таджикистан ратифицировал. Правительство Республики Таджикистан относиться с пониманием к людям с ограниченнимы возможностями и всесторонно поддержывает их. В статье также были проанализированы эти и другие вопросы, касающиейся правового статуса инвалидов согласно международным актам и национальным законодательством.

**Ключевые слова:** Право, закон, декларация, конвенция, инвалид, постановление, Республика Таджикистан, социальная защита.

## RIGHT OF PERSONS WITH DISABILITIES ACCORDING TO THE INTERNATIONAL ACTS AND NATIONAL LEGISLATION

**Sadizoda J.,**
executive duties head of the Department of Human Rights and Comparative Law, Faculty of Law of the Tajik National University, candidate of law
**Phone:** (+992) 985383867
**E-mail:** jahon_1967@mail.ru

**Ismatova M.H.,**
Assistant of the Department of Human Rights and Comparative Law of the Law Faculty of the Tajik National University
**Phone:** (+992) 988806548

**Scientific specialty:** 12.00.01 – theory and history of law and the state; history of legal and political doctrines

**Reviewer:** Shoev F.M., candidate of law

**Annotation.** This article analyzes the issues of legal and social protection of persons with disabilities in the Republic of Tajikistan. The legislation of the Republic of Tajikistan «On social protection of persons with disabilities» is based on the Constitution of the Republic of Tajikistan and consists of some normative legal acts of the Republic of Tajikistan and international acts that Tajikistan has ratified. The government of the Republic of Tajikistan treats people with disabilities with understanding and fully supports them.

**Keywords:** Right, law, Declaration, Convention, disabled person, resolution, Republic of Tajikistan, social protection.

Ҳимоя ва ҳифзи иҷтимоии маъюбон аз ҷумаи масъалаҳое мебошад, ки аз рӯзҳои нахустини ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ мавриди таваҷҷуҳи ҳамешагии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Тибқи моддаи якуми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» – «маъюб шахсест, ки дар натиҷаи нуқсёбии саломатӣ бо коҳиши устувори вазифаҳои организм аз беморӣ, ҷароҳат, иллати ҷисмонӣ ва ақлонӣ боиси маҳдуд шудани фаъолияти ҳаётӣ гардидааст ва ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёз дорад». Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии таъминот ва ҳифзи иҷтимоии маъюбонро муайян намуда, ба онҳо имконияти баробари зиндагӣ ва ҳамгироӣ бо ҷомеаро фароҳам меорад.

Бори нахуст Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» 29 декабри соли 2010 таҳти №675 қабул шудааст, ки аз 6 боб ва 36 модда иборат аст.

Пеш аз қабули қонуни мазкур масъалаи ҳифзи иҷтимоии маъюбонро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 24 декабри соли 1991 ба танзим медаровард, ки бо қабули қонуни мазкур аз эътибор соқит дониста шуд [6].

Аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ тибқи резолютсияи №2856 Эъломия оид ба ҳуқуқи шахсони дорои мушкилоти зеҳнӣ аз 20 декабри 1971 ва резолютсияи дигари СММ таҳти №3447 аз 9 декабри 1975 Эъломияи ҳуқуқи шахсони маъюб қабул гардидааст, ки якумин аз 7 банд, дигарӣ аз 13 банд иборат аст [2].

Бо мақсади рушду пешрафти сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таъмини шароитҳои хуби зиндагӣ СММ вазифаҳоеро дар назди давлатҳои аъзои ин созмон гузоштааст, ки онҳо барои беҳбудии зиндагии шахсони маъюб равона шудаанд. Яке аз чунин санадҳо, ки аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ қабул шудааст, Эъломия оид ба ҳуқуқи шахсони дорои мушкилоти зеҳнӣ мебошад. Ин Эъломия аз 7 ҳуқуқи асосие, ки ба шахсони дорои мушкилоти зеҳнӣ тааллуқ доранд, иборат аст [3].

Дар муқаддимаи Эъломия оид ба ҳуқуқи шахсони маъюб суханоне, ки дар муқаддимаи Эъломия оид ба ҳуқуқи шахсони дорои мушкилоти зеҳнӣ сабт шудааст, бо каме иловаҳо зикр гардидаанд. Дар банди саюми Эъломияи мазкур

чунин омадааст: «Шахсони маъюб тамоми ҳуқуқҳои дахлнопазирро барои эҳтироми шаъну шарафи инсониашон доранд. Онҳо новобаста аз нажод, хислат ва дараҷаи маъюбиашон ё мушкилоти зеҳниашон ба мисли ҳамсолонашон ҳамаи ҳуқуқҳоро доранд, ки дар навбати аввал ҳуқуқ ба ҳаёти хушҳолона меистад [2]».

Мутобиқи ҳисоботи оморӣ шумораи шахсони маъюб дар тамоми дунё 650 млн.-ро ташкил менамояд, ки ин теъдод ба 10%-и аҳолии курраи замин баробар аст. 80%-и шахсони маъюб дар давлатҳои тараққикарда зиндагӣ мекунанд ва новобаста аз оне, ки имкониятҳои ҷисмониашон маҳдуд аст, барои пешрафти ҷомеа ва зиндагии худ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ саҳм мегузоранд. Аммо қисми зиёди онҳо аз ҷониби баъзе аз афроди беинтизоми ҷомеа ба таҳқиру масхара гирифтор шуда, ҳуқуқҳояшон поймол мегардад. Дар баъзе мамлакатҳо шахсони маъюб имконият ба таҳсил кардан ва соҳиби кор шуданро надоранд, инчунин аз ҳуқуқ ба моликияти шахсӣ маҳруманд ва дар шароити пасти зиндагӣ қарор доранд [8].

Ин аст, ки бо талош ва пешниҳоди маъюбони тамоми ҷаҳон доир ба ҳифз ва ҳимоя намудани ҳуқуқҳои онҳо дар баробари шахсони солим, СММ Конвенсия оид ба ҳуқуқи шахсони маъюбро 13 декабри соли 2006 ва баъдан ба он Протоколи иловагиро қабул намуд, ки пас аз аъзо шудани 20 давлати дунё ба ин Конвенсия, он 3 майи соли 2008 ба расмият дароварда шуд [4].

Конвенсия дар бораи ҳуқуқи шахсони маъюб аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ қабул гардид, ки аксарияти кишварҳои ҷаҳон азми устувори хешро баҳри риояи ҳуқуқи маъюбон изҳор доштанд. Ин Конвенсия баъди Протоколи иловагиро ба он моҳи марти соли 2007 дохил кардан, ба тасвиб расонида шуд. Дар Конвенсия оид ба ҳуқуқи шахсони маъюб номгӯи зиёди шаклҳои маъюбӣ оварда шудааст, ки бояд дар қонунгзории кишварҳои аъзо инъикос ёбанд. Ин санад ба гурӯҳи маъюбон шахсони дорои нуқсонҳои устувори ҷисмонӣ, рӯҳӣ, ақлӣ ва ҳиссиро дохил мекунад, ки ҳар гуна монеаҳо барои иштироки пурра ва самараноки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ халал мерасонад. Тибқи ҳисоботҳои мавҷудбуда соли 2017 аъзоёни Конвенсияи мазкур 175 давлат ва Иттиҳоди Аврупо (28 давлат)-ро дар бар мегирифт [1]. Дар тамоми дунё 5 май ҳамчун Рӯзи байналмилалии мубориза барои ҳуқуқи шахсони маъюб эътироф гардидааст. Ин сана ҳамасола ба мисли Рӯзи байналмилалии маъюбон, ки 3 декабр эътироф шудааст, ҷашн гирифта мешавад [7].

Санади мазкур ҳуқуқи шахсони маъюб, аз ҷумла баробарӣ дар назди қонун ва манъи табъиз, ҳуқуқ ба ҳаёт, эътирофи соҳибҳуқуқӣ, озод будан аз шиканҷа, озод будан аз истисмор, зӯроварӣ ва муносибати бераҳмона, эҳтиром кардани тамомияти ҷисмонӣ ва рӯҳӣ, рафту омади озод, шаҳрвандӣ, озодии изҳори фикру ақида, дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ, таҳсил, саломатӣ, меҳнат ва дигар ҳуқуқҳои маъюбонро нишон медиҳад.

Аз мазмуни Конвенсия дар бораи ҳуқуқи шахсони маъюб бармеояд, ки шахсони маъюб бояд аз ҳамаи ин ҳуқуқҳо бархӯрдор бошанд. Шахсони маъюб ҳуқуқ доранд, ки баробари дигарон мустақилона зиндагӣ ва фаъолият намоянд. Мустақилона зиндагӣ кардан маънои танҳо умр ба сар бурданро надошта, бо ҳамроҳии оила ё ин ки дар алоқаи доимӣ будан бо дӯстону наздиконро дорад. Ҳамчунин шахсони маъюб ба мисли дигар шахсон дар ҳама ҳолату вазъият

новобаста ба масъалҳои ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятӣ фикри худро озодона баён намуда метавонанд. Агар онҳо ба кӯмак ниёз дошта бошанд, метавонанд аз дигарон ёрӣ талаб намоянд, чунки ба ин ҳуқуқ доранд ва ин ҳуқуқ (яъне ниёз ба кӯмаки дигарон) ҳангоми зиндагии мустақилонаи онҳо низ ҷой дорад.

Дар даврахои қадим шахсони солим маъюбонро дида, аз онҳо тарс доштанду онҳоро ашхоси ба ҷомеа хатарнок меҳисобиданд ва маъюбон зери азобу шиканҷа ва нафрат қарор доштанд. Бо мурури замон ҳатто даврае расида буд, ки баъзе давлатҳо маъюбонро ҳамчун ашёи нокора дар таҷрибаю экспериментҳои илмии худ истифода менамуданд, яъне аввалин экспериментҳо дар шахсони маъюб гузаронида мешуд. Инчунин якчанд сол қабл маъюбонро дар ҷойҳои махсус ба мисли девонахонаҳою муассисаҳои махсуси нигоҳубинии маъюбон ва амсоли инҳо нигоҳ медоштанд ва онҳо ҳуқуқи бо дигар одамон дар як макон қарор доштану таҳсил карданро надоштанд [4]. Масалан, пештар вақтҳо пеш аз қабул шудани Конвенсия оид ба ҳуқуқи шасони маъюб ва Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» дар мактабҳои олии Тоҷикистон шахсони маъюб дар алоҳидагӣ аз шахсони солим гурӯҳбандӣ карда шуда, таҳсили илм менамуданд. Инчунин шахсони маъюбро дар идораҳои давлатӣ ба кор қабул намекарданд, чунки андешаи нодурусту носолиме ҷой дошт, ки гӯё онҳо қобилияти корӣ надоранд. Аммо акнун сатҳи фаҳмиши ҳам давлату ҳам ҷомеа пеш рафтааст ва эҳтиром нисбат ба шахсони маъюб аз ҷониби ҷамъият вуҷуд дорад. Ҳамин аст, ки дар ҳар як муассисаю идораи давлатӣ ва ё шахсие, ки мо қадам мениҳем, бо шахсони маъюб вохӯрдан мумкин аст ва онҳо имрӯз ҳамчун хизматчии содиқ, коргари заҳматкаш, меҳнаткаши асил ва ҳатто хизматчии давлатӣ кору фаъолият намуда, аз эҳтироми хоссаи коллектив бархӯрдоранд. Дар ҳудуди Ҷумҳурӣ якчанд ташкилотҳои дохилию хориҷие вуҷуд доранд, ки дар онҳо шахсони маъюб кор мекунанд ва ҳамин тавр, ҳам зиндагии худро пеш мебаранд ва ҳам ба пешрафти ҷомеа саҳми худро мегузоранд.

Дар қатори дигар кишварҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аъзои Конвенсияи мазкур мебошад. 22 марти соли 2018 дар рафти сафари кории худ ба шаҳри Ню-Йорки ИМА, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи шахсони маъюбро ба имзо расонид. Ин икдом ба таҷлили бузургтарин ҷашнвораи миллӣ – Наврӯзи байналмилалӣ рост омад, ки бе ҳикмат нест. Зеро дар қаламрави ҷумҳурӣ 150 ҳазор шахсони маъюбро ба ҳисоб гирифтаанд, ки 25 ҳазори онҳоро кӯдакон ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, имзои конвенсияи мазкур, ки қадами муҳиме барои тасдиқи он аст, боиси боло рафтани мақому манзалати ин табақаи аҳолӣ ва болидарӯҳии онҳо хоҳад гардид.

Маъюбон дар Ҷумҳурӣ зери ҳимоя ва ғамхории давлат ва ҳукумат қарор доранд. Дар банди сеюми моддаи 34 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд» [5]. Шахсони маъюбро дар ҷумҳурӣ ба якчанд гурӯҳ ҷудо мекунанд: 1) шахсоне, ки дар рафти ҶБВ ба маъюбӣ гирифтор шуданд; 2) шахсоне, ки дар натиҷаи ягон бемории ба маъюбӣ гирифтор шудаанд; 3) маъюбони модарзод; 4) маъюбони ҳодисаи Чернобил; 5) маъюбони хизмати ҳарбӣ; 6) кӯдакони маъюб ва ғ.

Дар соли 2016 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи миллии реабилитатсионии (азнавбарқароркунии) маъюбонро барои солҳои 2017-2020» қабул кард, ки ба устувории ҳифзи иҷтимоии маъюбон, аз ҷумла реабилитатсияи тиббӣ ва иҷтимоии онҳо равона шудааст [1].

**Адабиёт:**

1. Агентии иттилоотии Ферагна – www.fergananews.org.
2. Декларация о правах инвалидов – ООН, 9 декабрь 1975. Манбаи дастрасӣ: www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/disabled.shtml (санаи мурочиат: 20.04.2019).
3. Декларация о правах умственно отсталых людей – ООН, 20 декабрь 1971. Манбаи дастрасӣ: www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/retarded.shtml (санаи мурочиат: 22.04.2019).
4. Конвенция о правах инвалидов – Учебно-методическое пособие №19 – издательство ООН, 2014. Манбаи дастрасӣ: www.ohchr.org/Documents/Publications/CRPD_TrainingGuide_PTS19_RU.pdf (санаи мурочиат: 20.04.2019).
5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994.
6. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» аз 29 декабри соли 2010. Манбаи дастрасӣ: www.mmk.tj (санаи мурочиат: 19.04.2019).
7. Международный день борьбы за права инвалидов. Манбаи дастрасӣ: www.calend.ru/holidays/0/0/1556/ (санаи мурочиат: 25.04.2019).
8. Наблюдение за осуществлением Конвенции о правах инвалидов (Рукаводство наблюдателей в области прав человека) №17 – издательство ООН, 2010. Манбаи дастрасӣ: www.ohchr.org/Documents/Publications/Disabilities_training_17RU.pdf (санаи мурочиат: 22.04.2019).

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ МУАЙЯНКУНИИ МАҚОМИ ГУРЕЗА ТИБҚИ САНАДҲОИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ

**Саиданваров Қ.Ч.,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 985558597
**E-mail:** kurbonshoh1984@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; ҳуқуқи мунисипалӣ

**Фишурда.** Дар мақолаи мазкур тартиби таҳлили принсипиҳои ҳуқуқӣ вобаста ба гурезаҳо ва шахсони паноҳҷӯянда, инчунин механизми ҳимояи ҳуқуқи, ки тибқи муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқи дарбаргирандаи онҳо ба танзим даровард шудааст, дар бар мегирад. Ҳамчунин, дар мақола мафҳум ва моҳияти «принсип» тибқи ҳуқуқи байналмилалӣ в қонунгузории миллӣ таҳлил гардида мавриди баррасӣ қарор гирифтааст ва андешаҳои муаллиф вобаста ба он пешниҳод гардидааст.

**Калидвожаҳо**: Ҳуқуқи байналхалқӣ ва минтақавӣ, принсипҳои асосӣ, ҳуқуқ ва вазифаҳои давлат, қонунгузорӣ, кафолат, ҳуқуқ ва озодӣ, инсон, ҳимоя.

# СРАВНИТЕЛЬНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ ОСНОВНЫХ ПРИНЦИПОВ ОПРЕДЕЛЯЮЩИХ СТАТУСА БЕЖЕНЦЕВ В СООТВЕТСТВИИ С МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫХ И НАЦИОНАЛЬНЫХ АКТОВ

**Саиданваров К.Дж.,**
ассистент кафедры конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 985558597
**E-mail:** kurbonshoh1984@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.02 – конституционное право; конституционное судопроизводство; муниципальное право

**Аннотация.** В статье анализируется правовые принципы относительно правового положения беженцев и лиц, ищущих убежище, а также правовые механизмы их защиты, которые отражены в международном и национальном законодательстве. Также в статье раскрывается понятие «принципы» с точки зрения международного и национального законодательства и определяется позиция автора по данному вопросу.

**Ключевые слова:** Основные принципы, международно-правовые формы защиты прав, национальные формы защиты прав, права и обязаности государства, законодательсва, гарантия права и свободы человека, защита.

## COMPARATIVE LEGAL ANALYSIS OF BASIC PRINCIPLES DETERMINING THE REFUGEE STATUS IN ACCORDANCE WITH INTERNATIONAL LEGAL AND NATIONAL ACTS

**Saidanvarov K.J.,**
assistant of the Department of Constitutional Law of the Law Faculty of the Tajik National University
**Phone:** (+992) 985558597
**E-mail:** kurbonshoh1984@mail.ru

**Scientific specialty:** 12.00.02 – constitutional law; constitutional proceeding; municipal law

**Annotation.** The article analyzes the legal principles regarding the legal status of refugees and asylum seekers, as well as the legal mechanisms for their protection, which are reflected in international and national legislation. The article also reveals the concept of “principles” from the point of view of international and national legislation and determines the position of the author on this issue.

**Keywords:** The main principles международнно and national the rights, the right and обязаносты the states, laws, guarantors, the rights and freedom, the person, protection.

Қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни камолоти доимии худ ва мувофиқ намудани меъёрҳои дохилӣ-миллӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ қарор дорад. Дар баробари ин, ба риояи яккатор принсипҳои ҳуқуқӣ тавсияҳои муқоисавӣ дода мешавад, ки аҳамияти аввалиндараҷа дошта, зеро он асоси тамоми тадбирҳои ҳимояи ҳуқуқи байналмилалии гуманитарӣ ва қонунгузории минтақавӣ ба шумор меравад. Аслан уҳдадории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии Конвесияи Созмони Миллали Мутаҳид «Дар бораи мақоми гурезаҳо»-ро, ки аз 28-уми июли соли 1951 ва протоколи марбут ба вазъи гурезаҳоро аз 4-уми октябри соли 1967, ки онро соли 1993 ба тасвиб (ратификатсия) расонид пайдо гардида ва дар заминаи он қонунгузории кишвар ба самти махсус инкишоф ёфтанро оғ оз кард. Дар баробари ин Ҷумҳурии Тоҷикистон барои риоя ва амали гардонидани принсипҳои вобаста ба гурезаҳо ва шахсони паноҳҷӯ дар Тоҷикистон масъул гардид.

Аслан истилоҳи принсипи ҳуқуқи байналхалқӣ дар илм ва амалияи байнидавлатӣ васеъ истифода бурда мешавад. Категорияи «принсип» бо мафҳуми меъёри ҳуқуқӣ, ки хусусияти умумӣ дорад, ҳаммаъно мебошад.

Тибқи низоми қонунгузори миллӣ ва байналмилалӣ принсипҳои ҳуқуқӣ ин ифодакунанда ва батанзимандозандаи ҳамагуна муносибатҳо ба шумор рафта, ҳамчун мафкураи асосӣ фаҳмида мешавад. Чунин фаҳмиши принсип аз маънои мақбулшудаи умумӣ фарқ намекунад [2, с. 595], лекин бешубҳа, дар ҳуқуқи байналхалқи мавқеи махсуси маъноӣ дорад.

Ҳамаи принсипҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ба асосӣ ва соҳавӣ (*ё махсус)* тақсим карда мешаванд. Принсипҳои асосӣ дар ҳамаи соҳаҳои муносибатҳои байнидавлатие, ки аз тарафи ҳуқуқи байналхалқӣ ба танзим дароварда шудаанд, истифода бурда мешаванд [1, с. 30]. Принсипҳои махсус бошад дар соҳаи муайяни муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки ба онҳо принсипҳои байналхалқии ҳимояи ҳуқуқҳои гурезаҳо дохил мешаванд, истифода мешаванд.

Бояд қайд кард, ки принсипҳои байналхалқии ҳимояи ҳуқуқҳои гурезаҳо хусусияти худро дорад, ки бо омилҳои гуногун вобаста мебошад. Ин принсипҳо дар ҳуқуқи байналхалқӣ аз соҳаи ҳуқуқҳои инсон ибтидо (манша) мегирад, лекин истифодаи худро дар соҳаи ҳуқуқҳои гурезаҳо дарёфт карда, аҳамияти махсусро пайдо мекунад. Ин бо он маънидод карда мешавад, ки ба сифати иштирокчии онҳо категорияи шахсони озордидаи махсус баромад мекунанд.

Ҳамин тариқ, ба принсипҳои байналҳалқии ҳимояи ҳуқуқҳои гурезаҳо инҳо дохил мешаванд:

а) принсипи маҳдуднасозӣ ё худ маҳдудият накардан;

б) принсипи махфӣ (конфиденсионалӣ);

в) принсипи манъи рондан.

**Принсипи маҳдуднасозӣ ё худ маҳдудият накардан.** Мавриди таҳлил қарор додани принсипи маҳдуднасозӣ ё худ махдудият накардани ҳуқуқҳои гурезагон ин пеш аз ҳама баназаргирифтани таъмини ҳимояи ҳуқуқи инсон фаҳмида мешавад. Принсипи мазкур пеш аз ҳама яке аз принсипҳои асосии муносибатҳои байналхалқӣ-ҳуқуқӣ башумор рафта, батанзимдарорандаи ҳуқуқҳои муҳофизатии инсон мебошад. Ӯ дар банди 3 моддаи 1 Оинномаи СММ мустаҳкам карда шудааст, ки дар онҷо ҳамчун мақсади асосии фаъолият ин амалкунии ҳамкории байналхалқӣ, «ҳавсманкунӣ ва инкишофи эҳтироми ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ барои ҳама новобаста аз нажод, ҷинс, забон ва дигар» гуфта қайд карда шудааст. Ин маънои онро дорад, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бояд дар ҳама давлатҳо риоя карда шаванд ва нисбати ҳама шахсон дар доираи ҳуқуқи давлат бе ягон намуди маҳдудкунӣ амали карда шавад.

Ғояи манъ кардани маҳдудсозӣ дар асоси ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон воқеӣ мебошад. Зуҳуроте, ки бо истилоҳи «маҳдудият» муайян карда мешавад, бешубҳа, вайрон намудани ҳуқуқи фундаменталиро (принсипҳои адолат, баробарӣ ва шаъну шарафи инсон) нишон медиҳад. Манъ кардани маҳдудсозӣ ё худ маҳдудият барои гурезаҳо аҳамияти калон дорад. Вақте ки гурезаҳо ва шахсони паноҳҷӯянда бо шумораи бисёр ворид

мешаванд, ба давлати паноҳгоҳдода ва аҳолии маҳаллӣ таъсири сахт мерасонанд. Баъзе ҷамъиятҳои маҳаллие, ки гурезаҳоро қабул мекунанд, онҳоро ҳамчун хавф ба тарзи ҳаёти худ, маданият ва ҳатто амният ва устувории давлат қабул мекунанд. Дигарҳо ҳамаи хориҷиҳоро ҳамчун одамоне, ки ба захираҳои маҳаллӣ зарарасон шуморида мешаванд. Дар бораи саҳми мусбие, ки гурезаҳо ба ҳаёти давлати паноҳгоҳ метавонанд дохил кунанд, оиди эҳтиёҷи онҳо ба кӯмаки гуманитарӣ ва ҳимояе, ки онҳо дар Ватани худ надоштанд, бисёр вақт ҳангоми мубоҳисаи гарму ҷӯшон оиди муҳоҷирони «нохоҳам» аз хотир мебароранд [4, с. 90].

Гурезаҳо ҳамчун шахсони хориҷӣ дар давлати дигар ба ҳисоб рафта, дар таносуби маҳдудият беҳад нозук мебошанд:

- мавқеи қонунҳои давлати паноҳгоҳ метавонанд дар сатҳи нокифоя талаботҳои гурезаҳоро ба назар гирад, ё мумкин аст, ки нофаҳмо бошад тааллуқ доштани имтиёзҳо ба гурезаҳо, ки аз ҷониби қонун пешниҳод карда мешаванд;
- дин ё пайдоиши этникии гурезаҳо ва аксарияти аҳолӣ дар давлати паноҳгоҳ метавонад гуногун бошад ва дар навбати худ, мавҷудияти онҳо норозигиҳоро ба вуҷуд меорад, ё нисбати онҳо бошубҳа муносибат мекунад;
- гурезаҳо бисёр вақт ҳуҷҷатҳое, ки шахсияти онҳоро тасдиқ мекунанд, надоранд ва дар натиҷа, дар онҳо масъалаҳо дар муносибат бо мамурият пайдо мешавад.

Ба ин нигоҳ накарда, ҳатто бо назардошти он, ки гурезаҳо шахсони хориҷӣ дар давлати паноҳгоҳ ба ҳисоб мераванд, мувофиқи Конвенсияи СММ соли 1951 онҳо аз ҳуқуқ ва озодиҳои асосие, ки шаҳрвандони ин давлат доранд, истифода мебаранд [3, с. 41]. Дар навбати худ моддаи 3 ин Созишнома қайд мекунад, ки «Давлатҳои аҳдкунанда муқаррароти ин Конвесияро нисбати гурезаҳо бидуни ягон тъбиз бо нишонаи нажоди онҳо, дин ё кишвари асли онҳо истифода хоҳанд кард».

Лекин, чи хеле ки амалияи байналмилалӣ нишон медиҳад, гурезаҳо бо маҳдудияти ин ё он дараҷа дучор мешаванд. Масалан, шахсони паноҳҷӯянда бисёр вақт ба мурофиаи одилонаи пешниҳоди паноҳгоҳ аз сабаби зоҳир шудани маҳдудият аз рӯйи нишонаи давлати аслӣ ё миллат иҷозат надоранд. Ин аз он сабаб рӯй медиҳад, ки мақомоте, ки тартиби қабули пешниҳод барои паноҳгоҳро мегузаронанд, аз рӯи меъёрҳои ҳуқуқ не, балки аз рӯи сабабҳои сиёсӣ роҳбарӣ мекунанд. Албатта, ҳар як мақоми давлатӣ наметавонад берун аз сиёсате, ки ин давлат мегузаронад, фаъолият кунад, ин ҳолат ба душвории аз меъёрҳои ҳуқуқ меорад.

**Принсипи махфӣ (конфиденсиалӣ).** Мувофиқи моддаи 12 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 ва моддаи 17 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ принсипи махфӣ (конфиденсиалӣ) ҳамчун принсипи этникӣ арзёбӣ гардида, дахлнопазирии ҳаёти шахсии инсонро муҳофизат мекунад ва ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои

асосии инсон маҳсуб меёбад. Дар матни мазкур махфӣ (конфиденсиалӣ) ҳамчун мақоме, ки бомаълумотҳои шахсӣ пешниҳод шуда ва дараҷаи муҳофизати зарурии онҳоро муайян мекунад, фаҳмида мешавад.

Нисбат ба гурезаҳо принсипи мазкур аз сабаби нозукии ин гурӯҳ аҳамияти калон дорад, дарои он ки дар бисёр ҳолатҳо маҳз пайдоиши этникӣ ё нажодӣ, инчунин ақидаҳои динӣ, сиёсӣ, аъзоги дар ҳар гуна гурӯҳҳои иҷтимоӣ сабаб шуда метавонад, ки шахс паноҳгоҳ ҷустуҷӯ мекунад. Бо ин сабаб, ин маълумотҳо ва махфӣ (конфиденсиалӣ) онҳо ба манфиятҳои ҳаётан муҳими натанҳо худи гурезаҳоро, балки хешу табор, рафиқон, шиносони онҳоро, ки дар давлати тавлидшуда мондаанд, мерасонанд. Мутобиқи моддаи 3 Созишнома аз соли 1984 бар зидди шиканҷа ва дигар намуди муносибатҳои ҷазоҳои бераҳмона, золимона ё таҳқири шаъну шараф ҳар гуна маълумот ва ҳама маводҳои парвандаи шахси паноҳҷӯянда махфӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки ин дастур қисми ҷудонашавандаи ҳуқуқ ва озодиҳои гурезаҳо мебошад. Қоидаи мазкур дар Дастурамал оид ба тартиб ва меъёрҳои муайян намудани мақоми гуреза мустаҳкам карда шудааст, ки дар онҷо қайд карда мешавад: «Тафтишкунанда бояд шароити этимод муҳайё намояд, ки арзкунанда масъалаи худро аниқ ва пурра баён карда тавонанд ва нуқтаи назар ва эҳсоси худро равшан ифода кунад. Барои ин беҳад муҳими аст, ки аризаи шахс ҳамчун маълумоти махфӣ (конфиденсиалӣ) дида баромада шавад ва ӯ дар бораи ин огоҳонида шавад» [5, с. 55].

Дар ҳуқуқи гурезаҳо ин принсип ҳангоми гузаронидани тартиби муайян намудани мавқеъи гурезаҳо аҳмияти калон дорад, бахусус ҳангоми гузаронидани сӯҳбат. Аз ин сабаб Департамени муҳофизати байналмилали РКОГ СММ стандартҳои аниқро барои муайян намудани мавқеи гурезаҳо ҷорӣ кардааст, ки дар он гуфта мешавад: «Пинҳони (конфиденсиалӣ) расмиёти муайан намудани мақоми гуреза дар РКОГ СММ барои ташкил намудани шароити беҳтарӣ, бовари ба шахсоне, ки ба РКОГ СММ барои гирифтани паноҳгоҳ муроҷиат мекунанд, беҳад муҳим мебошад. Бинобарин арзкунандагонро, ки оиди гирифтани мавқеи гуреза муроҷиат мекунанд дар бораи ҳуқуқҳои онҳо ба пинҳонӣ (конфиденсиалӣ) дар доираи тартибҳои РКОГ СММ, огоҳонидан зарур аст. Мутаассифона принсипи мазкур расман дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон акси худро наёфтааст ва имрӯз ҳуҷҷатҳое, ки муносибатҳои ҳуқуқиро, ҳангоми кор бо гурезаҳо дар соҳаи нигоҳдорӣ, истифодабарӣ ва муҳофизати маълумотҳои махфӣ (конфиденсиалӣ), ба танзим медоранд, вуҷуд надоранд.

Дар амалия принсипи мазкур зуд-зуд вайрон карда мешавад, лекин одатан ин вайронкуниҳоро муайн кардан душвор аст. Ин бо он фаҳмонида мешавад, ки сохторҳои давлатӣ ҳангоми амалӣ намудани вазифаҳои худ бисёртар қонунҳои миллӣ ва дастурамалҳои дохилиро истифода мебаранд, на ин ки принсипҳои байналмилалӣ. Дар натиҷаи ин маълумоте, ки

хусусияти махфӣ (конфиденсиалӣ) дорад, ба ҳукумати давлати аслӣ аз сафоратхонаҳо бо тариқи воситаҳои муносибатҳои байниидоравӣ таҳвил ва расонида мешавад.

**Принсипи манъи рондан.** Ҳуқуқ барои истифода бурдан аз муҳофизати байналмилалӣ дар дастурамалҳои асосӣ, пеш аз ҳама дар Конвенсияи СММ аз соли 1951, дар *принсипи манъи бозгардонии маҷбурӣ* пешбини карда шудааст. Принсипи манъи рондан ё худ баргардонидани иҷбории онҳо бо истилоҳи non-refoulement – рад кардан аз баргардонидан (рондани) маҷбурии гуреза ба қаламрави давлате, ки ба ӯ таъқиб шудан таҳдид мекунад, ифода мешавад.

Ҳангоми ҷустуҷӯи паноҳгоҳ гурезаҳо зуз-зуд ба чораҳои маҳдудкардашуда дучор мешаванд, ё онҳоро дастгир мекунанд, ё маҷбуран ба минтақаҳое, ки ҳаёт, озодӣ ва бехатарии онҳо дар хавфу хатар мешаванд, бармегардонанд. Бо ин сабаб принсипи маъни рондани гурезаҳо дар Конвенсияи соли 1951 қайд шуда буд, ки дар моддаи 33 гуфта мешавад «Маъни рондани маҷбурӣ ё баргардонидании гурезаҳо ба кишварҳои, ки онҳо аз онҷо омадаанд». Дар навбати худ принсипи манъи бозгардонии маҷбурӣ нафақат дар созишномаи соли 1951 мустаҳкам шуда буд, инчунин инкишофи минбаъдаи худро дар моддаи 3 Созишномаи СММ бар зидди шиканҷа ва дигар намуди муносибатҳо ва ҷазоҳои бераҳмона, золимона ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ёфтааст. Дар он қайд карда мешавад, ки ягон давлати иштирокчӣ набояд ягон шахсро ба давлати дигар, агар сабабҳои асоснок мавҷуд бошанд, ки ба ӯ дар он ҷо истифодаи шиканҷа таҳдид мекунад, бадарға кунад ё баргардонад. Ҳамин тариқ, мақсади асосии принсипи маъни рондан ё худ баргардонидани дар он аст, ки давлатҳо набояд гурезаҳоро ба минтақае, ки ба таъқиб дучор мешаванд баргардонанд. Ҳангоми ба гуреза паноҳгоҳ пешниҳод кардан, давлати дахлдор уҳдадориҳоро оиди ҳимояи ӯ аз баргардонии маҷбурӣ, риоя ва таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои устувори гуреза, инчунин ӯҳдадориҳоро оиди имконият додан дар сарзамини худ зиндагӣ кардан, то ҳал шудани масъалаи дарозмӯҳлати ӯ қабул мекунад.

Бешубҳа принсипи манъи рондан, ки дар моддаи 33 Конвенсияи соли 1951 мустаҳкам карда шудааст, ба гурезаҳо мутобиқи моддаи 1 ҳамин Конвенсия паҳн карда мешавад. Дар навбати худ ин принсип ба ашхосоне, ки дар марҳилаи ибтидоӣ ва дар дигар ҳолатҳо паноҳгоҳ меҷӯянд, истифода бурда мешавад, барои он, ки дар ҳолати дигар ҳимояи босамарро пешниҳод кардан номумкин мебошад. Ин бо он фаҳмонида мешавад, ки ҳар як шахси паноҳҷӯянда, эҳтимол гуреза шуданаш мумкин аст.

Аз ин ҷо бар меояд, ки ин гуна шахсон таҳти таъсири принсипи манъи рондан ё худ баргардонидани то баромадани қарор оиди ариза дар бораи додани мақоми гуреза дохил мешаванд.

Лекин меъёри нишондодашуда мутлақ намебошад, барои он ки қисми 2 Созишномаи соли 1951 нисбати онҳое, ки ҳамчун таҳдид ба амнияти

давлати ҷойгиршуда, ё нисбати маҳкумшудагон дар содир намудани ҷиноятҳои махсусан вазнин, ки таҳдиди ҷаъмиятиро барои давлат метавонанд расонанд, тавзеҳ медиҳад. Ҳамин тариқ, принсипи маъни рондан ҳамчун тавсифномаи инфироди шахс мухтасар ифода карда шудааст, лекин ҳалли масъала дар бораи он, ки ӯ ба амният таҳдид мекунад ё не дар салоҳияти мақомоти давлатӣ мебошад. Иҷозат барои баргардонии маҷбурӣ дар мавридҳои махсус принсипи барнагардониро инкор намекунад, балки меъёрҳои амалҳои озодонаи давлатҳоро нишон медиҳад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ пурра мувофиқат мекунад, ки дар онҳо принсипи барнагардонидан акси худро ёфтааст. Чунончи, моддаи 14 Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» аз 10.05.2002 бо тағйиру иловаҳо аз 26.07.2014. пешбинӣ мекунад, ки «Шахсони паноҳҷӯянда, ки дар хусуси донистан дархос пешниҳод намуданд, гуреза дониста шудаанд, мақоми гурезаро аз даст додаанд ё аз мақоми гуреза маҳрум шудаанд, хилофи иродаи онҳо ба қаламрави давлате, ки дар он ба ҳаёт ё озодии онҳо бинобар нишонаҳои нажодӣ, эътикоди динӣ, шаҳрвандӣ мансубият ба гурӯҳи муаяни иҷтимоӣ ё ақидаҳои сиёсӣ хатари таъқиб таҳдид мекунад баргардонида намешаванд». Аз ин бармеояд, ки қонунгузории дохилӣ нисбати ин принсип ба стандартҳои байналмилалӣ бо пурраги мувофиқат мекунад. Лекин, чихеле ки амалия нишон медиҳад ин гуна мувофиқат дар бисёр ҳолатҳо аз камбуди холи нестанд. Ин бо он фаҳмонида мешавад, ки дар амалия аксарияти кишварҳо бо шартномаҳои дутарафа ва чандинтарафа оиди боздод ва кӯмаки ҳуқуқӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои гуногуни байналмилалӣ пешбини шудааст, алоқаманд мебошад. Масалан, дар соли 2012 Тоҷикистон шаҳрванди Қирғизистонро, ки мақоми гуреза дошт, бо дархости мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Қирғизистон баргардонида дод, ки ин дар асоси Созишномаи ИДМ оиди расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ гузаронида шуд [6].

**Адабиёт:**


1. Международное право. / Под ред. А.И Микульшина. – М., 2005.
2. Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. – М.,1999.
3. Права человека и защита беженцев. Учебное пособие УВКБ ООН. Часть 1. – Женева, 1966.
4. Руководство по международному праву беженцев // Пособие для парламентариев №2/201. – Женева, 2005.
5. Руководство по процедурам и критериям опредления статуса беженцев. УВКБ ООН. – Женева, 1992.

6. Центральная Азия: соблюдение принципа невысылки беженцев. Рабочая группа неправительственных организаций по законодательству и защите беженцев. – Бишкек, 2004.

# ЗАНОН: ҲУҚУҚ, ОЗОДӢ ВА УҲДАДОРИҲОИ ОНҲО ДАР ҶОМЕА

**Бухориева Сафаргул,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.**: (+992) 985567940
**E-mail:** bsafargul@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ

**Роҳбари илмӣ**: Сафарзода Б.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Диноршоев А.М., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда.** Дар мақола вобаста ба ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳои занон дар ҷомеа мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Муаллиф вазъи қонунгузории амалкунандаро дар самти таъмини баробарҳуқуқӣ, иштироки занон дар корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ таҳлил намуд. Муаллиф ба хулосае омад, ки давлат маҳз иштироки занонро дар тамоми соҳаҳо кафолат додааст. Таҷриба нишон медиҳад, ки занон ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои худ дар ҷомеа бо масъулият муносибат намуда, иштироки фаъоли занон омили ҳалли мушкилотҳои ҷомеа аз ҷумла оилавӣ ва дигар муносибатҳо мегардад.
**Калидвожаҳо:** Ҳуқуқи инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои занон, қонунгузорӣ, давлат, ҷомеа, сиёсат, баробарҳуқуқӣ.

# ЖЕНЩИНЫ: ПРАВА, СВОБОДЫ И ИХ ОБЯЗАННОСТИ В ОБЩЕСТВЕ

**Бухориева Сафаргул,**
соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.**: (+992) 985567940
**E-mail:** bsafargul@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.01 – теория и история права и осударства; история правовых и политических учений

**Научный руководитель:** Сафарзода Б.А., доктор юридических наук, профессор

**Рецензент:** Диноршоев А.М., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация.** В статье рассматриваются вопросы права, свободы женщин и их обязанности в обществе. Автор анализирует положение законодательства об обеспечении равных прав мужчин и женщин в обществе, а также участии женщин в государственных и общественных делах. Автор пришел к выводу о том, что государство гарантирует женщинам, непосредственно принимать участие во всех сферах жизни. В то же время, проведенные исследования показывают, что женщины гораздо серьезно относятся к выполнению своих обязанностей в обществе. Активная роль женщин является аргументом в решении многих проблем, в том числе: семейных, а также других отношениях в обществе.

**Ключевые слова:** Права человека, права и свободы женщины, законодательства, государства, общества, политика, равноправие.

## WOMEN: THE RIGHTS, FREEDOMS AND THEIR RESPONSIBILITIES IN THE SOCIETY

**Bukhorieva Safargul,**
applicant of the department of human rights and comparative law faculty, Tajik National University
**Phone:** (+992) 985567940
**E-mail:** bsafargul@mail.ru

**Scientific Specialty:** 12.00.01 – theory and history of law and state; history of legal and political doctrines

**Research supervisor**: Safarzoda B.A., Doctor of lagal sciences, Professor
**Reviewer:** Dinorshoev A.M., Doctor of lagal sciences, Professor

**Annotation.** The article deals with issues of law, freedoms of women and their responsibilities in society. The author analyzes the provision of legislation on ensuring equal rights of men and women in society, and their participation in government and public service. The author came to the conclusion that the state guarantees women to directly participate in all spheres of life. At the same time, analysis show that women are much more serious about performing their duties in society.

The active role of women is an argument in solving many problems, including family and other relationships in society.

**Keywords:** Human rights, women's rights and freedoms, legislation, states, society, policy, equality.

Таърихи башарият гувоҳ аст, ки дар ҳама давру замон ҳар як давлат кӯшиш намудааст, ки шароити зиндагии арзандаро барои ҳар як шаҳрванди худ муҳайё намояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон чун қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон дар заминаи бунёди ҷомеаи адолатпарвар озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шуморида, мавқеъ ва самти фаъолияти худро ҷиҳати таъмини баробарҳуқуқӣ дар ҷомеа муайян намуд. Ҳамчун давлати демократӣ дар марҳилаи аввали солҳои душвори Истиқлолияти давлатӣ ба як қатор санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ расман ҳамроҳ гашт, ки дар мисол метавон аз Конвенсияи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон ёдовар шуд. Ҳанӯз соли 1993 Тоҷикистон ба ин конвенсия ҳамроҳ гардида буд, ки гувоҳ аз ҳавасмандии давлату ҳукумат дар ҷодаи таъмини баробарҳуқуқӣ дар ҷомеа дарак медод [1, с. 95].

Дар ин робита Сафаров Б.А. қайд менамояд, ки «Тоҷикистон санадҳои калидии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсонро имзо намуда, баҳри иҷрои онҳо як қатор уҳдадориҳои байналмилалиро бар дӯш гирифтааст» [4, с. 7]. Ин аст, ки пеш аз ҳама кафолати баробарҳуқуқии мардон ва занон дар сатҳи Конститутсия дар қ.2 м.17 таҷҷасуми худро ёфт [2]. Дар ин замина, санадҳои зиёди қонунгузории миллии кишвар дар соҳаҳои гуногун дар мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ё мувофиқи иҷроиши уҳдадориҳои байналмилӣ оид ба ҳуқуқи инсон вобаста ба ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва васеъ намудани имкониятҳои занон таҳия ва вориди низоми ҳуқуқи кишвар гардиданд.

Ба хотири танзими муносибатҳо оид ба таъмини кафолатҳои конститутсионии баробарҳуқуқии мардон ва занон дар тамоми соҳаҳо, манъи ҳуқуқпоймолкунӣ, амалигардонии имкониятҳои дар қонунгузорӣ пешбинигардида маҳз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардон ва занон ва имкониятҳои амалигардонии онҳо» қабул гардид.

Баррасии сиёсати давлатӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва нақши он дар баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқи инсон аҳамияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад. Он имконият медиҳад, ки мазмун, моҳият, принсипҳо ва субъектони ин падидаи нави сиёсӣ-ҳуқуқӣ равшан карда шавад ва муҳаққиқон паҳлуҳои дигари онро мавриди таҳқиқотҳои илмӣ қарор бидиҳанд [5, с. 122].

Тоҷикистон ҳангоми амалисозии сиёсати давлатӣ бо мақсади таъмини ҳуқуқи инсон, ки ҳуқуқи занон қисми ҷудонашавандаи он мебошад, иштироки занонро дар баробари мардон дар рукнҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судии ҳокимияти давлатӣ бо тарзу воситаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ таъмин намуд.

Хусусияти аз ҳама муҳим ин аст, ки масъалаи таъмини ҳуқуқи инсон бахусус ҳуқуқи ва озодиҳои занон бо барномарезиҳои пай дар пай бо ҳар як ҳадафҳои таъиншудаи воқеиву саривақтӣ таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси сиёсати Президенти мамлакат, бунёдгузори сулҳу ваҳдат қарор гирифт. Пешвои миллат ҳадафҳои ҷомеаи адолатпарварро дар рушди нерӯи инсонӣ, беҳтар кардани сатҳи зиндагӣ, зиндагии шоиста бо таваҷҷуҳ ба ин қишри ҷомеа пайгирӣ намуд. Баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии занону ҷавондухтарон муайян ва таъмин намудани мавқеи арзандаи онҳоро дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии мамлакат яке аз ҳадафҳои афзалиятнок эълон намуд. Имрӯз агар як нигоҳи ҳадафгир намоем, мушоҳида хоҳем кард, ки бо натиҷа ва самараи ин ҳадафҳои воқеӣ занон сарбаландона дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа кору фаъолият намуда истодаанд.

Тибқи маълумотҳои оморӣ ба ҳолати 1 январи соли 2019 дар хизмати давлатӣ 19119 нафар хизматчии давлатӣ, аз ҷумла 4441 нафар ё 23,2% фоиз занҳо фаъолият доранд.

Дар мансабҳои сиёсӣ ва категорияҳои олӣ ва роҳбарикунанда 5736 нафар хизматчии давлатӣ, аз он 1041 нафар ё 18,1 фоиз занони роҳбар адои вазифа менамоянд.

Дар мақомоти марказӣ ва сохторҳои тобеи онҳо 11993 нафар хизматчии давлатӣ, аз ҷумла 2923 нафар ё 24,3 фоиз, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ 3782 нафар хизматчии давлатӣ, аз ҷумла 982 нафар ё 25,9 фоиз, аз 1470 кадри роҳбарикунада 299 ё 20,8 фоиз занон, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот 3344 нафар хизматчии давлатӣ, аз ҷумла 536 нафар ё 16% фоиз занон фаъолият менамоянд.

Дар мақоми қонунгузор – Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 нафар зан узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 13 нафар вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Дар мақомоти судӣ 393 нафар судяҳо фаъолият дошта, 76 нафари онҳо занон мебошанд, ки 14 фоизро ташкил медиҳанд. Аз ин шумора 6 нафар ба ҳайси раис ва 6 нафар ба ҳайси муовинони раисони судҳо фаъолият менамоянд.

Имрӯз дар мамлакат зиёда аз 70 фоизи кормандони соҳаи маорифро занон ташкил медиҳанд. Саҳми назарраси занон дар рушди соҳаи тандурустӣ низ баръало мушоҳида мегардад. Имрӯз 65 фоизи кормандони соҳаи тандурустиро занон ташкил медиҳанд.

Дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба имрӯз аз ҳисоби бонувон 702 нафар, аз ин шумора 33 нафар дар вазифаҳои роҳбарикунанда, 1 нафар академик, 3 нафар узви вобаста, 23 нафар докторони илм, 90 нафар номзадони илм, 118 нафар аспирантон, 22 нафар докторанти PHD фаъолият доранд.

Ҳамзамон, теъдоди занон дар соҳаи кишоварзии кишвар зиёд гашта, саҳми онҳо дар рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ назаррас аст. Айни замон сарварии зиёда аз 20 ҳазор хоҷагиҳои деҳқониро занон ба уҳда доранд.

Ҳиссаи занон дар самти тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим назаррас аст, дар соли 2018 варзишгарбонувон дар сатҳи ҷумҳурӣ 5490 нафарро ташкил медиҳанд. Иштироки занон дар гурӯҳҳои мухталифи варзишӣ 259 нафарро ташкил медиҳад [7].

Зан-Модар дар раванди иҷрои рисолати офарандагию тарбиятгарии худ масъулияти махсусан муҳими дигарро низ иҷро менамояд, яъне тавассути таълиму тарбия ба сифати занҷири пайвасткунанда ҳамчун интиқолдиҳандаи арзишҳои миллӣ ба насли дигар амал намуда, дар пойдор нигоҳ доштану дар вуҷуди фарзандон тарбия кардани ҳисси эҳтиром ба он арзишҳо нақши муҳим мебозад [6, с. 152].

Сазовор ба ёдоварӣ ва қадршиносӣ аст, ки дар паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи мавзӯи мақоми зан – модар ва нақши он дар таълиму тарбияи фарзанд бахшида шуд.

Сарвари давлат бевосита аз занон – модарон даъват ба амал оварданд, ки дар риояи қонунҳои миллӣ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» боз ҳам фаъол бошанд, фарзандонро ба зиндагии мустақилона омода карда, онҳоро ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят намоянд, сарфаю сариштакориро, ки яке аз хислатҳои беҳтарини қадимаи тоҷикон ба ҳисоб меравад, риоя карда, дар эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ҳамеша дар сафи пеши ҷомеаи муосир қарор дошта бошанд [3, с. 31].

Занону модарони миллатро мебояд ҷиҳати сазовор будан, ба ин боварӣ ва эътимоди Пешвои муҳтарами миллат албатта, пайваста кӯшиш намоянд. Зеро, таҷриба собит менамояд, ки аз новобаста дастгириҳои воқеӣ дар сатҳи қонунгузорӣ, ташкилию ҳуқуқӣ ҳоло ҳам саҳми занон дар иҷрои уҳдадориҳои худ дар ҷомеа алалхусус дар солим нигоҳ доштани оила, донистани маърифат ва фарҳанги ҳуқуқӣ, сатҳу сифати тарбияи насли наврас, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва татбиқи қонунҳои миллӣ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросими миллӣ» мо ҳанӯз ҳам ба натиҷаҳои дилхоҳ нарасидаем.

Новобаста, аз тадбирҳое, ки ҷиҳати рушди нерӯи занон пайваста андешида ва мавриди матраҳ қарор дода мешаванд, то ҳол мушкилот дар ин самт ба назар мерасад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки омили асоси мушкилии таъмини ҳуқуқ озодӣ ва уҳдадорҳои занон дар ҷомеа ин номуайянии дарки воқеӣ ва мавқеии занон аз ҷониби худи онҳо дар ҷомеа, шароити номуносиб дар муносибатҳои оиладорӣ ҷиҳати истифодаи имкониятҳои мавҷудбудаи қонунгузорӣ оид ба амалисозии ҳуқуқҳои сиёсӣ, иқтисодӣ иҷтимоӣ, ҷой доштани хушунат дар раванди оиладорӣ, фирефтаи ҳар гуна ақидаҳои хурофотӣ будан ва камфаъолии худи занон мебошад.

Аз ин нуқтаи назар, ҳадафи мо ошкор ва бартарафнамоии ҳолатҳои ба поймолкунии ҳуқуқҳои занон мусоидаткунанда, таҳияи механизмҳои иловагӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои занон, заминаи боэътимоди ҳалли масъалаҳои гендерӣ дар ҷомеа ва татбиқи воқеии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои занон ҳамчун қишри фаъоли ҷомеа махсуб меёбад.

Зеро, дар ҷомеаи умумибашарӣ хосатан қисмати пешрафтаи он шароити бешумори иттилооти имрӯза бо хусусиятҳои гуногуни мусбию манфӣ бо таври ошкору ниҳон кори расидан ба ҳадафҳои дар назди давлат ва ҷомеа гузоштаро бисёр мушкилу мураккаб месозад.. Мазмуни ҷаҳонишавӣ занонро уҳдадор аз он месозад, ки дар баробари ба ҷо овардани рисолати модарӣ хазинаи маърифат ва фарҳанги милли тоҷиконаро аз харобшавӣ ва аз таъсирҳои бегона дар ҷараёни суботи сиёсии ҷомеа бо дарки устувори ҷавҳарии андешаҳои Пешвои миллат, равшану возеҳ ҳифз намоянд.

**Адабиёт:**

1. Ализода З., Сафаров Б., Саъдизода Ҷ., Қодирӣ С., Солиев А. Маҷмӯаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2016.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016.

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 26 декабри соли 2018.
4. Сафаров Б.А. Концепции по правам человека: монография. Душанбе, 2012.
5. Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: дисс. н.и.ҳ. – Душанбе, 2017.
6. Хидирзода М.У. Истиқлолият ва стратегияҳои муваффақ. – Душанбе, 2017.
7. www.kumitaizanon.tj

# МАВҚЕИ ҲУҚУҚ БА ҲАЁТ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ШАХСИИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ВАТАНӢ

**Неъматова М.А.,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 987277430
**E-mail:** mosafar@bk.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; ҳуқуқи мунисипалӣ

**Роҳбари илмӣ:** Диноршоҳ А.М., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Ҷамшедов Ҷ.Н., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда.** Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқи конститутсионӣ мавқеи ҳуқуқ ба ҳаёт дар низоми ҳуқуқу озодиҳои шахсии инсон ва шаҳрванд тибқи қонунгузории ватанӣ бахшида шудааст. Дар он мазмуни ҳаёт, марг, ҳуқуқи ҳар як шахс ба ҳаёт баррасӣ гардидааст. Масоили ҳуқуқ ба ҳаёт бо дарназардошти қонунгузории ҶТ таҳлил гардидааст.

**Калидвожаҳо**: Ҳуқуқи инсон, ҳуқуқ ба ҳаёт, қонунгузорӣ, Конститутсия, ҳуқуқҳои шахсӣ, шаҳрванд.

# МЕСТО ПРАВО НА ЖИЗНЬ В СИСТЕМЕ ЛИЧНЫХ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА В СООТВЕТСТВИИ С НАЦИОНАЛЬНЫМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВОМ

**Неъматова М.А.**
соискатель кафедры конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 987277430
**E-mail:** mosafar@bk.ru

**Научная специальность:** 12.00.02 – конституционное право; конституционное судопроизводство; муниципальное право

**Научный руководитель:** Диноршох А.М., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Джамшедов Дж.Н., кандидат юридических наук, дотцент

**Аннотация.** Данное статья посвещенна одним из важнейщих вопросов науки конституционного права, место права на жизнь в системе личных прав и свабод

человека и гражданина в соотвествии с отечественнам законодательством. В ней рассмотревается содержание жизни, смерти и право каждого на жизнь. Проблемы право на жизнь анализируется с учетом законодательства РТ.

**Ключевая слова**: Права человека, права на жизнь, Конституция, личные права, гражданин.

## THE ROLE OF THE RIGHT TO LIFE IN THE SYSTEM PERSONAL LAW AND FREEDOM OF MAN AND CITIZEN BASED ON NATIONAL LEGISLATION

**Nematova M.A.,**
job seeker of the Department of Constitutional Law of the Law Faculty of the Tajik National University
**Phone:** (+992) 987277430
**E-mail:** mosafar@bk.ru

**Scientific Specialty:** 12.00.02 – constitutional law; constitutional proceeding; municipal law

**Research supervisor:** Dinorshoh A.M., Doctor of Legal Sciences, Professor
**Reviewer:** Jamshedov J.N., Candidate of Legal Sciences, Assistant Professor

**Annotation.** This article is devoted to one of the most important issues of the science of constitutional law, the place of the right to life in the system of personal rights and freedom of rights of a person and a citizen according to national legislation. It considers the content of life, death and the right of everyone to life. Problems right to life is analyzed taking into account the legislation of the Republic of Tajikistan.

**Key words**: Human rights, right to life, constitution, personal right, citizens.

Қабл аз таҳлили мавқеи ҳуқуқ ба ҳаёт дар низоми ҳуқуқҳои шахсӣ мафҳум ва моҳияти ҳуқуқҳои шахсиро ба андешаи мо баррасӣ намудан лозим аст. Ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ (шаҳрвандӣ) гурӯҳи махсуси ҳуқуқҳои инсон мебошанд. Онҳо бояд озодӣ ва мухторияти фардро чун узви ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳимояи ҳуқуқии онҳоро аз таарузи ғ айриқонунии беруна таъмин намояд. Имрӯз Тоҷикистон дар шароити истиқлолияти давлатӣ барои шинохти озодии инсон ва муқаддасоти давлатдорӣ аз диди тоза назар андохта, беҳтарин арзишҳо, ормонҳо ва ченакҳоеро муайян кардааст, ки метавонад манфиатҳои имрӯзу фардои миллату давлатро дилпурона дифоъ намоянд. Бо ин мақсад чи таҷрибаи таърихии ниёгон ва чи дастовардҳои ҷаҳони муосир мавриди омӯзиш қарор мегирад. Шинохти инсон ҳамчун арзиши олӣ дар анъанаҳои афкори мардуми мо ҷойгоҳи сазовор дошта, дар низоми ҳуқуқии имрӯзаи мо ба таври арзанда инъикос ёфтааст. Конститутсия дар моддаи 14 эълон доштааст, ки мазмуну муҳтавои ҳамаи қонунҳоро ҳуқуқ ва озодии инсон ташкил медиҳад. Яъне дар маркази арзишҳо гузоштани инсон маънии дар атрофи он муттаҳид намудани ҳамаи арзиҳои

дигаррро дорад. Касе, мақомоте ва ё санади меъёрии ҳуқуқие ба хотири ягон манфиат наметавонанд ҳуқуқу озодиҳои инсонро маҳдуд ё поймол намоянд, зеро қонуни асосии кишвар инсонро дар маркази арзишҳо қарор дода, онро аз дигар муносибат ва падидаҳо болотар гузоштааст. Конститутсия чун воситаи муҳими гиромидошт ва таъминкунандаи арзиши олии инсон ҳуқуқу озодиҳои ӯро мавриди ҳимоя ва эътироф қарор медиҳад. Таъмини волоияти мақоми инсон дар ҷомеа танҳо дар натиҷаи риояи волоияти ҳуқуқу озодиҳо ва иҷрои масъулияти қонунӣ имконпазир мегардад.

“Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд” гуфта мешавад дар қисми дуюми моддаи 5-и Конститутсия. Бо дахлнопазир эълон намудани ҳаёти инсон муҳимтарин арзиши инсонӣ – ҳастӣ, зиндагӣ ва умри инсон ҳимоя карда мешавад. Ҳаёти инсон бузургтарин неъмат аст, ки бидуни он дигар арзишҳо қимати худро гум мекунанд. Бо эътирофи дахлнопазирии қадр, номус мо муҳимтарин қисмати зоҳирёбии инсон – ҷаҳони маънавӣ, ахлоқӣ ва фарҳангии ӯро дифоъ мекунем. Конститутсияи мо бо муқаддас эълон намудани муҳимтарин рукнҳои зиндагии инсон ӯро ҳамчун маҳаки асосии зиндагии созандаву эҷодкунанда муаррифи намуда, дахлнопазирии ҳуқуқҳои фитрии инсонро муқаррар менамояд. Зери истилоҳи “ҳаёт” чӣ фаҳмида мешавад? Ҳаёт, зиндагӣ ва умри инсонро дар назар дорад, ки аз муҳимтарин ҳаққи инсон буда, бидуни он дигар ҳуқуқҳо вуҷуд дошта наметавонанд. Аз ин хотир зери мафҳуми “ҳуқуқ ба ҳаёт” ҳаққи инсон ба зиндагӣ, зуҳуроти вуҷуди инсон фаҳмида мешавад ва касе ӯро аз ин неъмат маҳрум карда наметавонад.

Асос ва таъиноти ҳуқуқҳои шахсӣ таъмини бартарияти майлҳои инфиродии дохилии рушди ҳар як шахсият, имконияти худмуайянкунӣ ва худтадбиқкунии инфиродии инсон аст. Зеро хусусиятҳои инфиродӣ хоси ҳар як шахсият мебошад.

Дар замони шӯравӣ бо дарназардошти характери оммавию давлатӣ доштани аксари масоили шахсӣ, аз он ҷумла ҳуқуқи шахс (инсон)-ро бештар ба ҳуқуқи коргару деҳқон, меҳнаткаш, халқ ва баъд ба шаҳрванд ташбеҳ медоданд, ки ҷой бар зарурияти истифодаву таҳлили ҳуқуқи инсон намемонд, шароити озоди муҳокимаи ин арзиши умумибашарӣ ба мисли имрӯз вуҷуд надошт [1, с. 5]. Дар замони имрӯза бошад, ба ҳуқуқҳои инсон аз ҷумла ҳуқуқҳои шахсӣ на танҳо ҷомеаи ҷаҳонӣ, балки давлати соҳибихтиёри мо диққати ҷиддӣ медиҳад.

Ҳамин тавр боиси қайд намудан аст, ки ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ маҷмӯи ҳуқуқ ва озодиҳои табиӣ ва ҷудонопазире мебошанд, ки ба инсон аз лаҳзаи таваллуд таалуқ дошта, аз мансубияти он ба шаҳрвандии давлати мушаххасе вобаста нестанд.

Ҳуқуқ ба ҳаёт аз ҷумлаи ҳуқуқҳои шахсии инсон ва шаҳрванд буда, ба насли якуми ҳуқуқҳо мансуб аст. Ин ҳаққи азалии инсон буда, ӯ новобаста аз хоҳишаш метавонад аз ин неъмат баҳраманд бошад. Вале, на дар ҳар давру ва на дар ҳар макон инсон тавонист аз он бархӯрдор бошад. Дар ҷой ва ё дар замоне агар ҳуқуқ ба ҳаёт эътироф, риоя ва ҳурмату эҳтиром мешуд, дар дигар ҷой ва ё замони дигар он борҳову борҳо поймол карда шудааст [2].

Дар низоми ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ махсусан дар замони имрӯза ҳуқуқи беназиртарин ва муҳимтарин ин ҳуқуқ ба ҳаёт мебошад. Ҳаёт ин ҳастист. Ҳаёт маънии зиндагӣ ва гуногунрангии ҷаҳон мебошад. Ҳама талоши инсоният дар

пайраҳаи таърих ба хотири осоиштагию амонии ҳаёт будааст. Дар баробари дигар ҳуқуқҳои шахсии инсон ва шаҳрванд, ки табиӣ ва ҷудонопазиранд, ба монанди ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсият, озодии виҷдон ва эътиқод, озодии ҳаракат ва мисоли инҳо, ҳуқуқ ба ҳаёт мавқеи марказӣ ва аввалиндараҷаро дорост. Ин суханонро исбот намудан ниҳоят осон аст.

Тасаввур менамоем, ки инсон мефавтад. Оё ӯ аз ягон ҳуқуқҳо бархурдор аст? Табиист, ки агар инсон дар қайди ҳаёт набошад, ӯ аз ягон ҳуқуқ бархурдор нест. Мувофиқи қонунгузории гражданӣ, қобилияти ҳуқуқдорӣ баъди марг қатъ мегардад. Яъне ин маънои онро дорад, ки бе ҳуқуқ ба ҳаёт ягон ҳуқуқи дигар вуҷуд дошта наметавонад.

Ҳуқуқ ба ҳаёт қисми тарқибии ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ мебошад ва он имконият медиҳад, ки ҳуқуқҳои дигари инсон амалӣ карда шаванд. Мусаллам аст, ки ҳамаи ҳуқуқҳои инсон табиат ва таъиноти ба худ хос доранд ва ҳангоми муқоисаи онҳо, алалхусус дар он байни ҳуқуқҳои як насл гузаронида шаванд. Муайян кардани афзалияти яке аз дигаре басо душвор аст. Зиёда аз ин муҳимият ва аҳамиятнокии ҳар як ҳуқуқи инсон дар давраҳои гуногуни таърихӣ ба таври гуногун фаҳмида мешуд. Вале чун сухан дар бораи ҳуқуқи инсон ба ҳаёт меравад, мо медонем, ки ин ҳуқуқ аз ҷониби умум эътироф гардида, бунёдӣ ва аз ҳама муҳимтарин дониста шудааст. Зеро барои ҳама гуна мавҷудоти зинда ҳамаи ҳуқуқҳои дигар аз ҳуқуқи асосии вай-ҳуқуқ ба ҳаёт, ба мавҷудият бармеоянд [3, с. 103].

Ҳамаи ҳуқуқҳои дигар барои он хизмат мекунанд, ки ин ҳастиву мавҷудият дар шароитҳои нисбатан мусоидтару бехатар барои зиндагӣ сурат бигирад. Яъне бе ин ҳуқуқ ҳуқуқҳои дигар манфиате надоранд. Пас дар низоми ҳуқуқҳои инсон ҳуқуқ ба ҳаёт ҳуқуқи рақами аввал аст.

Зиндагӣ воқеан ширину беназир аст, ин ҳуқуқ барои ҳамеша дар ҳамаи қитъаҳои замин аст ва одамон ҳамеша баҳри эътирофу ҳифз намудани он кӯшидаанду мекӯшанд. Агар аз нигоҳи эътиқод низ назар андозем, аз ҳаёт маҳрум сохтани инсон дар тамоми боварои динӣ ҳамчун гуноҳи азим арзёбӣ гардидааст.

Масалан, аз нигоҳи динҳои ҷаҳонӣ гирем, панҷ насиҳати Буддо ки яке аз онҳо “Накуш” ё ин, ки дини мубини Ислом низ ин амалро маҳкум намуда, аз ҳаёт маҳрум намудани шахсро гуноҳи мудҳиш эътироф менамояд. Дини насронӣ низ дар баробари динҳои ҷаҳонӣ одамкуширо гуноҳи азим шуморидааст.

Дар қисмати зерин низ ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳангоми муайян намудани мавқеи ҳуқуқ ба ҳаёт дар низоми ҳуқуқ ва озодиҳои дигар аз ҷумла ҳуқуқҳои шахсии инсон ва шаҳрванд, аллакай нақши беандозаи он ба чашм аён аст ва ҳангоме, ки ин ҳуқуқ поймол мегардад, кафолати ҳуқуқҳои дигар низ на танҳо дар зери хатар, балки боиси азбайнравии ҳуқуқҳои дигар мегарданд. Умуман қатъи ҳаёт қатъи ҳамаи ҳуқуқҳои инсон аст. Қатъи ҳаёт, анҷоми ҳастии ӯст. Қатъи ҳаёт марг аст, ки он ҳамчун ҳолати ҳуқуқӣ дар 4 маврид ба миён меояд.

1) Омилҳои табиӣ, ба монанди марги табиӣ;
2) Дар ҳолати амалҳои зиддиҳуқуқӣ, аз ҳаёт маҳрум намудан (куштор);
3) Дар ҳолати худкушӣ;

4) Дар ҳолати татбиқи ҷазои қатл.

**Адабиёт:**

1. Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизми миллии ҳимояи он. – Душанбе: Эҷод, 2007.
2. Ҳуқуқи инсон. Китоби дарсӣ барои синфи 11. – Душанбе, 2009.

# МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ СОХТОРИ КОНСТИТУТСИОНӢ. СОХТОРИ ДАВЛАТӢ – АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ ОСНОВ КОНСТИТУЦИОННОГО СТРОЯ. ГОСУДАРСТВЕННОЕ СТРОИТЕЛЬСТВО

## ЗАРУРИЯТ ВА МОҲИЯТИ НАЗОРАТИ МОЛИЯВӢ ҲАМЧУН ШАКЛИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

**Ғаюров Ш.К.,**
мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.ҳ., профессор
**Тел.:** (+992) 935103862
**E-mail:** shukrullo67@mail.ru

**Диноршоев А.М.,**
мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.ҳ., профессор
**Тел.:** (+992) 918890207
**E-mail:** dinorshoev@gmail.com

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; мурофиаи маъмурӣ

**Фишурда.** Назорати молиявӣ яке аз давраҳои ниҳони идоракунии молиявӣ, ва ҳамчун шарти зарурии самаранокии идоракунӣ баромад мекунад. Мураккабии фаҳмиши назорати молиявӣ бо мураккабии худи категорияи молия вобастагӣ дорад. Молия асоси ҳама соҳаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ буда, натиҷабахши моддии онҳоро инъикос менамояд. Дар навбати худ назорати молиявӣ ҳамчун оинаест, ки дар он ҳамаи ҷараёни ҳаракати захираҳои молиявӣ – аз давраи бунёдшавии захираҳои молиявии барои баамалбарории фаъолият зарур то давраи бадастории натиҷаҳои молиявии он, таҷассум меёбад.

**Калидвожаҳо:** Назорати молиявӣ, идоракунии давлатӣ, молия, мақомоти давлатӣ.

## НЕОБХОДИМОСТЬ И СУЩНОСТЬ ФИНАНСОВОГО КОНТРОЛЯ КАК ФОРМА ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ

**Гаюров Ш.К.,**
заведующий кафедрой гражданского права юридического факультета Таджикского национального университета, д.ю.н, профессор
**Тел.:** (+992) 935103862

**E-mail:** shukrullo67@mail.ru

**Диноршоев А.М.,**
заведующий кафедрой конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета, д.ю.н, профессор
**Тел.:** (+992) 918890207
**E-mail:** dinorshoev@gmail.com

**Научная специальность:** 12.00.14 – административное право; административный процесс

**Аннотация.** Финансовый контроль является одним из важнейших процессов финансового управления, и показателем его эффективности. Сложность понимания финансового контроля связана со сложностью самого понятия финансы. Финансы являются основой всей деятельности государственного сектора и отражают их существенные результаты. В свою очередь, финансовый контроль – это зеркало, состоящее из всего движения финансовых ресурсов – от момента создания финансовых ресурсов для осуществления деятельности до периода достижения ее финансовых результатов.

**Ключевые слова:** Финансовый контроль, государственное управление, финансы, государственные органы.

## NEED AND ESSENCE OF FINANCIAL CONTROL AS A FORM OF PUBLIC ADMINISTRATION

**Gayurov Sh.K.,**
manager of the Civil Law Department of the Law Faculty of the Tajik National University, doctor of law, professor
**Phone:** (+992) 935103862
**E-mail**: shukrullo67@mail.ru

**Dinorshoev A.M.,**
manager of the Department of Constitutional Law of the Law Faculty of the Tajik National University, doctor of law, professor
**Phone:** (+992) 918890207
**E-mail:** dinorshoev@gmail.com

**Scientific specialty:** 12.00.14 – administrative law; administrative process

**Annotation.** Financial control is one of the most important processes of financial management, and an indicator of its effectiveness. The complexity of understanding

financial control is associated with the complexity of the very concept of finance. Finance is the basis for all public sector activities and reflects their significant results. In turn, financial control is a mirror consisting of the entire movement of financial resources - from the moment financial resources are created for carrying out activities to the period of achieving its financial results.

**Keywords**: Financial control, state management, finance, government bodies.

Дар адабиёти иқтисодӣ аксар вақт назорати молиявиро бо назорати пулӣ баробар медонанд. Дуруст аст, ки «ба воситаи пул пеш аз ҳама хароҷотҳои меҳнатии истеҳсолкунандагони мол (кор ва хизматрасониҳо) муайян карда мешавад». Аммо назорати молиявӣ нисбати назорати пулӣ хеле васеъ буда ва дар айни ҳол онро тамоман иваз намудааст. Зеро бо гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ назорати пулии аз тарафи давлат бо воситаи нарх, фоида, молия, қарз ва дигар фишангҳои иқтисодӣ амалишаванда аз байн рафт. Давлат танҳо тарафҳои андозситонӣ ва баамалбарории фаъолияти субъектҳоро минбаъд ба танзим медораду халос. Аз ин рӯ, назорати молиявиро наметавон ҳамчун назорати пулӣ муаррифӣ намуд. Назорати молиявӣ аз як тараф ҳамчун яке аз давраҳои ниҳони идоракунии молиявӣ, аз тарафи дигар ҳамчун шарти зарурии самаранокии идоракунии онҳо баромад мекунад. Мураккабии фаҳмиши назорати молиявӣ бо мураккабии худи категорияи молия вобастагӣ дорад. Чи хеле, ки молия асоси ҳама соҳаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ буда, натиҷабахши моддии онҳоро инъикос менамояд, ҳамин хел назорати молиявӣ гуё ҳамчун оинаест, ки дар он ҳамаи ҷараёни ҳаракати захираҳои молиявӣ – аз давраи бунёдшавии захираҳои молиявии барои баамалбарории фаъолият зарур то давраи бадастории натиҷаҳои молиявии он, таҷассум меёбад.

Назорати молиявӣ таҷассуми амалии махсуси воқеъияти молия буда, ҳамчун категорияи иқтисодӣ воситаи назорат ба шумор меравад. Назорати молиявӣ аслан аз ду ҷиҳат дида мешавад: фаъолияти қатъии ба танзим даровардашудае, ки аз ҷониби мақомоти назоратӣ барои риояи қонунгузорӣ ва интизоми молиявии ҳамаи субъектҳои иқтисодӣ таъсис дода шудааст; унсурҳои ҷудонашавандаи идоракунии молиявӣ ва ҷараёни пулӣ барои дараҷаҳои баланд ва паст бо мақсади манфиатнокии амалиёти молиявӣ. Ҳарду ҷиҳат ё худ манбаи назорат алоқамандии мутақобила дошта, аз рӯи мақсад, усул ва назорати субъектҳо фарқ мекунанд. Дар манбаи аввал, агар тарафи ҳуқуқӣ ва микдории назорат бартарӣ дошта бошад, дар манбаи дуюм ба тарафҳои таҳлилии назорати молиявӣ такя карда мешавад.

Мақоми махсуси назорати молиявӣ дар системаи умумии назорат ҳамчун ҷузъе дар системаи идоракунӣ аз махсусияти он, ки дар вазифаи назоратии худи молия ифода меёбад, бармеояд. қобилияти ба таври объективӣ ба молия хоси ифоданамоии тарафи махсуси фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагӣ дар ҳама соҳаҳо, назорати молиявиро хеле фарогиранда месозад. Агар вазифаи назоратии молия хосияти худи молия бошад, он гоҳ назорати молиявӣ фаъолияти мақомоти мувофиқи онро баамалбароранда аст.

Зоҳиран объекти назорати молиявӣ нишондиҳандаҳои молиявии фаъолият аст, аммо, азбаски онҳо ё ҷараёни бунёдшавӣ, тақсимот, азнавтақсимнамоӣ ва

истифодабарии захираҳои молиявиро танзим менамояд ё натиҷанокии гирдгардиши онҳоро инъикос менамояд, объекти ҳақиқии назорати молиявӣ ҳамаи ҷараёни фаъолияти истеҳсоли-хоҷагӣ мегардад. Бо ин нақши муҳими назорати молиявӣ дар низоми идоракунӣ муайян карда мешавад.

Шарти зарурии самаранокии назорати молиявӣ низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, ки боэътимодӣ ва инъикоси пурраи ҳаракати нишондиҳандаҳои арзишии фаъолияти ашхоси ҳуқуқӣ ё ҷисмонии ҳисоботдеҳро таъмин менамояд, мебошад. Танҳо дар ин шароит натиҷаҳои назорати молиявӣ имкониятро барои таҳлил ва баҳодеҳии объективии динамикаи нишондеҳандаҳои молиявӣ ва тасҳеҳи рафти баамалбарории сиёсати молиявӣ дар давраи муайян инкишоф медиҳад.

Дар кишварҳои иқтисоди бозоргонӣ соҳаи назорати молиявии давлатӣ баамалбарории сиёсати молиявии давлатро таъмин менамояд. Назорати молиявии давлатӣ танҳо ба сохторҳои низоми молиявии давлатӣ дахл дошта, ҷамъи маҳсулоти умумии миллиро фаро мегирад. Ин пеш аз ҳама тартибдиҳӣ ва иҷрои буҷети давлатӣ, фондҳои ғайрибуҷетӣ, молияи маҳаллӣ ва молияи корхонаҳои давлатиро ифода менамояд.

Фаъолияти соҳибкории хусусӣ ва монополияҳо танҳо дар қисмати риояи интизоми молиявӣ ҳангоми иҷроиши супоришоти давлатӣ, ҳангоми ба онҳо пешниҳод гаштани қарз ва субсидияҳои давлатӣ, ҳангоми тартибдеҳии эъломияҳои андоз аз тарафи онҳо объекти назорати молиявии давлатӣ мегардад.

Дар назорати молиявии давлатӣ диққати асосӣ ба саривақтӣ ва пуррагии ҷамъкунии захираҳои давлатӣ, қонунӣ будани хароҷотҳо ва даромадҳои ҳамаи сохторҳои низоми молияи давлатӣ, риояи қоидаҳои баҳисобгирӣ ва ҳисобот дода мешавад. Назорати молиявии давлатӣ на танҳо ҷараёни бунёдшавӣ ва иҷрои буҷети ҷумҳуриявӣ, балки буҷетҳои маҳаллиро низ дар бар мегирад, зеро аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ назорат ҳангоми ба буҷети маҳаллӣ додани субвенсияҳо ва қарзҳо аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои молиягузорӣ ва назорати ҷорию асосии онҳо, бақайдгирии барориши қарзҳои маҳалии аз тарафи давлат кафолат додашаванда, амалигардонии барномаҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ низ ба амал бароварда мешавад.

Ба соҳаи назорати давлатии молиявӣ назорати дар соҳаи фаъолияти монополияҳо ва соҳибкории хусусӣ аз тарафи худи соҳибони сармояи молиявӣ ё амалишаванда низ дохил мешавад. Дар ин ҷода, назорати молиявӣ хеле қатъӣ амалӣ мегардад, зеро аз доимият ва қатъияти он бевосита натиҷанокии молиявии фаъолияти худи соҳибони сармоя вобастагӣ дорад. Мақсади ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ чун қоида гирифтани фоида, яъне афзудани сармояи ибтидоист. Дар ин сатҳ дар сохтори ташкили назорати молиявӣ ҳангоми иқтисоди бозоргонӣ шабоҳат бо назорати дохилӣ-идоравии молиявие, ки ҳангоми мавҷудияти низоми маъмурӣ – фармондеҳӣ ба шакли умумихалқии давлатии моликият амал мекард, бараъло зоҳир мегардад. Аммо, агар ба самаранокии назорати дохили идоравӣ бештар давлат манфиатдор бошад, дар шароити иқтисоди бозорӣ ба самаранокии назорати молиявии дохили хусуси бевосита худи соҳибони сармоя шавқманданд.

Назорати молиявӣ барои гирифтани ҳисоботҳои молиявӣ аз ҳар як қисмати алоҳидаи ҳоҷагӣ оиди нишондиҳандаҳои муҳимтарини иқтисодӣ бо шаклҳои стандартӣ амалӣ мегардад.

Назорати молиявӣ бо воситаи қисматҳо дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ амалӣ мегардад. Назорат аз болои фаъолияти шӯъбаҳои истеҳсолӣ ва ширкатҳои фаръӣ ба воситаи муҳосиба, хадамоти молиявӣ ва системаи банақшагирии онҳо, ки ахборотро ҷамъ оварда аз коркард мегузаронад, амалӣ гардонида мешавад. Афзоиши нақши назорат дар идоракунии ширкатҳо хеле зич бо истефодабарии системаҳои автоматикунонидаи иттилоотӣ ва техникаи электронии ҳисоббарор, ки барои ба таври фаврӣ ва дақиқ ахборотро аз рӯи таъинот додан, коркард ва таҳлили онро ба амал баровардан, фарқиятҳоро аз нишондиҳандаҳои меъёри муайян ва вобаста ба он қарорҳои таъҷилиро қабул кардан имкон медиҳанд, алокаманд аст.

Нисбатан ҷудо кардани намуди назорати ин бевосита таъсири мутақобили байни онҳо мебошад. Нест молияе, ки амалиёти сарфакориро дар мавриди мустақим ё ғайримустақим ба молияи вопасин таъсир нарасонда ва субъекти муоинакунони беаҳамияти назоратчӣ нишон дода шавад. Ба ҳамаи соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, назорат хусусиятҳои хоси ҷамиъиятӣ дошта, пешакӣ таъин карда шуда, инчунин аҳамияти назоратии мақомот ё аудит пешакӣ муқаррар карда мешавад. Таҳлили назариявии масоили мазкур барои илми иқтисод аҳамияти муҳим дорад.

Назорати молиявии давлатӣ аз чунин намудҳо иборат мебошад: андозӣ, асъорӣ, буҷетӣ, суғуртавӣ, бонкӣ, молиявию иҷтимоӣ. Ҳар яки онро аз назари худ таҳлил мекунем. Назорати андозӣ – ин оид ба рафти меъёрҳои қонунгузорӣ, саривақтӣ ва пуррагии пардохтҳои андозӣ ба буҷетҳои сатҳҳои гуногун мебошад. Назорати суғуртавӣ – оид ба ҷамъоварии аъзоҳақии суғурташудагон, истифодаи маблағҳои ҷамъгардида, иҷрои уҳдадориҳо дар назди суғурташудагонро дар бар мегирад. Назорати асъорӣ бошад, баҳри ба низоми муайян даровардани қурби асъор, микдори истифодашавандаи он, гузаронида мешавад. Назорати бонкию қарзӣ – оид ба риояи меъёрҳои қонунгузорӣ, ҳангоми ташкилёбии захираҳои қарзи давлатӣ, қарзҳои бонкӣ ва шартҳои пардохти уҳдадориҳои қарзӣ мебошанд. Назорати буҷетӣ – оид ба истифодабарии захираҳои буҷетӣ, захираҳои қарзи давлатӣ, иҷроиши шартҳои пешкашкунии қарз аз буҷет, тақсимоти дотатсия, трансфертҳо ва дигар захираҳои молияи давлатӣ мебошад.

Назорати молиявӣ-иҷтимоӣ нисбати ташкилёбӣ ва истифодаи фондҳои пулӣ ба мақсади таъминоти иҷтимоии аҳолӣ равона карда мешавад. Назорати андозӣ - ин санҷиши иҷрои қонунгузории андозро, ки аз ҷониби мақомоти андоз гузаронида мешавад, дар бар мегирад. Иштирокчиёни санҷишҳои андозӣ шахсони мансабдори мақомоти андоз, ки дар амрнома зикр шудаанд ва андозсупорандагон (корхонаю муассисаҳо ва шахсони воқеӣ) мебошанд.

Назорати андоз мутобиқи Кодекси андоз Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КА ҶТ) танҳо аз ҷониби мақомоти андоз амалӣ карда мешавад. Назорати андоз ба намудҳои зерин тақсим мешаванд: назорати ҳуҷҷатӣ; назорати амалиётӣ; муоинаи хронометражӣ.

Назорати ҳуҷҷатӣ ба чунин намудҳо ҷудо мешавад:

а) назорати комплексӣ (маҷмӯӣ) – санҷиши иҷрои уҳдадориҳои андозӣ оид ба ҳамаи намудҳои андоз;

б) назорати мавзӯӣ – ин санҷиши иҷрои уҳдадориҳои андоз оид ба намуди алоҳидаи он;

в) назорати мутақобила – ин санҷише мебошад, ки нисбати шахси сеюм гузаронида мешавад. Агар ҳангоми гузаронидани санҷишҳои андози ба мақомоти андоз зарурият пайдо шавад, ки оид ба дурустии дар баҳисобгирии андоз зикр намудани амалиёти гузаронидаи андозсупоранда, маълумоти иловагӣ ба даст оранд (боби 5, моддаҳои 28-42 КА ҶТ).

Назорати амалиётиро мақомоти андоз нисбати андозсупорандагони алоҳида доир ба масъалаҳои риояи талаботи қонунгузории андоз мегузаронанд дар бар мегирад: дар мақомоти андоз, дар баҳисобгирии бақайдгирӣ гузаштани андозсупорандагонро дар бар мегирад; дуруст истифода намудани мошинаҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ дошта; мавҷудияти иҷозатнома ва дигар ҳуҷатҳои иҷозатдиҳӣ; риоя намудани қоидаҳои истеҳсол, рехтан (печондан), нигоҳдорӣ ва фурӯши (истифодаи) молҳои зераксизӣ.

Муоинаи хронометражиро мақомотҳои андоз бо мақсади муқаррар намудани даромади воқеӣ ва хароҷоти воқеии бо даромади гирифташуда, алоқаманди бо андозсупоранда мегузаронанд. Муоинаи хронометражӣ бо тартиби муқаррар намудаи мақомоти андоз гузаронида мешавад.

Назорати андоз бо даврияти зерин гузаронида мешавад: маҷмӯӣ – на бештар аз як маротиба дар як сол; мавзӯӣ – на бештар аз як маротиба дар нимсола, доир ба ҳамон як намуди андоз.

Агар дар соли андози назорати маҷмӯи андозсупорандагон гузаронида шуда бошад, он гоҳ нисбати ҳамин андозсупорандагон дар давоми 12 моҳ аз рӯзи анҷом ёфтани назорати маҷмӯии дар боло зикргардида, назорати мавзӯӣ гузаронида намешавад.

Назорати буҷетиро вобаста ба мӯҳлати гузаронидани амалиётҳои санҷишӣ баъзан ба назорати пешакӣ, ҷорӣ ва минбаъда иҷро менамоянд, ки ҳар кадоми ин назоратҳо вақти муайянро дар бар мегиранд. Назорати пешакӣ дар давраи ба нақшагирии буҷет, то қабули қонун дар рафти ҷамъоварӣ ва тақсимкунии маблағ ҳо гузаронида мешавад. Назорати ҷорӣ – ин пай дар пай санҷидани иҷрои супоришҳои давлатӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои буҷетӣ, супоридани андоз, суғ уртакуни, риоя намудани меъёрҳо ва нормативҳо ифода меёбанд, ки ба таҳлили омилҳои афзоиши фоида, тағ йироту иловаҳои арзиши аслӣ, даромаднокӣ вобаста мебошанд.

Назорати минбаъдаи буҷетӣ, дар вақти ҷамъбаст намудани нақшаҳои гузаронидашуда, сабабҳои иҷрошавӣ ва иҷронашавӣ, инчунин истифодаи захираҳои воситаҳои моддӣ, молиявӣ ва меҳнатиро ошкор менамоянд.

Ин ё дигар намудҳои назорати молиявӣ аз якчанд тарз ва усули мустақили ҳаракати назоратӣ иборат мебошад. Аз ҳама бештар паҳншуда инҳо мебошанд: тафтиши мутақобили ахбороти таъминоти он бо алоқаи дутарафаи молияи хоҷагидорӣ ва шарти амалиёти он; тафтиш ва санҷиш ҳаматарафа мавқеи қонун ва пурра ташкилкунии он (вазъияти иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ); инвентаризатсияи асосӣ

ва гардиши маблағ бақияи маводҳо ва дигар чизҳои қиматнок; ҷорӣ кардани таносуб байни ҳуҷҷатҳои реквизити бонкӣ ва ҳуҷҷатҳои субъектҳои хоҷагидорӣ, тасдиқ кардани маълумотҳои бонкӣ амалиёт бо воситаҳои ҳамин субъект.

Тадбиқ намудани тафтиши таносуби факт ва навиштани маводҳои молиявӣ, меъёри ченкунӣ, ба тарзи оддӣ камшавии истеҳсоли маҳсулот, ғоратгарӣ ва дигар намуди камшавии он, инчунин меъёри дастурамали давлат ва заминаи ташкилкунии андозсупоранда буда, дар дида баромадани пайдоиши хоҷагидори дар раванди динамикӣ; пурсиши иштирокчиён, сарфакорӣ, шартнома ва амалиёти он; тафтиши ҳақиқии мукаммали молияи хоҷагидорӣ, ҳаракат ва мақсади ошкор кардани он ва бартараф кардани шарти қалбакӣ ва шартномаи қалбакӣ ифода меёбад.

Руйхати додашуда на он қадар пурра аст. Инчунин ҳар як назоратчӣ истифодабарӣ ва ҷамънамоии муайян ба ин ё он тарз ва вобастагии аз он кас, ки ба кадом идораи он тааллуқ дорад. Аҳамияти асосии назоратчиёни давлатӣ ба саволҳои муносиби низоми мафҳуми молияи хоҷагидорӣ ва фаъолияти ба тартиб андозӣ ва конунгузории миллӣ мебошад. Аудиторҳои мустақил, инчунин бо таносуб баҳо додани ин ки бо мақсади ҳисоб намудани супоришнома, балки оиди огоҳкунии хусусӣ дар бораи хатогӣ ва ҳаракати он мумкин аст ин боиси чораҳои ҷазо аз тарафи назорати давлатӣ дида шавад.

Назорати молиявӣ ташкил ва иҷрокунии он дар низоми таксимшавӣ ва аз нав таксимшавии арзиш барои сохтан ва истифодабарии фондҳои пулӣ ва махсус муқаррар кардани он, ҳуқуқи субъектҳои ёридиҳандаи назоратӣ ба ду ҳудуд фиристонида мешавад: давлатӣ ва кооперативӣ. Ҳаракати назоратӣ бо ин ду роҳ равона шуда, аз рӯи мубодилагӣ фарқияте надорад, вале мақсадҳои гуногун дорад. Ҳамин тариқ, мақсади назорати давлатии молиявӣ – ин муайянкунии дараҷаи иҷрои ухдадориҳои ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ, корхонаҳо ва инчунин молияи кооперативии назорати муҳосибӣ, миқдори ухдадориҳои қарзи пеши давлат, қарздиҳандаи бонк ва дигар намуди шартномаи иқтисодиро дар бар мегиранд. Шакли дигар назорати молиявӣ ин аудити мустакил мебошад. Яке аз кисмҳои ҷудонопазири фаъолияти молияи давлатӣ ин маълумоти маҳаллии назорати молиявӣ мебошад.

Шарти молияи накдии назорати объективӣ, ин молия ҳамчун категорияи иқтисодӣ буда, махсус на фақат таксимшаванда, балки вазифаи назоратиро низ иҷро менамояд. Барои ҳамин давлат маълумоти маҳалиро барои ҳал кардани масъалаи ухдадориҳои молиявӣ пешниҳод намуда, гузаронидани он бо ёрии назорат ва роҳи иҷрошавии ҳамин масъалаҳо истифода бурда мешавад. Молияи назорати иҷрокунии онро барои барқарор кардани низоми меъёри ҳуқуқии ҳамаи низоми мақомҳои давлатии ҳокимияти худидоракунии маҳалӣ, дар он хусус назорати махсуси мақомҳо дар иштироки умумии корхонаҳо, коллективҳои меҳнатӣ ва аҳолӣ мебошад. Мафҳуми назорати молиявӣ дар он изҳор мешавад, ки ҳангоми гузаронидани тафтиш, дар аввал барқарор кардани низоми ҳуқуқ дар ва худидоракунии маҳаллӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, шаҳрвандон ва дуюм асосҳои иқтисодӣ ва босамар иҷрошавии ҳаракати таносуби масъалаи давлат ва маълумоти мунитсипалии онро дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, хизмати

муҳими он таъминкунӣ ба тарзи қонунӣ ва мувофиқи мақсад гузаронидани фаъолияти молиявӣ мебошад.

Талаботи назорати қонунӣ ҳангоми фаъолият оид ба маълумоти тақсимшавӣ ва истифодабарии фондҳои пулии давлат ва субъектҳои маҳаллии худидоракунӣ мувофиқи асосҳои конститутсионии мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомотҳои худидоракунии маҳаллии шахсони муттасадӣ ва муттаҳидшавии уҳдадории назорати конститутсионӣ ва қонунии он мебошанд.

Қонунгузории ҶТ дар бораи назорати давлатии молиявӣ ба Конститутсияи ҶТ асос ёфта, аз дигар қонунҳои ҶТ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ, фармонҳои Президенти ҶТ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҶТ иборат мебошад.

Вазифаҳои назорати давлатии молиявӣ аз инҳо иборатанд:

- ташкил ва амалигардонии санҷиш ва тафтиши иҷрои қисми даромад ва хароҷоти буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, фондҳои давлатӣ аз рӯи ҳаҷм, сохтор ва таъиноти мақсаднок, инчунин самарабахшии маблағ гузории давлатӣ ва истифодаи амволи давлатӣ;
- таҳлил намудани асоснокии қисмҳои даромад ва хароҷоти лоиҳаи буҷети давлатӣ ва фондҳои давлатӣ;
- назорати маблағ гузории саривақтӣ ва пурраи барномаҳои давлатии сармоягузорӣ ва иҷтимоӣ, истифодаи мақсадноки маблағ ҳои аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ ҷудошаванда, ҳамчунин назорати тақсими кӯмаки башардӯстона ва техникие, ки Ҳукумати ҶТ мегирад;
- назорати қабул, истифода ва нигоҳдории фонди давлатии металлҳои қимматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ки қисми таркибии захираҳои тиллою асъории давлат мебошанд;
- санҷиш ва тафтиши ҳаракати қонунӣ ва саривақтии маблағ ҳои буҷети давлатӣ ва фондҳои давлатӣ дар бонкҳои давлатӣ ва дигар муассисаҳои молиявию қарзӣ;
- назорати истифодаи мақсадноки захираҳои қарзӣ ва сармоягузориҳои хориҷӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати ҶТ, инчунин аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон (минбаъд БМТ) бо мувофиқаи Ҳукумати ҶТ ҷалб карда мешаванд;
- таҳлили камбудиҳои ошкоргардида дар нишондиҳандаҳои тасдиқгардидаи буҷети давлатӣ ва фондҳои давлатӣ ва таҳияи пешниҳодҳое, ки ба рафъи онҳо нигаронида шудаанд;
- тафтиш ва таҳлили фаъолияти мақомотҳое, ки вазифаҳои назорати молиявии дохилиидоравиро анҷом медиҳанд;
- назорати фаъолияти молиявию хоҷагидории субъектҳои давлатии хоҷагидорӣ, инчунин таъмини ҳифзи маблағ ҳои давлатӣ ва амволи давлатӣ аз ҷониби онҳо;
- ба Президенти ҶТ пешниҳод намудани иттилоот ва хулосаҳо оид ба натиҷаҳои корҳои таҳлилию назоратӣ ва дар бораи иҷрои буҷети давлатии соли сипаришшуда, инчунин ҳисоботи ҷамъбастии солона оид ба натиҷаҳои тафтиш ва санҷишҳои анҷом додашуда ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.

Назорати давлатии молиявӣ бояд дар асоси принсипҳои қонуният, ҳаққоният, мустақилият ва ошкорбаёнӣ ба роҳ монда шавад.

Назорати давлатии молиявӣ ба стандартҳои корҳои назоратию тафтишотие, ки дар амалияи байналмилалӣ истифода бурда мешаванд, асос меёбад.

Бо мақсади амалӣ намудани назорати давлатии молиявӣ аз тарафи Президенти ҶТ мақомоти назорати давлатии молиявӣ, таъсис дода мешавад, ки он мақоми асосии назорати давлатии молиявӣ дар ҶТ буда, дар назди Президенти ҶТ ҳисоботдиҳанда мебошад. Низомнома, сохтор, теъдод ва фонди пардохти музди меҳнати мақоми назоратиро Президенти ҶТ тасдиқ менамояд. Ҳангоми баррасии мавод оид ба натиҷаи санҷишу тафтишот, дар ҷаласаҳои мақоми назорат ахборот, ҳисобот ва тавзеҳоти роҳбарон, шахсони мансабдори вазорату идораҳо ва дигар ташкилоту муассисаҳои давлатӣ шунида мешаванд.

Дар ҷараёни татбиқи вазифаҳои дар қонун зикргардида ва мутобиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҶТ фаъолияти санҷишию тафтишотӣ, таҳлилӣ, иттилоотӣ ва дигар намудҳои фаъолият анҷом дода шуда, системаи ягонаи назорати давлатии молиявӣ ба фаъоляти молиявию хоҷагии субъектҳои хоҷагидории давлатӣ, ташаккул ва иҷрои буҷети давлатӣ истифодаи амволи давлатӣ дар ҷумҳурӣ таъмин карда мешавад, ки он чунин намудҳои назоратро пешбинӣ менамояд:

- гузаронидани тафтишҳои комплексӣ ва санҷишҳои мавзӯӣ оид ба иҷрои буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, фондҳои давлатӣ, аз ҷумла барои нигоҳ доштани мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатии ҶТ, хизматрасонии қарзи дохилӣ ва хориҷии ҶТ, истифодаи кӯмаки хориҷие, ки аз ҷониби Ҳукумати ҶТ, ё бо кафолати он гирифта мешавад, маблағгузории ташкилот ва муассисаҳои давлатии дар хориҷа амалкунанда, инчунин истифода ва ҳифзи амволи давлатӣ;
- ташкили тафтишҳои комплексӣ ва санҷишҳои мавзӯии фаъолияти молиявию хоҷагии субъектҳои хоҷагидории давлатӣ;
- гузаронидани санҷишҳои мавзӯӣ оид ба масъалаҳои қабул, истифода ва нигоҳдории фонди давлатии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қимматбаҳо, ки қисми захираҳои тиллоию асъори давлат мебошад;
- доир намудани санҷишҳо оиди хизматрасонии маблағҳои буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ аз ҷониби БМТ, бонкҳои давлатӣ ва тиҷоратӣ;
- гузаронидани санҷишҳо оид ба хизматрасонии қарзи давлатии ҶТ аз ҷониби БМТ;
- ба Президенти ҶТ пешниҳод намудани иттилооти семоҳа оид ба натиҷаҳои фаъолияти назоратӣ ва тадбирҳои нисбати онҳо андешидашуда.

Фаъолияти назоратӣ дар асоси нақшаҳои дусолаи тафтишотии комплексӣ ва нақшаҳои солонаи санҷишҳои мавзӯӣ, ки бинобар зарурати таъмини назорати системавии ҳамаҷонибаи истифодаи воситаҳои давлатӣ ва амволи давлатӣ, бо назардошти ҳамаи самтҳои фаъолияти тафтишотӣ тартиб дода шудааст, созмон дода мешавад.

Банақшагирӣ дар асоси меъёрҳои техникию иқтисодӣ, стандартҳои назоратӣ ва тафтишотӣ, дастурҳои методӣ анҷом дода мешавад. Нақшаи тафтишот ва санҷишҳои мавзӯӣ аз ҷониби Президенти ҶТ тасдиқ карда мешавад.

Чорабиниҳои назоратии ғайринақшавӣ бо дастури Президенти ҶТ, ё ҳангоми дархости мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз рӯи парвандаҳои ҷиноятии

оғ озгардида дар асоси фармони роҳбарияти мақоми назорат гузаронида мешаванд.

Ваколатҳои назоратӣ ҳамчунин нисбати мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли моликият, агар онҳо маблағ ҳоро аз буҷети давлатӣ гиранд, ба воситаи суратҳисобҳо гузаронанд ё истифода баранд, моликияти давлатиро истифода ё идора намоянд, татбиқ мегардад.

Тафтишот на зиёда аз як бор дар ду сол ва санҷишҳои мавзӯӣ мутобиқи нақшаи солонаи тасдиқгардида дар маҳалли ҷойгиршавии объекти тафтишшаванда дар асоси фармони роҳбарияти Мақоми назорат дар бораи гузаронидани тафтишот ё санҷиш анҷом дода мешавад.

Санҷишҳои мавзӯи дигар субъектҳои хоҷагидорӣ, сарфи назар аз шакли моликияташон, дар қисмати гирифтан, ба воситаи суратҳисобҳо гузарондан ё истифодаи маблағ ҳои буҷети давлатӣ аз ҷониби онҳо, иҷрои фармоиши давлатӣ ва истифодаи амволи давлатӣ, дар ҳолатҳое гузаронида мешавад, ки ин санҷишҳо бинобар зарурати доир намудани санҷиши мутаққобила аз рӯи далелҳои мушаххас ба миён омаданд.

Монеа ба фаъолияти кормандони мақоми назорат дар доираи ваколатҳои додашуда, таъсиррасонӣ ба онҳо бо мақсади қабули қарор ба манфиати ин ё он тараф, амали зӯроварӣ, ҳамчунин тӯҳмат ё паҳн намудани маълумоти таҳрифшуда оид ба иҷрои уҳдадориҳои хизматии онҳо тибқи қонунгузории ҶТ боиси ба ҷавобгарӣ кашидан мегарданд.

Дар рафти иҷрои буҷети давлатӣ тафтиш ва таҳлили фаъолияти мақомоти андоз, гумрук, хазинадорӣ, молиявӣ, бонкӣ ва дигар мақомотҳои идоракунии давлатӣ ҷиҳати аз ҷониби онҳо пурра ва сари вақт таъмин намудани ҷамъоварии воридоти андозӣ ва ғ айриандозӣ ба буҷет, инчунин назорати хароҷоти воқеии маблағ ҳои буҷети анҷом дода мешавад. Дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои тасдиқгардидаи буҷети давлатӣ таҳлили онҳо гузаронида шуда, ҳангоми ошкор намудани камбудиҳо, барои рафъи онҳо пешниҳод ирсол карда мешавад.

Инчунин, ташаккул ва истифодаи самарабахши маблағ ҳои фондҳои давлатӣ, таҳти назорат қарор дода мешаванд.

# КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН – АСОСИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

**Гадоев Б.С.,**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ҳ
**Тел.:** (+992) 917756320
**E-mail:** burhonidin@mail.ru

**Саидов С.,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 918875448
**E-mail:** sobir@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ**: 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; ҳуқуқи мунисипалӣ

**Фишурда.** Бо муқаррар намудани ҷанбаҳои асосӣ барои таҳияи сиёсати ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, Конститутсия ҳамчун танзимгари муҳими муносибатҳои иқтисодӣ хизмат мекунад. Конститутсия ва қонунҳо бисёр ҳолатҳоро муқаррар кардаанд, ки бевосита ё бавосита ба асосҳои иқтисодиёт дахл доранд. Ин ба ваколатҳои мақомоти давлатӣ дар ин соҳа, меъёрҳо ва принсипҳои рушди иқтисодӣ, муносибатҳои субъектҳои хоҷагидори байни худ ва давлат, муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ, инчунин ҳуқуқи моликият ва мерос, танзими монополия ва рақобат, озодии шартнома, мақоми субъектҳои ҳуқуқ, ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандон ва ғ. вобаста аст.

Дар мақолаи мазкур муаллифон бо истифода аз адабиёти пурғановати ҳуқуқӣ масоили қонунгузорӣ ва амалиявии вобаста ба мазмуни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – асоси рушди иқтисодиёти миллии Тоҷикистон бо назардошти рушд ва такмили ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар соҳаи фаъолияти иқтисодиро мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конститутсия, қонунҳо, ҳуқуқи иҷтимоӣ- иқтисодӣ, қонунгузорӣ, мақомот, шаҳрвандон, кафолат

# КОНСТИТУТЦИЯ РЕСПУЛИКИ ТАДЖИКИСТАН – ОСНОВА РАЗВИТИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

**Гадоев Б.С.,**
дотсент кафедры конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета, к.н.ю
**Тел.:** (+992) 917756320
**E-mail:** burhonidin@mail.ru

**Саидов С.,**
асситент кафедры конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 918875448
**E-mail:** sobir@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.02 – конституционное право; конституционное судопроизводство; муниципальное право

**Аннотация.** Задавая основные параметры развития правовой политики, законодательства и правоприменительной практики, Конституция служит важным регулятором и экономических отношений. Конституция и законы содержать немало положений, прямо или косвенно затрагивающих основы экономики. Это касается полномочий государственных органов в данной сфере, норм и принципов экономического развития, отношений хозяйствующих субъектов между собой и с государством, внешнеэкономических отношений. А также прав собственности и наследования, регулирования монополии и конкуренции, свободы договора, статуса субъектов права, социально-экономических прав граждан и так далее.

В данной статье авторы с использованием специальной юридической литературы анализируют законодательные и практические вопросы, связанные с содержанием Конституции Республики Таджикистан как основа развития национальной экономики с учетом развитие и расширение права граждан в сфере экономической деятельности.

**Ключевые слова:** Республики Таджикистан, Конституция, законы, социально-экономические права, законодательства, органы, гражданы, гарантия.

# CONSTITUTION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN – THE BASIS FOR THE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY

**Gadoev B.S.,**
Associate Professor of the Department of Constitutional Law of the Law Faculty of the Tajik National University, candidate of law
**Phone:** (+992) 917756320
**E-mail:** burhonidin@mail.ru

**Saidov S.,**
Junior lecturer of the Department of Constitutional Law of the Law Faculty of the Tajik National University
**Phone:** (+992) 918875448
**E-mail:** sobir@mail.ru

**Scientific Specialty:** 12.00.02 – constitutional law; constitutional proceeding; municipal law

**Annotation.** By setting the basic parameters for the development of legal policy, legislation and law enforcement practice, the Constitution serves as an important regulator of economic relations. The Constitution and laws contain many provisions directly or indirectly affecting the fundamentals of the economy. This concerns the powers of state bodies in this field, the norms and principles of economic development, the relations of economic entities between themselves and with the state, foreign economic relations. As well as property rights and inheritance, regulation of monopoly and competition, freedom of contract, the status of subjects of law, socio-economic rights of citizens, and so on.

In this article, the authors analyzes the legal and practical issues related to the content of the Constitution of the Republic of Tajikistan as the basis for the development of the national economy, taking into account the development and expansion of citizens' rights in the field of economic activity.

**Keywords:** Republic of Tajikistan, Constitution, laws, social and economic rights, laws, bodies, citizens, guarantee.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 Қонуни асосии давраи соҳибихтиёрии Тоҷикистон, бунёди давраи давлатдории нави миллии тоҷик мебошад. Дар он таҳкурсии ҳуқуқии давлати нави миллӣ гузошта шуда, шакл, моҳият, мазмун, ҳадаф ва вазифаҳо муайян карда шудаанд. Баробари ин, Конститутсияи мазкур қадами аввал аз самти ҳуқуқӣ расмигардонии давлатдории навини миллат, хотимаи давраи ибтидоии давлатдории миллии тоҷик, анҷоми давраи шӯравии сотсиалистии ташкилу инкишофи давлати Тоҷикистон аст. Ин ҳолатҳо дар мазмуну таъиноти Конститутсияи соли 1994 равшан ифода ёфтааст [2, с. 78]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994

Конститутсияи давраи нави таърихии пайдоиш ва инкишофи ҷумҳурӣ, давраи ноил гаштан ба соҳибихтиёрии давлатӣ ва бунёди воқеан давлати миллии тоҷикон мебошад. Ин конститутсияест, ки аввалин бор бо забони тоҷикӣ, бо дасти худи тоҷикон таҳия гашта, қабул шудааст. Дар он кӯшиш карда шудааст, ки Конститутсияи давлат ҷавобгӯи орзую ормони тоҷикон ба бунёди давлати миллии худ бошад. Баъди соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон зарурати ба таври куллӣ аз нав муайян кардани низоми ҳуқуқие, ки дар асоси онҳо ҳаёти давлати соҳибихтиёр созмон ёфта, шаҳрвандонаш умр ба сар мебаранд, ба миён омад. Барои ҳалли ин масъала аллакай корҳои зиёде ба сомон расонида шудааст.

Дар марҳилаи муосири ислоҳот ва тағйиротҳои куллӣ танзими ҳуқуқии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии давлат яке аз масъалаҳои муҳим арзёбӣ мегардад. Рушди устувори иқтисодиёт ва ҷомеа, ташаккули давлати неруманд танҳо дар асоси тавсеаи дастгирии иҷтимоии ҳадафҳо ва ғояҳое, ки дар Конститутсияи ҶТ мустаҳкам гардида имконпазираст.

Конститутсияи Тоҷикистон ҳамчун санади иҷтимоиву фарҳангӣ қабл аз ҳама он муносибатҳоеро таҳти танзим қарор медиҳад, ки онҳо зиндагии бошарафонаи инсонро таъмин мекунанд. Қонуни асосӣ давлатро ҳамчун падидаи банақшагиранда, идоракунанда, тавлидкунанда муайян мекунад. Қонуни асосӣ роҳҳои қаноат бахшидан ба талаботи иҷтимоии аъзои ҷомеаро дар соҳаҳои маориф, илм, ҳифзи саломатӣ, фарҳанг таъминоти иҷтимоӣ, ҳифзи меҳнат ва оиларо муқаррар мекунад. Танзими ҳаёти иқтисодӣ, аз ҷумла мушаххас сохтани шаклҳои моликият, кафолати соҳибкории озод, ҳифзи моликияти фард, масъун будани амволи ҳар кас аз мудохилаи ғайриқонунӣ ва ғайра, ки асосу бунёди рушду такомули ҳаёти ҷомеаро кафолат медиҳад, ифодакунандаи Қонуни асосӣ ба сифати санади иқтисодӣ мебошад.

Мусаллам аст, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун Қонуни асосии давлат сарчашмаи бунёдии қонунгузорӣ маҳсуб гашта, дар низоми ҳуқуқӣ нисбат ба дигар санадҳо қувваи олии ҳуқуқӣ дорад ва доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодиро муқаррару танзим менамояд, зеро дар он асосу заминаҳои ҳуқуқиву иқтисодии давлату ҷамъият муайян гардидаанд. Конститутсия ҳарчанд Қонуни асосии кишвар ҳам бошад, он ба пуррагӣ муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодиро танзим насохта, танҳо тарҳи асосҳои ҳуқуқии он, низоми онҳо, шаклҳои онҳо ва ғайраро муайян мекунад.

Бояд қайд кард, ки марҳилаҳои рушди ҳар як мамлакат аз дараҷаи муайяни тараққиёти иқтисоди миллӣ вобаста аст.

Муносибатҳои истеҳсолие, ки дар рафти истеҳсол, муомилот, тақсимот ва истеъмол ба вуҷуд меоянд, яке аз унсурҳои низоми иқтисодии мамлакатро ташкил медиҳанд. Мафҳуми низоми иқтисодии ҷумҳуриро на танҳо дар сохтори муносибатҳои истеҳсолӣ, инчунин дар тарзи истеҳсолоте, ки ягонагии қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолиро таҷассум менамояд, ифода намудан мумкин аст.

Иқтисодиёт асоси муайянкунандаи муносибатҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, маънавӣ ва ғайраҳо дар ҷамъият мебошад. Дар асоси он идоракунии ҷамъият, афкори ҳуқуқӣ, маданият, санъат ва ҳатто ақидаҳои сиёсӣ ва динии одамон инкишоф

меёбанд. Мақсади ҳама гуна иқтисодиёт дар ҷомеа ҳарчи пурратар қонеъ гардонидани талаботи моддӣ ва маънавии аъзоёни он мебошад.

Соҳибихтиёр ва мустақил будани ҷумҳурии мо шаҳрвандонро вазифадор менамояд, ки ҳамчун соҳиби ҳақиқии тамоми сарватҳои табиӣ ва моддӣ нисбати афзун намудани боигарии ҷамъият ғамхорӣ намоянд. Давлат муносибати эҷодкорона ба меҳнатро, ки аз тарафи шаҳрвандон ва коллективҳои меҳнатӣ зоҳир мегардад, ҳаматарафа дастгирӣ намуда, барои ба талаботи аввалини ҳаёти ҳар як шахс табдил ёфтани меҳнат ёрӣ медиҳад. Аз ин ҷо, фақат меҳнат ва дар асоси он ба роҳ мондани истеҳсолот, сарчашмаи боигарии моддӣ ва афзунгардии моликият дар ҷумҳурии мо ба ҳисоб меравад. Ривоҷу равнақи иқтисодиёт ба инкишофи шаклҳои гуногуни моликият вобастагии зич дорад. Гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ танзими ҳуқуқии муносибатҳои моликиятиро тақозо мекунад.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуну санадҳои меъёрии зиёде, ки ба идоракунии давлатӣ, иқтисодиёт, ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, фарҳангӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолию табиат, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, сиёсати хориҷӣ, риояи тартиботи ҳуқуқӣ дахл доранд, қабул гардида, дар ҳаёт татбиқ шуда истодаанд ва дар ягонагӣ низоми иқтисодию иҷтимоии мамлакатро ифода менамояд.

Яке аз асосҳои сохтори конститутсионии Тоҷикистон гуногуншаклии моликият мебошад. Мувофиқи моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [5], асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд. Ба шаклҳо ва намудҳо тақсим намудани ҳуқуқи моликият аҳамияти назариявӣ ва ҳам аҳамияти амалӣ дорад. Вобаста ба он ки ҳуқуқи моликият ба кадом шакл ва кадом намуд дохил карда мешавад, реҷаи ҳуқуқи молумулкӣ, ки объекти ин ҳуқуқ ва он имкониятҳое, ки соҳибмулк нисбати ин молумулк дорад, муайян шуда метавонад.

Дар айни замон меъёрҳои конститутсионӣ дар бораи муқаррар ва танзими ҳуқуқу озодии инсону шаҳрванд ва кафолатҳои онҳоро дар заминаи гуногуншаклии моликият муайян менамоянд. Ин ҳолат шахсро водор месозад, ки дар муносибатҳои иқтисодӣ ва молу мулкӣ субъекти комилҳуқуқи фаъолияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бошад. Фаъолияти иқтисодиро дар заминаи ҷавобгарию масъулияти шахсӣ ба роҳ монда дар таъмини некӯаҳволии худ ва ҷомеа саҳим бошад.

Конститутсия ва қонунҳои амалкунандаи иқтисодии Тоҷикистон дар низоми ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии инсон ва шаҳрванд ҳуқуқи ҳар кас ба моликият ва мерос ва кафолати онро дар мақоми аввал гузоштаанд. Яке аз кафолатҳои ин ҳуқуқ фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ мебошад. Маҳз ривоҷи соҳибкорӣ ба ташаббуси шахс дар ташкили соҳаҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоию иқтисодӣ (истеҳсолот, тиҷорат, сохтмон, хизматрасонӣ ва ғайра) имконияти васеъ фароҳам меоварад. Асоси конститутсионӣ пайдо кардани ҳуқуқи моликияти хусусӣ яке аз роҳҳои муҳимтарини рӯоварии мамлакат ба сӯи иқтисоди бозоргонӣ мебошад. Боварии моликиятдорро ба ҳифзи молу мулкаш афзун менамояд. Ин боварӣ заминаи конститутсионӣ дорад

ва дар моддаи 32 муқаррар карда шудааст, ки ҳеҷ кас ҳақ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад [5].

Дар моддаи12 Конститутсияи ҶТ пешбинӣ шудааст, ки давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад [5]. Дар ҶТ оид ба ҳаҷми моликиятдорӣ ҳеҷ гуна маҳдудият муқаррар нашудааст. Ҳуқуқи моликият асоси моддии ҳар як давлат – муносибатҳои иқтисодии моликиятро устувор мегардонад. Аз ин сабаб муносибатҳои моликият ва ҳуқуқи моликият ду категорияи ба ҳам вобаста мебошанд. Ҳуқуқи моликият ифодаи ҳуқуқӣ, яъне шакли мустаҳкам намудани муносибатҳои иқтисодии моликият мебошад. Муносибатҳои моликиятӣ бошад, дар асоси ҳуқуқи моликият ба вуҷуд меояд.

Тибқи Кодекси гражданӣ ҳуқуқи моликият ҳуқуқи қонуни эътирофгардида ва ҳифзшавандаи моликиятдор оид ба бо ихтиёри худ соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулк мебошад. Молик ҳақ дорад мутобиқи ихтиёри худ молу мулкашро ихтиёрдорӣ кунад, аз ҷумла онро ба каси дигар фурӯшад, мерос гузорад, тӯҳфа намояд, молу мулкро ба иҷора супорад ва дар шаклҳои дигар ихтиёрдорӣ кунад. Истифодаи ҳуқуқи моликиятдор набояд ҳуқуқу манфиатҳои қонунии каси дигарро вайрон созад. Чунин вайронкунӣ дар марҳилаи ҳозира дар шаклҳои гуногуни рақобат ва кирдорҳои инҳисорӣ ба вуқӯъ мепайвандад. Дар таҷриба ҳодисаҳои бо роҳи зурӣ соҳиб гаштан ба молу мулки каси дигар, нобудсозии молу мулк (сухтор) ва зараррасонӣ сурат мегирад. Моликиятдор вазифадор аст, ки барои пешгириии зиёне, ки ҳангоми татбиқи ҳуқуқҳояш ба саломатии инсон ва муҳити зист расида метавонад, тадбирҳо андешад.

Шаклҳои моликият дар ҶТ хусусӣ ва давлатӣ мебошад. Аммо дар намуди моликияти омехта, моликияти умумӣ (саҳҳомӣ) ва ғайра вуҷуд дошта метавонад. Моликияти хусусӣ моликияти шахси ҷисмонӣ, шахсони ҳуқуқии ғайридавлатӣ ё иттиҳодияҳо шуда метавонад. Моликияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои динӣ, шакли махсуси моликияти хусусӣ дониста шудааст. Дар моликияти хусусӣ ҳар гуна молу мулке буда метавонад, ки аз муомилоти шаҳрвандӣ берун карда нашудааст. Моликияти давлатӣ дар шакли моликияти ҷумҳуриявӣ ва коммуналӣ вуҷуд дорад. Конститутсия замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набоботу ҳайвонот ва дигар боигарии табииро моликияти истисноии давлат маҳфуз доштааст.

Ҳуқуқи моликият бемӯҳлат мебошад. Ҳуқуқи моликият дар асосҳои қонун пешбиникарда қатъ ёфта метавонад. Мувофиқи Кодекси гражданӣ дар ҳолатҳои аз ҷониби молик ба тасарруфи каси дигар гузаштани амвол, рад кардани ҳуқуқи моликият аз ҷониби молик, нобуд ё вайрон шудани амвол ва аз даст додани ҳуқуқи моликият ба амвол ва дигар ҳолатҳо ҷой дошта метавонад. Аз ҷумла аз ҳисоби амвол ситонидани пардохт мутобиқи ӯҳдадориҳои молик; ба таври иҷборӣ гирифтани амволе, ки тибқи санади ҳуқуқӣ ба тасарруфкунанда таалуқ надорад; реквизитсия; мусодира; гирифтани амволи ғайриманкул вобаста ба кашида гирифтани қитъаи замин; харидани сарватҳои фарҳангӣ ё таърихии бесарусомон нигоҳдошташаванд ва дигар ҳолатҳои қонунҳо пешбиникарда (моддаи 259). Милликунонии моликияти шахс танҳо дар асоси қонун ва пардохти

арзиши амвол ва ҷуброни зиёне, ки вобаста ба милликунонӣ ба молик ворид гардидааст, иҷозат дода мешавад [3].

Воқеан дар Конститутсияи ҶТ меъёри мушаххас дар бораи ҳуқуқи кас ба фаъолияти соҳибкорӣ пешбинӣ нашудааст. Аммо моддаи 12 давлатро ӯҳдадор кардааст, ки ба фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ кафолат диҳад. Ва ин меъёр дар қатори дигар меъёрҳое, ки асоси конститутсионии ҷумҳуриро ташкил менамоянд, ки далели аҳамияти махсус доштани он мебошад. Муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба ҳуқуқи соҳибкорӣ бештар дар санади фарогири ҳуқуқӣ - Кодекси граждании танзим ёфтаанд. Дар он тартиби ташкил ва қатъи қонун фаъолиятест, ки мустақилона таваккалан аз тарафи соҳибкор амалӣ карда мешавад ва ҳадафи он мунтазам ба даст овардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат иборат аст.

Бояд гуфт, ки ташаккулёбии иқтисоди бозорӣ ба сатҳи рушди фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд мебошад. Соҳибкорӣ сарчашмаи асосии рушди муносибатҳои иқтисодӣ буда, ба ривоҷу равнақи он на фақат шахси ба ин фаъолият шуғл дошта, балки давлат низ ҳавасманд мебошад. Зеро ки самаранок ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ аз чандин самтҳо ҳам барои ҷомеа, ҳам давлат ва ҳам шахс манфиатнок мебошад. Соҳибкор дар шароити мусоиди фаъолият фоида ба даст меорад ва шуғли худро ривоҷ медиҳад ва барои дигарон ҷойи кор тайёр мекунад, истеҳсолотро ба роҳ мемоанд ва бозори дохилӣ ва хориҷиро бо маҳсулот таъмин мекунад. Андози аз соҳибкорон ситонидашаванда манбаи асосии буҷаи давлатӣ мебошад.

Конститутсия муқаррар менамояд, ки ҳеҷ кас ҳақ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд намояд. Молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷомеа танҳо дар асоси қонун ва розигии соҳибмулк бо пардохти арзиши пурраи он гирифтан мумкин аст. Қонунҳои ихтисодӣ тартиби аз моликияти шаҳрванд берун кардани молу мулкро муайян кардаанд. Аз молу мулк маҳрум кардани шахс бо қарори суд танҳо дар натиҷаи мусодира дар шакли ҷазо барои қонуншиканӣ ё мусодира барои эҳтиёҷоти давлатӣ (масалан, офати табиӣ ё дигар ҳолати фавқулодда) ҷой дошта метавонад.

Муқаррар карда шудааст, ки товони зарари моддӣ ва маънавие, ки ба шахс дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ё шахсони алоҳида расонида мешавад, мувофиқи қонун аз ҳисоби онҳо рӯёнида мешавад.

Ҳуқуқи шахс ба меросгузории моликият дар асоси қонун ё васиятнома амалӣ карда мешавад. Меросгирӣ дар асоси қонун ҳамон вақт ҷой дошта метавонад, ки он бо васиятнома тағйир нашуда бошад. Меросгирандагон мувофиқи васиатнома шахсони ҷисмонӣ ё ҳуқуқӣ ва давлат шуда метавонанд. Дар Кодекси гражданӣ ба мақсади ҳимояи манфиати хурдсолон ва меросхӯрони корношоями меросгузорӣ фавтида, маҳдудкунии озодии васият пешбинӣ карда шудааст [1, с. 333; 4].

Ҳамин тариқ, низоми ҳуқуқу озодиҳои иқтисодии инсон ва шаҳрванд давраи нави муносибатҳои молу мулкӣ, моликиятдорӣ, тағйирёбии сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии давлат, ҳарчи бештар фаъол гардидани нақши инсонро дар пӯрзӯр шудани кафолати онҳо инъикос мекунад.

Имрӯз дар Тоҷикистон бе такмили қонунгузории иҷтимоӣ ҳалли масъалаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ ғайриимкон аст. Барои ҳамин қабули консепсияи давлати иҷтимоиро зарур мешуморем, ки дар он ба таври возеҳ вазифаҳои мақомоти давлатӣ дар ташаккули давлати иҷтимоӣ муайян мегарданд. Амалигардонии консепсияи давлати иҷтимоӣ ба беҳтар намудани солимии генофонди миллат, болоравии сатҳи таҳсилот, тайёрии касбӣ ва беҳбудии сифати ҳаёти аҳолӣ мусоидат менамояд.

Амалигардонии сиёсати пешгирифтаи иҷтимоии давлат дар шароити кунунӣ ба баъзе муваффақиятҳои иқтисодӣ ноил гардидааст:

- болоравии истеҳсолот дар асоси модернизатсияи (навсозии) иқтисодиёт ва баланд бардоштани самаранокии он;
- муҳайё намудани шароити мусоид барои ҷалби сармоя ва гирифтани пеши роҳи ихроҷи он аз ҷумҳурӣ, фаъол гаштани ҷалби қарзҳои хориҷ дар доираи самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишвар;
- ботадриҷ зиёд гаштани даромади воқеӣ дар асоси аз байн бурдани қарзи музди меҳнат ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ, таъмини самараноки сатҳи шуғли аҳолӣ.

Ҳамин тариқ, арзишҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар марҳилаи ташаккулёбии давлатдории миллии тоҷикон мазмуни хоса дорад. Дарки моҳият, эътирофи муқаддасот ва ҳифзи ин арзишҳо вазифаи муҳими давлат, ҷомеа ва ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон мебошад. Устувории ҳар як давлат, аз бемайлон инкишоф ёфтани асосҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии он вобастагӣ дорад ва он бахри таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона аст.

**Адабиёт:**

1. Иқтибос аз: Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017.
2. Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2012.
3. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қ.1. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999, №6, мод. 153, 154; соли 2001, №7, мод. 508; соли 2002, № 4, қ-1, мод. 170; соли 2005, №3, мод. 125; соли 2006, №4, мод. 193; соли 2007, №5, мод.356; соли 2010.
4. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2005, №3, мод. 123.
5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016.

# ОСНОВЫ КОНСТИТУЦИОННОГО СТРОЯ КАК ИНСТИТУТ КОНСТИТУЦИОННОГО ПРАВА

**Ганиев Дж.Ш.,**
ассистент кафедры конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 907444545
**E-mail:** jomi.03@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.02 – конституционное право; конституционное судопроизводство; муниципальное право

**Научный руководитель:** Диноршох А.М., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Джамшедов Дж.Н., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация.** В статье исследованы основы конституционного строя как институт конституционного права. В полемике с другими авторами раскрывается понятие и сущность основ конституционного строя, выявляется его соотношение с гражданским обществом.

**Ключевые слова:** Основы конституционного строя, конституционное государство, правовое государство, гражданское общество.

# АСОСҲОИ СОХТОРИ КОНСТИТУТСИОНӢ ҲАМЧУН ИНСТИТУТИ ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ

**Ғаниев Ҷ.Ш.,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 907444545
**E-mail:** jomi.03@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.02. – ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; ҳуқуқи мунисипалӣ

**Роҳбари илмӣ:** Диноршоҳ А.М., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Ҷамшедов Ҷ.Н., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда.** Дар мақолаи мазкур асосҳои сохтори конститутсионӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ таҳқиқ гардидааст. Бо муқоиса бо дигар муаллифон мафҳум ва мазмуни асосҳои сохтори конститутсионӣ кушода мешавад ва муносибати он бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ошкор мегардад.

**Калидвожаҳо:** Асосҳои сохтори конститутсионӣ, давлати конститутсионӣ, давлатӣ ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ.

## BASES OF CONSTITUTIONAL BUILDING AS INSTITUTE OF CONSTITUTIONAL LAW

**Ganiev J.Sh.,**
assistant of the Department of Constitutional Law of the Law Faculty of the Tajik National University
**Phone:** (+992) 907444545
**E-mail:** jomi.03@mail.ru

**Scientific Specialty:** 12.00.02 – constitutional law; constitutional proceeding; municipal law

**Research supervisor:** Dinorshoh A.M., Doctor of Legal Sciences, Professor
**Reviewer:** Jamshedov J.N., Candidate of Legal Sciences, Assistant Professor

**The summary:** The article considers the constitutional system as an institution of constitutional law and as a constitutional institution. The notion, the essence and the correlation of the foundations of the constitutional system with a law-governed state and civil society are revealed in debate with other authors.
**Keywords:** Constitutional system, constitutional state, law-governed state, civil society.

В юридической науке достаточно большое внимание уделяется правовым институтам. Этот вывод характерен и для конституционного права, институты которого характеризуются совокупностью норм, представляющих собой нормативную конструкцию, обращенную на урегулирование однородных, взаимосвязанных общественных отношений, составляющих предмет регулирования соответствующего института. При этом предмет данного регулирования является составной частью предмета конституционного права.

Одновременно с этим в науке конституционного права исследователи выделяют и конституционные институты, которые можно охарактеризовать как совокупность закрепленных в Конституции правовых норм, регулирующих однородные правовые отношения. «Являясь инструментом регулирующего воздействия конституционного права в широком смысле, – пишет А.Е. Постников, – он может и не получать дальнейшего развития именно в конституционном законодательстве и развиваться в рамках иных отраслей законодательства. В этом случае данный конституционный институт не является институтом конституционного права» [9]. Опираясь на эти верные методологические подходы, А.Е. Постников говорит только о трех институтах конституционного права: это организация публичной власти, основы правового положения личности, устройство государства.

Между тем к основным институтам конституционного права следует отнести и институт основ конституционного строя, который служит базовым и определяющим для указанных выше трех институтов конституционного права и который устанавливает главные начала организации публичной власти, правового положения личности и устройства государства.

Указанный институт конституционного права одновременно является и конституционным институтом, нашедшим свое закрепление в Конституции РТ. Институт основ конституционного строя, нашел достаточное освещение в современной науке конституционного права. Вместе с тем некоторые вопросы, связанные с его определением и выяснением содержания, являются дискуссионными.

Это связано с тем, что основы конституционного строя как правовой институт сравнительно недавно пополнил традиционные институты конституционного права. Впервые он был закреплен в Конституции РТ 1994 г.

С этого времени и началось его научное осмысление в юридической науке. Отсюда берут начало и различные точки зрения, существующие в современной науке конституционного права, на понятие, сущность, содержание и юридическую природу указанного правового института.

По мнению Н.А. Михалевой, конституционный строй является базовым институтом конституционного права как отрасли права.

Он выражается в совокупности юридических норм, закрепляющих основополагающие принципы государственной и общественной жизни, взаимоотношения личности, общества, государства [8].

Здесь же Н.А. Михалева отождествляет конституционный строй с общественным строем, в котором «функционирует правовое государство с республиканской формой правления, установлен демократический политический режим, признается приоритетное положение личности, незыблемость частной собственности, разделение властей, верховенство права и закона» [8]. Следовательно, Н.А. Михалева хотя и считает конституционный и общественный строй явлениями одного порядка, фактически связывает его с демократическими либеральными ценностями, которые были антиподами марксистского понимания общественного строя, характерного для прежних советских конституций.

Е.И. Козлова и О.Е. Кутафин под основами конституционного строя понимали «форму (или способ) организации государства, которая обеспечивает подчинение его праву и характеризует его как конституционное государство» [6]. В этом определении выражена сущность конституционного строя и его основная характеристика– подчинение государства праву.

С точки зрения М.В. Баглая, конституционный строй есть порядок, при котором соблюдаются права и свободы человека и гражданина, а государство действует в соответствии с конституцией [1]. Как видно в определении конституционный строй выражает свободу личности при отсутствии власте – отношений.

Н.А. Богданова под конституционным строем понимает логическое построение, отражающее объективированные в нормах конституционного права

устройство государства и общества, а также положение человека в системе отношений «государство – общество – личность» [3, с. 161].

М.И. Гранкин считает, что конституционный строй есть система органов государственной власти, местного самоуправления, общественных объединений, предпринимательских и некоммерческих организаций, признающих человека и его права высшей ценностью. «Конституционный строй, – пишет он, – строится и функционирует на основе закрепленных в первой главе Конституции. Этот строй проявляется в деятельности государства и общества и реально существует в объективном мире [4, с. 7].

Ю.А. Дмитриев и М.П. Авдеенкова видят в конституционном строе способ организации государства и общества, взаимоотношений человека, общества и государства, который обеспечивает подчинение его праву и характеризует его как конституционное государство [5, с. 217].

А.Н. Марченко отождествляет конституционный строй государственным строем. В качестве аргумента он приводит положение о том, что «конституционное право закрепляет общественные отношения, составляющие государственный строй, основы социальной системы общества (общественный строй), основы социальной, экономической и политической организации общества, порядок организации и деятельности органов государственной власти, основы правового статуса человека и гражданина, основы духовной (идеологической) жизни общества; отношения, возникающие в процессе реализации государственной власти, а также создания и функционирования образуемых в этих целях органов государственной власти» [7, с. 13].

Н.А. Боброва к определению понятия и выявлению сущности конституционного строя подходит через призму народовластия. Она пишет о том, что конституционный строй означает возведение народа в субъект политики (власти), создание органов власти, представляющих народ, и властвование от имени народа, провозглашаемого в качестве источника власти [2, с. 45].

Обзор научной литературы показал, что в юридической науке нет единства мнений относительно понятия и сущности основ конституционного строя. Однако это не является недостатком, поскольку все приведенные точки зрения в их совокупности позволяют раскрыть содержательную сторону рассматриваемого понятия. Каждая из них выявляет ту или иную сторону конституционного строя. В целом же основы конституционного строя есть совокупность главных принципов устройства государства и общества, взаимоотношений человека и государства, в которых соблюдаются права и свободы человека и гражданина, а государство действует в соответствии с Конституцией.

Таким образом, в определении понятия конституционного строя следует обратить внимание на упоминание в нем гражданского общества. Поэтому под конституционным строем понимается такой способ организации государственной власти и такой процесс государственного властвования, при котором соблюдаются права и свободы человека и гражданина, а гражданское общество имеет все необходимые конституционные рычаги влияния на

государственную власть. Государство здесь действует в соответствии с законом, соответствующим праву.

Правовой институт основ конституционного строя закреплен в Конституции и одновременно является конституционным институтом.

Основы конституционного строя как конституционный институт в разные исторические периоды рассматривался по-разному. В советскую эпоху в конституциях появилось понятие «общественный строй», несмотря на то, что дореволюционная юридическая наука выработала как само понятие конституционного строя, так и его сущностные черты. Однако в это время данные наработки представителей российской юридической науки, опирающиеся на достижения западной науки, оказались невостребованными. Они не вписывались в марксистское учение об общественно-экономических формациях, государстве и праве. Отсюда берет свое начало употребляемое во всех советских конституциях понятие «общественный строй».

Затем, по мере углубления кризиса советского общественного строя и активного внедрения в общественное сознание идей перестройки второй половины 80-х гг. XX в., в юридическую науку возвратилось понятие «основы конституционного строя», под которым стал пониматься только факт закрепления в конституции основ государственного и общественного строя. Отсюда любой государственный и общественный строй становился конституционным, поскольку был закреплен на конституционном уровне.

Следует отметить, что такая точка зрения имеет своих сторонников и на современном этапе развития науки конституционного права. Они фактически отождествляют в своих работах конституционный и общественный строй, совмещая его с марксистско-ленинским учением об общественно экономических формациях. В подтверждение этому приводится опыт Китайской Народной Республики, которая в теории и на практике сумела совместить конституционный и общественный строй и в итоге построить социалистическое правовое государство. В таких научных работах конституционный строй представляется идеалом, к которому стремятся как социалистичекие, так и капиталистические страны и который нигде не был достигнут.

Существующие в юридической науке различные определения конституционного строя имеют прямое отношение к гражданскому обществу и правовому государству. Субъектами гражданского общества являются люди, граждане страны, которые при условии существования конституционного строя одновременно являются не только объектом, но и субъектом власти. Как субъекты власти граждане обладают реальными избирательными правами, участвуют в управлении государством, принимают участие в выборах и референдумах, наделены правом народной правотворческой инициативы. В формировании гражданского общества свое значение имеют отношения собственности. Это связано с тем, что субъектами гражданского общества являются граждане собственники того или иного имущества. Лица, лишенные собственности и права на нее, превращаются в люмпенов и становятся в связи с этим объектом, а не субъектом власти.

Таким образом, конституционные принципы, составляющие основы конституционного строя, следует рассматривать как юридически выраженные объективные закономерности организации и функционирования всех сфер жизнедеятельности государства и общества, получившие закрепление в Конституции в качестве общепризнанных социально-политических и правовых ценностей.

Но, поскольку основным объектом конституционного регулирования является организации дееспособной государственной власти, то в системе принципов, составляющих основы конституционного строя, центральное место и определяющее значение принадлежит принципам организации государства и государственной власти, реализация которых и обеспечивает народу главенствующее политическое положение на занимаемой территории, его независимое и самостоятельное существование среди других народов и государств. К наиболее важным общеправовым принципам организации государства и государственной власти, получившим свое закрепление в первой главе Конституции, относятся принципы: государственного суверенитета; народовластия; единства системы государственной власти; (правового государства; разделения властей. Они закрепляют и определяют статус самых важных политико-правовых институтов, выступают в качестве руководящих идей организации государства в целом, выражают объективные закономерности построения государственного аппарата и осуществления государственной власти. Анализ этих принципов показывает взаимосвязанность и взаимообусловленность основополагающих идейно политических и правовых установок их содержания. Эти принципы взаимо дополняют друг друга, образуя определенное системное единство, целостность. Содержание одного принципа последовательно вытекает из содержания другого, что также свидетельствует о наличии содержательной и нормативной субординации между ними. Тем самым, эти принципы также находятся в определенном идейно содержательном соподчинении по отношению друг к друга.

**Литература:**

1. Баглай М.В., Б.Н. Габричидзе. Конституционное право Российской Федерации / М.В. Баглай, Б.Н. Габричидзе. – М., 1996.
2. Боброва Н.А. Конституционный строй и конституционализм в России / Н.А. Боброва. – М., 2003.
3. Богданова Н.А. Система науки конституционного права / Н. А. Богданова. – М., 2001.
4. Гранкин М.И. Конституционный строй: понятие и сущность // Конституционное и муниципальное право. – 2011. – №8.
5. Дмитриев Ю.А., М.П. Авдеенкова. Конституционное право Российской Федерации: курс лекций. – М., 2004.
6. Козлова Е.И. Кутафин О.Е. Конституционное право России. – М., 2007.
7. Марченко А.Н. Государственный строй: политико-правовой аспект // Конституционное и муниципальное право. – 2012. – №2.

8. Михалева Н.А. Конституции и уставы субъектов Российской Федерации (сравнительно-правовое исследование). – М., 2010.

9. Постников А.Е. Тенденции развития институтов конституционного права // Журнал российского права. – 2011. – №10.

# КОНТРОЛ ВА НАЗОРАТ – ФИШАНГҲОИ АСОСИИ ТАЪМИНИ ҚОНУНИЯТ ВА ИНТИЗОМ ДАР ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

**Ойев Х.,**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ҳ.
**Тел.:** (+992) 918648813
**E-mail:** oyev@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; мурофиаи маъмурӣ

**Фишурда.** Дар мақола контрол ва назорати давлатӣ ҳамчун фишанги асосии таъмини реҷаи қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, дар он мафҳум, моҳият хусусиятҳои хоси контрол ва назорати давлатӣ, умумият ва фарқияти онҳо баррасӣ шудаанд. Дар он намудҳои асосии контролӣ давлатӣ, контроли президентӣ, контроли мақомоти қонунгузорӣ (намояндагӣ), контроли мақомоти ҳокимияти иҷроия ва контроли судӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Инчунин намудҳои алоҳидаи назорати давлатӣ – назорати маъмурӣ ва прокурорӣ аз рӯи шаклҳо ва субъектони амалисозандаи онҳо нишон дода шудаанд.

**Калидвожаҳо:** Контрол, назорат, мақомоти давлатӣ, парлумон, президент, ҳукумат, суд, прокурутура, ҳокимият, иҷроия, ҳуқуқ, қонуният, функсия, вазифа, мушоҳида, тафтиш, давлат, шаҳрванд.

# КОНТРОЛ И НАДЗОР – ОСНОВНЫЕ РЫЧАГИ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ЗАКОННОСТИ И ДИСЦИПЛИНЫ В ГОСУДАРСТВЕННОМ УПРАВЛЕНИИ

**Ойев Х.,**
дотсент кафедры конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета, к.ю.н.
**Тел.:** (+992) 918648813
**E-mail:** oyev@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.14 – административное право; административный процесс

**Аннотация.** В статье проанализированы государственный контроль и надзор главный способ обеспечение режима законности и дисциплины в государственном управлении, в нем расскрыты понятие, сущность и основные специфические особенности государственного контроля и надзора, расскрыти их общность и отличия. В нем расскрыты сущность и предназначение основных

видов государственного контроля такие как: президентский контроль, парламентский контроль, контроль исполнительных и судебных органов. Рассмотрены также отдельные виды административного и прокурорского надзора.

**Ключевые слова**: Контроль, надзор, государственный орган, парламент, президент, правительство, суд, прокуратура, власть, исполнительный, законодатель, право, законность, функция, задача, наблюдение, ревизия, юрисдикция, государство, гражданин.

## CONTROL AND SUPERVISION – THE MAIN LEVERS TO ENSURE LEGALITY AND DISCIPLINE IN THE PUBLIC ADMINISTRATION

**Oyev Kh.,**
candidate of Law constitutional law Faculty of Law Tajik National University
**Phone:** (+992) 918648813
**E-mail:** oyev@mail.ru

**Scientific specialty:** 12.00.14 – administrative law; administrative procedures

**Annotation.** In article the state control and supervision providing a mode of legality and discipline in public administration are analyzed the main way, in it the concept, essence and the main specific features of the state control and supervision are opened, is opened ӣ their community and differences. In it the essence and mission of main types of the state control such as are opened: presidential control, parliamentary control, control of executive and judicial authorities. Also separate types of administrative and public prosecutor's supervision are considered.

**Keywords:** Control, supervision, state authority, parliament, president, government, court, prosecutor's office, power, executive, legislator, right, legality, function, task, supervision, audit, jurisdiction, state, citizen.

Идоракунии давлатӣ, ки тавассути фаъолияти мақомоти сершумори давлатӣ амалӣ карда мешавад, дар шароити бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлатӣ ҳуқуқбунёд тақозо менамояд, ки ин фаъолияти субъектон ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои идоракунӣ дар қонун ба роҳ монда шавад. Ин талабот аз муқаррароти моддаи 10 Конститутсияи ҶТ бармеояд, ки давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд.

Барои то чӣ андоза дар заминаи қонун иҷро намудани вазифа ва салоҳиятҳои мақомоти давлатӣ ва дигар иштирокчиёни идоракунии давлатӣ анҷом додани функсияи контрол ва назорат нақши бағоят муҳимро мебозад.

Аз ин рӯ, мустаҳкам намудани қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ анҷом додани як қатор корҳои ташкилию ҳуқуқиро тақозо мекунад. Аз ҷумла, такмил додани низом ва сохтори мақомоти ҳокимияти иҷроия, муқаррар намудани вазъи ҳуқуқии онҳо, тафриқа намудани ҳуқуқҳо, вазифаҳо ва

салоҳиятҳои хидматчиёни давлатӣ, ки ҳайати шахсии мақомоти ҳокимияти иҷроияро ташкил медиҳанд, муқаррар намудани ҳадду ҳудуди масъулияти шахсии онҳо, қабули санадҳои ҳуқуқии идоракунӣ, ки тартиби маъмурӣ ва судии барқарор ва ҳифз намудани ҳуқуқҳои шаҳрвандонро муайян менамояд, тадбирандешӣ баҳри эҳтиром гузоштан ба талаботи қонун, баланд бардоштани сатҳои фарҳанги ҳуқуқӣ, якҷоя ва ҷудо намудани вазифаҳо ва функсияҳои субъектони идоракунӣ ва ғайра воситаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии таъмини интизом ва қонуният дар идоракунии давлатӣ мебошад.

Қайд кардан бомаврид аст, ки ҷиҳати гурӯҳбандӣ намудани фишангҳои асосии таъмини қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ миёни олимони соҳавии ватанию хориҷӣ усули назари ягона ҷой надорад.

*Як гурӯҳ олимон* ба монанди профессорон Ю.М. Козлова, Д.Н. Бахрах, Б.В. Россинский, Ю.А. Старилов, Ю.А. Дмитриев, И.А. Полянкский, Е.В. Трафимов ва ғайра чунин мепиндоранд, ки фишангҳои асосии тамини реҷаи қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ ин контроли давлатӣ ва назорати давлатӣ мебошад [1, с. 211-213; 3, с. 743-745; 2, с. 289-290].

*Гурӯҳи дигари олимон,* профессорон Д.Н. Бахрах, Б.В. Россинский, Ю.А. Старилов, Ю.А. (баъдтар) чунин ҳисоб карданд, ки фишанги асосии таъмини реҷаи қонуният ин назорати давлатӣ мебошад, ки он шакли махсусгардонидашудаи контроли давлатӣ аз болои фаъолияти идораҳо, шаҳрвандон ва ғайра ба шумор меравад. Ҳамзамон назоратро контроли маҳдудкардашудаи судӣ, прокуратура ва маъмурӣ эътироф кардаанд [3, с. 437-438].

Зимнан ёдрас менамоем, ки дар қонунгузории амалкунандаи ҶТ, аз ҷумла, Қонуни ҶТ «Дар бораи мурoҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз 23 июли соли 2016, №1339 [14], Қонуни ҶТ «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 декабри соли 2002, №66 [15], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008, №374 [18], Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 16 апрели соли 2012, №828 [16], Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» аз 13 июни соли 2013, №964 ва ғ., кодексҳои ҶТ аз ҷумла, Кодекси расмиёти маъмурии ҶТ аз 5 марти соли 2007 [9], Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҶТ аз 22 июли соли 2013 [8].

Кодекси мурофиаи граждании ҶТ, Кодекси мурофиаи иқтисодии ҶТ аз 5 январи соли 2008 [7], Кодекси гумруки ҶТ аз 3 декабри соли 2004 [7], Кодекси андози ҶТ аз 17 сентябри соли 2012 [4], низомномаҳои вазорату кумитаҳо ва дигар идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳумҳои контрол ва назорат ҳамчун мафҳумҳои баробарвазн ифода шуда, дар як радиф гузошта шудаанд, вале ин ду мафҳум аз лиҳози моҳият, таинот, мақсадҳо, шаклҳо ва намудҳо аз ҳамдигар фарқи куллӣ доранд.

Барои чуқуртар ва амиқтар фарқ намудани фаъолияти контролӣ ва назоратӣ ҳамчун фишангҳои алоҳидаи таъмини реҷаи қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ зарур аст, ки ба мафҳум ва мазмуни онҳо назар афканем, ки байни онҳо чӣ гуна умумият ва фарқияте мавҷуд мебошад.

Умумияти контрол ва назорати давлатӣ онҳо дар он ифода мегардад, ки ҳар ду унсур функсияи алоҳидаи идоракунии давлатӣ маҳсуб мешаванд, вале контроли давлатӣ мазмунан яке аз функсияи идоракунии давлатӣ, шакл ва усули ташкили фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ маҳсуб шуда, он на танҳо фишанги асосии тарзи таъмини қонуният ва интизом, инчунин усули ташкилии идоракунии давлатӣ, таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар низоми идоракунии давлатӣ ба шумор меравад.

*Контрол* ин низом ва силсилаи мушоҳида ва санҷишҳои раванди фаъолияти объекти идоракунӣ бо мақсади берун (дур) нарафтани он аз доираи вазифаҳо, салоҳиятҳо ва нақшаҳои худ мебошад, ки ҳангоми берун баромадани мақомоти идоракунии давлатӣ аз доираи вазифаҳояш ҳуқуқҳои шаҳрвандонро мумкин аст поймол кунад ва ё ҳодисаҳои коррупсиониро тавлид намояд.

*Моҳияти контрол* аз болои фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатӣ дар он ифода мегардад, ки мақомоти барои он салоҳиятдоркардашуда (мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ) ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ *бо истифода аз воситаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ метавонанд маълум ё ошкор намоянд, ки оё аз ҷониби мақомот ва шахсони мансабдори зери конрол қарордошта ба ягон амали вайронкунии қонуният ва поймолкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд роҳ дода шудааст ё не.* Агар ки чунин бошад, ҳуқуқвайронкуниҳоро бояд сари вақт барканор созанд, ҳуқуқҳои вайронкардашударо барқарор намоянд, гунаҳкоронро ба ҷавобгарии интизомӣ кашанд, тадбирҳои зарурӣ баҳри мустаҳкам намудани қонуният ва интизом, барқарор намудани ҳуқуқҳои вайронкардашуда, инчунин барои барҳамдиҳии шароиту омилҳое, ки барои ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидат намуданд, андешанд.

*Мақсадҳои контрол* ин риоя намудани қонунгузорӣ, таъмини сарфаҷӯёнаи воситаҳои молию пулӣ, баланд бардоштани сатҳи самаранокии идоракунӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроия ва шахсони мансабдори он мебошад. Контрол аз рӯи принсипҳои асосии зерин анҷом дода шавад: қонуният, объективӣ, мустақилият, ошкоро, самаранок, маҳфуз доштани сирри давлатӣ, тиҷоратӣ ва дигар сирре, ки қонун ҳифз менамояд.

Фарқияти контрол аз назорати давлатӣ яке аз фишангҳои асосии таъмини реҷаи қонуният ва интизоми давлатӣ дар идоракунии давлатӣ дар он ифода мегардад, ки *контрол ин воситаи асосии:*

а) бурдани мушоҳидаи доимӣ аз болои фаъолияти ва амалҳои объекти зери контрол қарордошта мебошад;

б) ба даст овардани маълумоти воқеӣ ва боэътимод дар бораи вазъи қонуният ва интизом аст;

в) тадбирандешӣ дар бораи пешгирӣ ва бартараф намудани вайронкунии қонуният ва интизом аст;

г) ошкор кардани сабаб ва шароитҳое, ки барои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидат намудаанд;

д) тадбирандешии чораҳои ҷазои интизомӣ нисбат ба онҳое, ки дар содир намудани қонуният ва интизом гунаҳкоранд, муайян карда мешавад ва ғайра. Яъне контрол ба субъектони он имконият медиҳад, ки то чӣ андоза амалу фаъолияти мақомот ва шахсони мансабдори вазифадор ба талаботи санадҳои

қонунгузорӣ ва санадҳои идоракунии мақомоти болоӣ мутобиқат менамояд, маълум намоянд. Мафҳуми «назорат» нуқтаҳои зикршударо дар бар гирифта наметавонад, бинобар он ҳамчун яке аз унсурҳои ҷузъии конрол баромад карда метавонад.

Мафҳуми «контрол» фарогири як қатор хусусиятҳои хос мебошад, ки маҳз тавассути онҳо аз «назорат» фарқ карда шавад:

- контрол байни мақомоти контролӣ (ё шахси мансабдори болоӣ) ва объекти зернизоми аз лиҳози ташкилӣ-ҳуқуқӣ итоаткунанда ё ба он мансуб ҷой дошта метавонад. Дар назорат бошад, чунин алоқамандӣ дида намешавад. Он новобаста аз мансубияти идорӣ ва шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ бурда мешавад;
- объекти контрол дар фаъолияти объекти зернизом (итоаткунанда) ҳам масъалаи қонуният ва ҳам мақсаднокиро дар бар мегирад, ки тарафи конролкунанда ихтиёр дорад ба фаъолияти маъмурию хоҷагии охирон дахолат кунад ва самти фаъолияти онро тағйир диҳад. Дар фаъолияти назоратӣ бошад субъекти назорат чунин ҳуқуқҳоро надорад ва он метавонад танҳо дар назди мақомоти зери назорат қарордошта ё мақомоти болоии он масъала гузорад;
- ба тарафи контролкунанда, ҳамчун қоида, салоҳияти бекор кардани қарорҳои контролшаванда (итоаткунанда) дода шудааст, ки метавонад ба ҷои охирон қарор қабул намояд, ё ба ӯ вазифаи бекор кардан ва аз нав қабул намудани қарори дигарро вогузор намояд;
- дар ҳолатҳои зарурӣ тарафи конролкунанда ҳуқуқ дорад нисбат ба тарафи контролшаванда (итоаткунанда) чораҳои таъсиррасонии интизомӣ то сабукдуш намудан аз вазифаро татбиқ намояд. Чунин ҳуқукро мақомоти назораткунанда дошта наметавонад, танҳо дар он хусус масъала гузошта метавонад; дар контрол тарафи контролкунанда ҳақ дорад, ки тадбирҳо баҳри бартараф кардани сабабҳо ва шароитҳое, ки ба вайрон кардани қонуният ва интизом боис шудаанд, таҳия ва қабул намояд. Яъне сохтори низоми идоракунии объекти котролиро таҷдиди назар кунад: якҷоя намояд, барҳам диҳад, муттаҳид созад, ихтисор намояд, маблағгузориро қатъ намояд ё тағйир диҳад ва ғайра, ки ин хусусиятҳо ба назорати давлатӣ хос намебошад. Дар назорат мақомоти назораткунанда бо истифода аз воситаҳои салоҳиятии дар ихтиёр доштааш танҳо дар назди мақомоти марбута ё мақомоти болоии он дар хусуси нуқтаҳои зикршуда масъала гузошта метавонад ва ҳуқуқи мустақилона ҳаллу фасл кардани онҳоро надорад. Дар доираи фаъолияти назоратӣ мақомоти ваколатдор дар доираи салоҳияташ метавонад чораҳои ҷазои маъмуриро татбиқ намояд.

Шаклҳои фаъолияти контролӣ гуногун мешавад: шунидани ҳисоботҳо, маълумотҳо, дархостҳо, гузаронидани санҷишҳо, ташхисҳо (экспертиза), мушоҳидаҳо, омӯхтани фаъолияти корӣ, касбӣ номзадҳо ба мансабҳои давлатӣ, баррасии аризаҳо, шикоятҳо, ҳамоҳангсозӣ ва ғ.

Вобаста дар кадом ҳолат ё вазъ қарор доштани фаъолияти объекти зери он қарордошта чунин *намудҳои контроли давлатӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ* фарқ карда мешавад: *пешакӣ, ҷорӣ ва минбаъда*.

Вобаста ба оне, ки контрол аз ҷониби кадом мақомоти салоҳиятдор амалӣ карда мешавад, чунин намудҳо фарқ карда мешаванд: *контроли берунӣ ва дохилӣ-низомӣ.*

Контроли берунӣ аз ҷониби мақомоти ваколатори давлатӣ ё ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад, ки он аз лиҳози ташкилӣ-ҳуқуқӣ ба низоми объекти контролшаванда дохил намешавад. Масалан, тибқи моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008, №374 [18]. Агентии мазкур мақомоти ваколатдори назорати давлатии молиявӣ ва ҳифзи ҳуқуқ буда, назорати давлатии молиявиро оид ба истифодаи самарабахши маблағҳои давлатӣ ва молу мулки давлатӣ барои таъмини амнияти иқтисодии давлат, бо роҳи огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд иҷро менамояд.

Контроли дохилинизомӣ аз ҷониби дастгоҳҳо, раёсатҳо, шуъбаҳо, комиссияҳо ва шахсони мансабдори алоҳидаи соҳа амалӣ карда мешавад.

Контроли давлатӣ вобаста ба таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба шохаҳои мустақил, инчунин тафриқа намудани мабдаи фаъолият ва салоҳияти онҳо ба намудҳои зерин ҷудо карда мешавад:

- контроли президентӣ;
- контроли мақомоти қонунгузорӣ (намояндагӣ);
- контроли мақомоти ҳокимияти иҷроия;
- контроли судӣ.

***Контроли президентӣ*** яке аз намудҳои контроли давлатӣ маҳсуб шуда, фишангии асосии тарзи таъмини қонуният ва интизом дар низоми идоракунии давлатӣ мебошад, ки онро Президент чӣ бевосита ва чӣ бавосита тавассути Дастгоҳ, сохторҳои таъсисдода ва намояндагони таъинкардаи худ амалӣ менамояд. Президент ҷиҳати амалисозии ин ҳуқуқҳо аз механизму тарзҳои гуногунистифода бурда метавонад: *якум*, бевосита ҳангоми истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории худ (м. 58 Конститутсия); *дуюм,* бевосита дар вақти ба қонун ё қисми он розӣ набудан, ки агар чунин шуморад, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро поймол мекунад, Президент метавонад аз имзои он даст кашида, дар муддати понздаҳ рӯз бо далелу эродҳо қонунро ба Маҷлиси намояндагон баргардонад; *сеюм,* бо воситаи намояндаи худ дар Парлумон ҳангоми баррасии қонунҳо ва ҳаллу фасли масъалаҳои ҳаётан муҳими сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва ғайра мавқеи худро оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси Олӣ бо сиёсати дохилию хориҷии кишвар, ки онро Президенти ҶТ муайян менамояд, равшану возеҳ мегардонад. Албатта ин тарзҳо тарзҳои истисноӣ набуда, вобаста ба ҳалли масъалаҳои муҳим ва вазъияти объективии ба миён омада, Президенти ҶТ ҳақ дорад дигар тарзу воситаҳои ҳуқуқиро истифода намояд. Масалан, ташаббуси қонунгузорӣ, паёмҳои ҳарсолаи ӯ ба Маҷлиси Олӣ, таъсис додани комиссияи ҳамоҳангсоз, гурӯҳҳои таҳлилӣ ва ғайра. Барои дар амал татбиқ намудани ин вазифаҳо Президенти ҶТ низоми мақомоти марказӣ ва маҳалли ҳокимияти иҷроия, Дастгоҳи иҷроия худ ва сохторҳои марбутаи онро таъсис медиҳад.

***Контроли мақомоти қонунгузорӣ (намояндагӣ)*** – яке аз намудҳои конроли давлатӣ дар самти идоракунии давлатӣ ва мебошад, ки онро палатаҳои МО ҶТ чӣ дар якҷоягӣ ва чӣ дар алоҳидагӣ амалӣ менамоянд ва он аз талаботи м.м. 55-

57, 69, 70-72, 75 ва дигар моддаҳои Конститутсияи ҶТ ва дигар қонунҳо бармеоянд.

Салоҳияти контролиро палатаҳои МО ҶТ ҳангоми гузаронидани ҷаласаҳои якҷоя дар бобати тасдиқи фармонҳои Президент дар бораи таъин намудан ва озод кардани Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукумат, дар бораи ҷорӣ намудани ҳолати ҷангӣ ва вазъияти фавқулодда, додани ризоият ба истифодаи Қувваҳои мусаллаҳи ҶТ берун аз ҳудуди он барои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон, баррасии масъалаи дахлнопазирии Президент ва ғайра амалӣ менамоянд. Дар ин бора қарори дахлдор қабул мекунанд.

Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия тибқи Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз 17 майи соли 2004 салоҳиятҳои контролиро ҳангоми амалӣ намудани ваколаҳои худ анҷом медиҳад. Аз ҷумла, онҳо ин салоҳиятро ҳангоми қабули буҷети маҳаллӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он, инчунин, иҷрои назорати он ва тасдиқи ҳисоботи он амалӣ менамояд ва ғайра (м. 8).

***Контроли мақомоти ҳокимияти иҷроия*** – яке аз намудҳои контроли давлатӣ мебошад, ки ин функсия аз ҷониби Ҳукумати ҶТ, вазоратҳо, кумитаҳои давлатии ҶТ, дигар мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия, мақомоти иҷроияи маҳалли ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳукумати ҶТ ҳамчун мақоми салоҳиятдори умумии марказии ҳокимияти иҷроияи аз рӯи Конститутсия (м.м. 73-75) ва Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 майи соли 2001 дорои салоҳияти васеъ дар бобати амалисозии функсияҳои контролӣ мебошад. Ҳукумати ҶТ ба кори вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти идоракунии давлатӣ роҳбарӣ менамояд ва фаъолияти онҳоро назорат мекунад, низомнома ва сохтори дастгоҳи марказии онҳоро мувофиқи тартиби муқарраргардида тасдиқ мекунад, инчунин Ҳукумат аъзои ҳайати мушовараи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти идоракунии давлатиро тасдиқ мекунад, мақомоти назди худро метавонад ба тариқи муқаррагардида таъсис диҳад ва низомномаи онҳоро низ тасдиқ намояд (м.12).

Ҳукумати ҶТ ҳисобот ва гузоришҳои роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар бораи татбиқи Конститутсия ва қонунҳои ҶТ, қарорҳои палатаҳои МО ҶТ, фармонҳо ва амрҳои Президенти ҶТ, қарорҳо ва фармоишҳои Ҳукумати ҶТ мешунавад, низомнома ва сохтори намунавии дастгоҳи раисони мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва лимити шумораи ниҳоии хизматчиёни давлатии онҳоро тасдиқ менамояд, санадҳои ҳуқуқии мақомоти зикршударо, ки ба Конститутсия ва қонунҳои ҶТ мухолифат доранд, бекор мекунад ва ғайра.

Шаклҳои фаъолияти контролии мақомоти ҳокимияти иҷроия гуногун шуда метавонад. Ба монанди усулҳои гузаронидани ревизия, санҷиши ҳолати кор, шунидани ҳособотҳо, гузаронидани саҷишҳо, ташхисҳо аз рӯи аризаю шикоятҳо, талаботи стандартҳо ва қоидаҳои соҳа, санҷиши санадҳои ҳуқуқии мақомоти зернизом, маводҳои чопии рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, ахборҳои омма ва ғайра.

***Контроли судӣ*** яке аз намуди контроли давлатӣ мебошад, ки онро бо роҳи ба амал баровардани адолати судӣ ҳангоми баррасӣ намудани парвандаҳои

конститутсионӣ, гражданӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ ва иқтисодӣ аз ҷониби низоми мақомоти судӣ - Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди ВМКБ, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии ВМКБ, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе амалӣ карда мешавад.

*Суди конститутсионӣ* муайян намудани мувофиқати қонунҳо, санадҳои ҳуқуқии якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, қарордодҳои ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистон ба Конститутсия; ҳалли баҳсҳои байни мақомоти давлатӣ доир ба салоҳияти онҳо ва дигар масъалаҳои марбут ба салоҳияти худро ҳаллу фасл менамояд.

*Судҳои юрисдиксияи умумӣ* ва иқтисодӣ низ дар доираи ваколаташон баҳсҳои маъмуриро оид ба қонунҳо мутобиқати кардани санадҳои ҳуқуқии маъмурии мақомоти идоракунии давлатӣ ва шахсони мансабдорро ба ҳаллу фасл менамоянд, дар сурати ба қонун мутобиқат накардани онҳо ин санадҳоро бекор мекунанд, инчунин баҳсҳои оммавие, ки вобаста ба мавриди баҳс қарор амали (беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон, ба мақомоти маъмурӣ вогузор кардани уҳдадориҳо оид ба ҷуброни зарар ва қабули санади маъмурӣ, ё анҷомдиҳии ягон амали дигар тибқи расмиёти маъмуриро барасӣ намуда, содир намудани уҳдадории мувофиқро ба онҳо бо қабул намудани ҳалномаи судӣ вогузор менамоянд, ки пас аз эътибор пайдо намуданаш ҳукми қонунро мегирад ва ба ҳамин васила конроли судиро амалӣ менамоянд.

Судҳо ҳангоми баррасӣ намудани парвандаҳои ҷиноятӣ, ба хусус парвандаҳои ҷиноятҳои мансабӣ на танҳо ба судшаванда дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳо ҳукм мебароранд, инчунин суд таионоти хусусӣ дар бораи дар бораи рафъи ҳолатҳое, ки ба содир намудани ҷиноят мусоидат намудаанд, мебароранд ва тавассути он мақомоти марбутаи ҳокимияти иҷроияро водор мезозад, ки барои минбаъда рух надодани чунин ҷиноятҳо тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Тибқи қ. 2. м. 35 Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ суд салоҳият дорад, агар ҳангоми баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ риоя накардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд, инчунин риоя накардани муқаррароти қонун, ки зимни пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, баррасии судӣ ошкор карда мешаванд, суд, судя ҳуқуқ доранд нисбат ба онҳое, ки ба камбудӣ роҳ додаанд, таъиноти (қарори) хусусӣ бароранд. Дар ин ҳолат, нисбат ба кадом субъект таъиноти хусусӣ баровард шудааст, санади судиро дар муддатӣ на дертар аз як моҳ ба иҷро расонида, дар ин бора бояд ба таври хаттӣ ба суд хабар диҳад.

*Судҳои иқтисодӣ* баҳсҳои иқтисодиеро, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи маъмурӣ ва дигари оммавӣ бармеоянд, инчунин дигар парвандаҳои ташкилотҳо ва шаҳрвандонро, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар парвандаҳои фаъолияти иқтисодӣ алоқаманданд, бо тартиби истеҳсолоти судии маъмурӣ баррасӣ менамоянд.

***Назорати давлатӣ*** низ яке аз усулҳои таъмини қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ маҳсуб мешавад, ки моҳияти он аз бурдани мушоҳидаи доимӣ ва мунтазам аз ҷониби мақомоти махсусгардонидашуда салоҳиятдор ё шахси мансабдор аз болои фаъолияти мақомот ва шахсоне ҳуқуқӣ ва воқеъие, ки ба он итоат намекунанд, иборат мебошад, ки мақсади он аз ошкорсозии қонуният, на мақсаднокӣ аст. Амалисозии назорати давлатӣ дар идоракунии давлатӣ аз тариқи анҷом додани *назорати маъмурӣ ва назорати прокурорӣ* роҳандозӣ карда мешавад

*Назорати маъмурӣ* – намуди махсуси фаъолияти идоракунии давлатии аз ҷониби мақамоти махсусгардонидашудаи ҳокимияти иҷроия нисбат ба мақомот, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, шахсони мансабдор ва шаҳрвандоне, ки ба онҳо аз лиҳози ташкилӣ-ҳуқуқи итоат намекунанд, дар бораи риоя ва иҷрои намудани қоидаҳои умумиҳатмӣ, қоидаҳо, стандартҳо, талаботҳо бо истифода аз маҷмуи чораҳои маҷбурсозии маъмурӣ бо мақсади огоҳсозӣ, ошкор ва пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунӣ, барқарор намудани тартиботи муқаррашуда ва ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани гунаҳкорон равона карда шудааст.

Чуноне дар боло зикр намудем, мафҳуми “назорати маъмурӣ” аз “мафҳуми контрол” ҳаммаъно ва яксон намебошад. Вале дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидае вуҷуд дорад, ки тибқи он назорати маъмурӣ ин контроли маҳдудшуда ва намудҳои контролии болои идоравӣ аст [3, с. 438-439]. Чунин шабоҳатдиҳӣ зоҳиран дуруст аст, вале агар мо ба мазмун ва моҳияти онҳо диққат диҳем, аз ҳамдигар фарқияти куллӣ доранд.

***Якум,*** фарқияти байни контроли болои идоравӣ ё худ контроли берунӣ аз назорати маъмурӣ дар мазмуни онҳо ифода меёбад. Мақомоти контролии берунӣ дорои ваколати весеъ мебошад, ки он фарогири чунин хусусияҳо мебошад: вазъи фаъолияти объекти зери контрол қарордошта на танҳо аз лиҳози қонуният, балки аз лиҳози мақсаднокии қабули қарорҳоро месанҷад, ки он фаъолияти идоракуниро инъикос намуда, унсури ташкилии контрол мебошад.

***Дуюм***, контрол ва назорат аз лиҳози доираи салоҳиятнокии мақомоте, ки онҳоро амалӣ менамоянд, фарқ мекунанд. Салоҳияти мақомоти контролӣ дахолат намудан ба фаъолияти фаврию хоҷагӣ, истеҳсолии объекти зери контролбударо тақозо мекунад. Дар ин сурат салоҳияти контролӣ имконияти татбиқи ҷавобгарии интизомӣ то дур намудани кормандро аз вазифаи ишғолнамудааш фароҳам месозад. Мақомоти назорати маъмурӣ чунин салоҳиятро надошта, танҳо бо мушоҳида, санҷиши меъёрҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ, аз ҷумла қоидаҳои дорои характерии техникидошта маҳдуд шуда, ҳуқуқвайронкуниро ошкор ва гунаҳкорро ба ҷавобгарии маъмурӣ мекашад.

***Сеюм,*** назорати маъмурӣ ва контроли маъмурӣ ***аз рӯи объекти мушоҳида ва санҷиш фарқ мекунанд.*** Бо чунин назардошт, назорати маъмурӣ се намудҳои гуногунро дар бар мегирад: 1) нисбат ***ба доираи номуайяни*** шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста аз мансубияти идорӣ, шакли моликият татбиқ мешавад, ки ба мақомоти назораткунанда аз лиҳози ташкилӣ ҳуқуқӣ итоат намекунанд ва аз рӯи қоидаҳои махсус, масалан, назорати қоидаҳои зиддисӯхтор бурда мешавад; ба доираи шахсоне паҳн мешавад, дар фазо ё реҷаи муайяни маъмурӣ қарор доранд; 2) ***ба доираи муайян*** (на ҳамаи)-и шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ, шахсони

мансабдор, инчунин аз рӯи масъалаи мушаххас бурда мешавад. Масалан, риояи қоидаҳои истифодаи қувваи барқ, газ, сохтмон, соҳиб шудан ба яроқ ва истифодаи он, нигоҳдории моддаҳои тарканда, ҷузъҳои хун, ваксинаҳо, радиоактивӣ ва ғайра; 3) назорати мушаххасгардонидашудаи маъмурӣ нисбат ***ба шахсони муайян бурда мешавад,*** масалан, аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ бурдани назорати маъмурӣ нисбат ба ашхосе аз ҷойҳои аз озодӣ маҳрум кардан озод шудаанд. Салоҳияти контролӣ бошад, одатан на ба шаҳрвандон, балки ба мақомот, шахсони мансабдор, корхона, муассиса ташкилот, иттиҳодияҳои ҷамъиятии мушаххас паҳн мешавад.

***Чаҳорум***, назорати маъмурӣ ва контроли маъмурӣ аз лиҳози субъектҳои амалисозандаи онҳо фарқ мекунанд. Назорати маъмурӣ дар фаъолияти мақомоти сершумори ҳокимияти иҷроия амалӣ карда мешавад. Назорати маъмуриро бозрасиҳо ва хадамотҳое, ки дар сохтори мақомоти сершумори соҳавии ҳокимияти иҷроия таъсис дода шудаанд, анҷом медиҳанд. Мақомоти берунӣ бошад, чунин сершуморӣ ва гуногунии соҳавиро дар бар немегирад ва гирифта ҳам наметавонад. Ба ҷумлаи чунин мақомоти баъзе мақомоти соҳавӣ ба монанди Вазорати молия, Вазорати маориф, Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати ҶТ ва ғайра дохил мешаванд.

***Панҷум***, назорати маъмурӣ ва контроли маъмурӣ дар шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Назорати маъмурӣ бо доир намудани санҷиши донишу малакаи соҳавии объекти назорат, масалан, санҷиши дониши ронандагон дар бораи донистани қоидаи ҳаракати роҳ, истифодаи техника ва технологияи махсус, масалан, донистани қоидаҳои истифодаи яроқи оташфишон, моддаҳои тарканда, сӯхторхомӯшкунӣ, интиқоли газ ва ғайра амалӣ мегардад.

Назорати маъмурӣ аз лиҳози ташкилӣ давраҳои гуногунро дар бар мегирад. ***Давраи пешакӣ*** ин таҳлили маълумотҳо дар бораи объекти назорат, коркард ва то объект бурда расонидани меъёрҳо ва қоидаҳои махсуси фаолият, дастурҳо ва ғайра мебошад. ***Давраи ҷорӣ*** мушоҳидаи мунтазам ва бевосита, бозрасӣ, санҷишҳоро дар бар мегирад, ки дар рафти онҳо ҳуқуқвайронкуниҳоро ошкор намуда, масъалаи татбиқи чораҳои пешгирӣ барқарор кардани тартиботи вайронкардашуда ва зарурияти ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳкорон ҳал карда мешавад. ***Давраи хотимавӣ*** аз таҳлили умумии риояи қонуният ва интизом дар объекти назорат иборат буда, барои беҳбудии таъмини риояи қонуният ва интизом дар объект супоришу дастурҳо пешниҳод карда мешавад.

Шаклҳои ҳуқуқии амалисозии назорат бо хусусиятҳо хос фарқ мекунанд. Масалан, додани иҷозат, литсензия, хулоса ва шартҳо техникӣ, рухсатномаҳо (дар минтақаи сарҳадӣ), ки ба объект имконият медиҳад аз ҳуқуқҳои объективии мавҷуда бо истифода шаклҳои зикршуда соҳиби ҳуқуқҳои субъективии мувофиқ шуда, ин ҳуқуқҳоро дар ин ё он соҳаи идоракунӣ амалӣ менамояд.

***Шашум***, назорати маъмурӣ ва контроли маъмурӣ ***бо усулҳои хоси амаликунӣ*** низ фарқ мекунанд. Барои назорати маъмурӣ усули асосии амалисозӣ *мушоҳидаи бевосита доимӣ* аз болои объекти назорат, гузаронидани санҷишҳо аз рӯи ариза ва шикоятҳо ва бо ташаббуси худи назоратбаранда мебошад. Дар контрол бошад, усулҳои васеӣ амалисозӣ ба монанди гузаронидани санҷишҳо, муоинҳо, ревизияҳо шунидани ҳисоботҳо, гузоришҳо ва ғайра истифода мешавад.

***Ҳафтум,*** назорати маъмурӣ, ҳамчун қоида, бо татбиқ намудани чораҳои маҷбурсозӣ (масалан, муқаррар намудани реҷаи карантин), чораҳои пешгирии маъмурӣ (масалан, манъ намудани истифодаи нақлиёт, иншоот ва ғ.), андешидани чораҳои таъминотӣ (масалан, ситонидани ҳуҷҷат, молу ашё ва ғ.), чораҳои ҷазои маъмурӣ амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, мақомоти назорати маъмурӣ ҳамзамон мақомоти юрисдиксияи маъмурӣ маҳсуб мешавад. Вале мақомоти контролии болои идоравӣ дар ҳамин сатҳ дорои чунин салоҳиятҳои маъмурӣ намебошанд.

*Аломатҳои назорати маъмуриро* ҳамчун намуди мустақили фаъолияти давлатӣ оид ба таъмини қонуният ва интизом дар раванди амалисозии ҳокимияти иҷроия инҳо ташкил медиҳанд:

- алоқамандии ташкилӣ байни субъекти назорат ва объекти назорат вуҷуд надорад, чуноне он дар контрол мавҷуд аст;
- имконияти баҳодиҳӣ ба фаъолияти объекти зери назоратбуда доир ба қонуният ва интизом аз рӯи доираи масъалаҳои хело маҳдуд ҷоиз аст;
- ҳангоми амалисозии назорат дахолат намудан ба фаъолияти оперативию хоҷагии объекти зери назорат буда иҷозат дода намешавад;
- дар назорат объекти фаъолияти назоратӣ ин қоидаҳои махсус – меъёрҳо, қоидаҳо, талаботи стандартҳо ва ғайра, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар шудаанд, инчунин иҷроиши онҳо аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошад;
- назорати маъмурӣ имконияти мустақилона татбиқ намудани чораҳои маҷбурсозии маъмуриро нисбат ба объекти назорат дар сурати содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ ё ба миён омадани таҳдиди хатар ба дигар объектҳо имконият медиҳад;
- чораҳои маҷбурсозии маъмурӣ дар доираи талаботи чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ ва мавҷудияти салоҳияти юрисдиксионӣ амалӣ карда мешавад.

*Субъекти амалисозандаи назорати маъмурӣ* аз рӯи парвандаҳои маъмурӣ ҳангоми ошкор сохтани ҳуқуқвайронкуниҳо, ки ба қонуният ва ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар раванди идоракунӣ сӯиқасд мекунанд, ниҳоят сершумор мебошанд. Онҳо асосан ҳама гуна бозрасиҳо, хадамот, шӯбаҳо ва ғайра шуда метавонанд, ки ба низоми ин гуна мақомот зиёда аз сӣ мақомот шомил мешаванд: корҳои дохилӣ; хадамоти назорати давлатии фитосанитарӣ ва карантини растанӣ; назорати техникӣ дар соҳаи кишоварзӣ; зотпарварӣ; назорати маводи нашъаовар; ҳифзи захираҳои об; назорати хоҷагии ҷангал ва шикор; назорати истифода ва ҳифзи табиат; оид ба масъалаҳои ободонӣ ва манзил; назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия; хариди мол (кор ва хизматрасонӣ); назорати энергетикии ҶТ; назорати танзими алоқа ва иттилоотонӣ; таъминкунандаи ҳифзи ҳуҷҷатҳои Фонди бойгонии миллӣ; телевизион ва радио; молияи ҶТ; назорати бонкӣ ва иҷозатномадиҳӣ; назорати сохтмони ҶТ; адлияи ҶТ; назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; заминсозӣ, геодезӣ ва харитасозӣ; назорати геологӣ; омор; стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо; назорати байторӣ; тандурустӣ ваҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҶТ; зиддимонополӣ; комиссариати ҳарбӣ; назорати бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкорӣ;

гумрук; андоз; фарҳанг; ваколатдор оид ба дин; ваколатдори назорати истифодаи амволи давлатӣ; хидмати давлатӣ; ҳифзи сирри давлатӣ; назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт.

Ҳар яке аз мақомоти зикршуда дар доираи салоҳияташон тибқи қоидаҳои махсус назорати давлатиро баҳри таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар соҳаи марбутаи идоракунии давлатӣ амалӣ намуда, дар қатори татбиқ намудани ҷазои маъмурӣ ба вайронкунандагони маъмурӣ чораҳои барқароркунию ҷубронкунии маъмуриро баҳри барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшудаи инсон ва шаҳрванд меандешанд.

***Назорати прокурорӣ*** яке аз намудҳои назорати давлатӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти прокуратураи ҶТ – Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он ҳамчун мақоми ягонаи марказонидашуда дар доираи ваколати худ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро аз ҷониби ҳамаи мақомоти ҳокимияти иҷроия, намояндагӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар қаламрави ҶТ татбиқ карда мешавад.

Самтҳои асосии фаъолияти назоратии прокуратура тибқи Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005 серҷабҳо мебошад.

Аз ҷумла, мақомоти прокуратура назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро нисбат ба вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар идораҳои ҶТ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, мақомоти идораи ҳарбӣ, мақомоти назорат, бонкҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои дигар, сарфи назар аз тобеият, мансубият ва шакли моликияти онҳо, аз тарафи шахсони мансабдори онҳо, инчунин ба қонунҳо мутобиқ будани санадҳои ҳуқуқие, ки онҳо мебароранд, амалӣ менамояд. Ҳамзамон назоратро оид ба риоя ва иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки бар зидди ҷиноятқорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар мубориза мебаранд, мақомоте, ки бо фаъолияти оперативию ҷустуҷӯӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ машғул мебошанд; дар ҷойҳои нигоҳдории боздоштшудагон, ҳабси пешакӣ, ҳангоми иҷрои ҷазо ва дигар чораҳои дорои хусусияти маҷбуркунӣ, ки суд муқаррар мекунад; ҳангоми иҷрои ҳалномаҳои судӣ аз ҷониби иҷрочиёни суд ва дигар мақомоти салоҳиятдор; тафтишоти ҷиноятҳо; таҳияи чораҳои пешгирии ҷиноятҳо, мубориза бар зидди коррупсия, терроризм, экстремизм (ифротгароӣ) ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо якҷоя бо дигар мақомоти давлатӣ, иштирок дар кори такмилу тавзеҳи қонунҳо; ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ ва пешгирии он ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо; иштирок дар баррасии парвандаҳо аз ҷониби судҳо ва ғайра пеш мебарад.

Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеъ он дар доираи салоҳияташон назорати прокурориро дар ҳама соҳаҳо, аз ҷумла дар соҳаи идоракунии давлатӣ бо роҳи овардани эътироз, шикоят ариза нисбат ба фармон, ҳалнома, ҳукм, таъинот ва қарорҳои судҳо, ки хилофи қонун мебошанд, амалӣ менамоянд.

*Эътирози прокурор* – ин ифодаи вокуниши (аксуламали) прокурор ба санад, супориш ва дигар ҳуҷҷатҳои мақомот ва шахсони мансабдоре, ки хилофи қонун аст, мебошад.

Эътирози прокурор амали санади аз болояш эътирозовардашударо бозмедорад ва онро мақомоти дахлдор ё шахси мансабдор вазифадор аст дар муддати на дертар аз даҳ рӯзи баъди ворид шуданаш ҳатман баррасӣ намояд. Дар сурати бесабаб рад кардани эътироз ё дар муҳлати муқарраршуда дида набаромадани он прокурор метавонад дар бораи ғайриқонунӣ донистани санад ба суд бо аризаи даъвогӣ муроҷиат намояд. Пешниҳоди чунин ариза амали санади ҳуқуқиро низ бозмедорад.

*Пешниҳоди прокурор* – ин санади вокуниши прокурор дар бораи бартараф намудани қонунвайронкуниҳо, сабабу шароитҳои ба онҳо мусоидаткарда аз ҷониби прокурор, муовини ӯ ба мақом, ташкилот ё шахси мансабдоре, ки барои бартараф кардани қонунвайронкунӣ ваколат дорад, пешкаш мешавад ва он бояд фавран баррасӣ шавад. Дар муҳлати на дертар аз як моҳ бояд оид ба бартараф намудани қонунвайронкунӣ, сабабу шароитҳои ба онҳо мусоидаткарда тадбирҳои дахлдор андешида, аз натиҷаи он ба прокурор хаттӣ хабар дода шавад.

*Қарори прокурор* – ин санади прокурорӣ мебошад, ки прокурор, муовини ӯ бо ҳангоми амалисозии назорат дар доираи ваколатҳои худ баҳри риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар қаламрави ҶТ бо назардошти хусусияти қонунвайронкунӣ аз тарафи шахси мансабдор ё шаҳрванд оид ба оғоз намудани истеҳсолот дар бораи ба ҷавобгарии интизомӣ, моддӣ ва маъмурӣ кашидан ё дар бораи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ қабул менамоянд. Қарор дар бораи ба ҷавобгарии интизомӣ, моддӣ ё ҷавобгарии маъмурӣ кашидан дар муддати даҳ рӯзи баъди расидани он бояд аз тарафи шахси мансабдор ё мақоми салоҳиятдор баррасӣ шавад. Шикоят аз рӯи қарори қабулшуда иҷрои онро бознамедорад (м. 27).

*Амри хаттии* прокурор низ санади вокуниши прокурор мебошад, ки дар бораи бартараф намудани қонунвайронкунӣ ба мақом, шахси мансабдор ё шахсони воқеӣ, ки ба вайрон кардани қонун роҳ додаанд, пешниҳод карда мешавад. Амри хаттӣ дар мавридҳое пешниҳод карда мешавад, ки қонунвайронкунӣ хусусияти ошкоро дошта, ба манфиати давлат, корхона, муассиса, ташкилот, инчунин шаҳрвандон агар он фавран бартараф карда нашавад, зарари ҷиддӣ расонида метавонад. Амр бояд бетаъхир иҷро гардад, ки дар ин бора ба прокурор хабар дода шавад.

**Адабиёт:**


1. Административное право / Под. пед. проф Ю.М. Козлова. – М., 2003.
2. Административное право: Учебник. Дмитриев Ю.А., Полянкский И.А., Трафимов Е.В. – М., 2009.
3. Бахрах Д.Н., Россинский Б.В., Старилов Ю.А. Административное право. 2-изд. – М., 2006.
4. Кодекси андози ҶТ аз 17 сентябри соли 2012 // АМО ҶТ. 2012. №9. М.838; 2013. №12. М. 889, 890; … ҚҶТаз 21.02.2018 № 1510, № 1511.
5. Кодекси гумруки ҶТ аз 3 декабри соли 2004 // АМО ҶТ. 2004. №12. Қ-2. М. 704; 2006. №3. М.159; 2007. №7. М.681; ...ҚҶТ аз 21.02.2018 №1512.

6. Кодекси мурофиаи граждании ҶТ // АМО ҶТ. 2008. №1. Қ.-1. М 6. М.7; 2010. №1. М.6.

7. Кодекси мурофиаи иқтисодии ҶТ аз 5 январи соли 2008 // АМО ҶТ. 2008. №1, Қ.1. м.4.

8. Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҶТ аз 22 июли соли 2013 // Ҷумҳурият, аз 25.07.2013.

9. Кодекси расмиёти маъмурии ҶТ аз 5 марти соли 2007 // АМО ҶТ. 2007. №3. М.165.

10. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016.

11. Қонуни конститутсиони ҶТ «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 майи соли 2001, №28 // АМО ҶТ. 2001. № 4. М.215; 2003. №4. М.152; 2008. №1. Қ.1. М.1; 2009. №12. М.813.

12. Қонуни конститутсиони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014, №1083 //АМО ҶТ. 2014. №7. қ-1. М.379; 2015. №3. М.197. (ҚҶТ 08.08.2015с. №1211).

13. Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005 // http:WWW//adlia.tj .

14. Қонуни ҶТ «Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз 23 июли соли 2016, №1339 // АМО ҶТ. 2016. №7. М.617.

15. Қонуни ҶТ «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 декабри соли 2002, №66 // АМО ҶТ. 2002. №11. М.681; 2007. №7. М.686; 2010. №1. М.583.

16. Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 16 апрели соли 2012, №828 //АМО ҶТ. 2012. №4 М.278.

17. Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» аз 13 июни соли 2013, №964 // http:WWW//adlia.tj .

18. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008, №374 // АМО ҶТ. 2008, №3, М.193; 2009, №5, М.323; … с. 2016, №3, М.137; ҚҶТ аз 30.05.2017, №1441.

# ОИД БА ТАБИАТИ РЕҶАҲОИ ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ

**Соибов З.М.,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ҳ.
**Тел.:** (+992) 985116699
**E-mail:** zayniddin.soibov.92@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; мурофиаи маъмурӣ

**Фишурда.** Дар мақола мазмуни реҷаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи маъмурӣ таҳлил гардидааст. Дар он мазмун, аломатҳо ва дигар ҷанбаҳои падидаи мазкур баррасӣ гардидааст. Қайд гардидааст, ки ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсон, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти давлатӣ асосан бо татбиқи реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ алоқаманд мебошанд.

**Калидвожаҳо:** Реҷаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ, амнияти давлатӣ, сарҳади давлатӣ, идоракунии давлатӣ, чораҳои пешгирикунанда.

# О ПРИРОДЕ АДМИНИСТРАТИВНО-ПРАВОВЫХ РЕЖИМОВ

**Соибов З.М.,**
ассистент кафедры конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета, к.ю.н.
**Тел.:** (+992) 985116699
**E-mail:** zayniddin.soibov.92@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.14 – административное право; административный процесс

**Аннотация.** В статье проанализированы вопросы содержания административно-правового режима, как института административного права. В нем рассмотрены сущность, признаки и другие аспекты данного института. Отмечается, что защита прав и законных интересов лиц, обеспечение общественного порядка, государственной безопасности в основном связано с применением административно-правового режима.

**Ключевые слова:** Административно-правовой режим, государственная безопасность, государственная граница, государственное управление, профиалктические меры.

# ABOUT NATURE ADMINISTRATIV-LEGAL REGIME

**Soibov Z.M.,**
assistant of the Department of Constitutional Law of the Law Faculty of the Tajik National University
**Phone:** (+992) 985116699
**E-mail:** zayniddin.soibov.92@mail.ru

**Scientific specialty:** 12.00.14 – administrative law; administrative process

**Anotation**. The article analyzes the issues of the content of the administrative-legal regime, as an institution of administrative law. It examines the nature, characteristics and other aspects of this institution. It is noted that the protection of the rights and legitimate interests of individuals, the maintenance.

**Keywords:** Administrative and legal regime, state security, state border, state administration, prophylactic measures.

Идоракунии давлатӣ аз лиҳози мазмуни худ фаъолияти мураккаб буда, фарогири соҳаҳои гуногуни ҷамъиятӣ мебошад. Идоракунии давлатӣ моҳиятан хусусияти оммавӣ дорад, ки аз ҷониби мақомоти идоракунии давлатӣ, яъне мақомоти ҳокимияти иҷроия амалӣ мегардад. Мақомоти идоракунии давлатӣ ба сифати субъекти идоракунии давлатӣ баромад намуда, нисбати объектҳои дахлдор функсияҳои мавҷудаи идоракунии давлатиро амалӣ менамоянд. Объекти идоракунии давлатӣ соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ (соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маъмурию сиёсӣ ва ғ.) буда, нисбати онҳо таъсиррасониҳои муайяни субъектони идоракунии давлатӣ ҷорӣ мегардад.

Чуноне маълум аст, идоракунии давлатӣ дар иртибот бо соҳаҳои гуногуни ҷамъиятӣ қарор доранд ва дар ин раванд метавонад ҳолатҳо, вазъият ва муносибҳои муайян ва дахлдорро фаро гирад. Дар ҷомеа мумкин аст вазъияте рӯх диҳад ва ё нисбати соҳае тартиботи махсус ҷорӣ гардад, ки ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти давлатӣ ва дигар объектҳо таҳдидҳо намоянд. Дар ин раванд реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқиро татбиқ мегарданд, ки ба амалишавии салоҳияти мақомоти идоракунии давлатӣ дар ҳолатҳо ва вазъиятҳои мушаххаси ҷамъиятӣ ва раванди муътадилии онҳо мусоидат мекунанд.

Дар илми ҳуқуқи маъмурӣ реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим ва дорои аҳамияти махсус ба шумор меравад. Мазмунан, реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ яке аз намудҳои реҷаҳои ҳуқуқӣ мебошад. Реҷаҳои ҳуқуқӣ гуфта, муқаррароти меъёрии қоидаҳо дар робита ба муайян намудани предмети муносибат ва ё вазъият мебошад, ки аз ҷониби иштирокчиёни муносибатҳо вобаста ба ин предмет бояд риоя карда шаванд [3, с. 812].

Чуноне зикр гардид, реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар робита бо ҳолатҳо ва вазъиятҳои мушаххас қарор доранд ва ин ҳолатҳо гуногунҷабҳа мебошанд. Таъиноти асосии онҳо дар таъмини амнияти конститутсионӣ ҳангоми ба миён

омадани таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ба тамомияти арзӣ ва истиқлолияти давлатӣ, низоъҳои мусаллаҳона, бетартибии оммавӣ, таъмини фаъолияти объектҳои муайян, ки хатар ба ҷамъиятро эҷод мекунанд ва ё аҳамияти махсуси давлатӣ доранд, муайян намудани тартиби амалисозии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсон, ҷорӣ намудани тартибот дар ҳудудҳое, ки дар онҳо чораҳои ҳифзи табиатӣ, санитарӣ, зиддисухторӣ ва ғ., ҳамчунин дар ҳудудҳое, ки минтақаҳои махсуси ҳифзи давлатӣ-ҳуқуқӣ мебошанд, муқаррар намудани тартиби истифодаи предметҳое, ки хатари ҷамъиятӣ доранд ва ё дорои сирри давлатӣ мебошанд, таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва ташкилотҳо дар шароити вазъияти фавқуллода, барқарорнамоии вазъият ва тартиботи ҳуқуқӣ, ташкили шароит барои фаъолияти самараноки мақомоти ҳокимияти иҷроия вобаста ба амалисозии ваколати контролӣ-назоратӣ ва танзимсозии онҳо ифода мегардад [1, с. 460].

Ҳангоми ҷорӣ намудани реҷаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ вазъият ва ҳолати ҷамъиятӣ аз шароити муқаррарӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Яъне, талабот, тартибот ва қоидаҳои мушаххас ва махсус нисбати объектҳои зери реҷаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ қарордошта муайян мегардад. Барои оне, ки татбиқи реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ зарур шавад, бояд омилҳои муайян мавҷуд бошанд. Масалан, дар заминаи офатҳои табиӣ, садамаҳо, низоъҳои ҳарбӣ, сар задании ҳодисаҳои нохуш, бетартибии оммавӣ дар ҷомеа, пешгирии қонуншиканиҳо, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти ҷамъиятию давлатӣ ва ғ. метавон реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқиро ба кор бурд, ки онҳо чун омилҳои асосии татбиқи чунин реҷаҳо шумурда мешаванд.

Ин омилҳое, ки номбар гардид омилҳои махсус барои муқаррар намудани реҷаҳои мазкур мебошанд. Аммо, дар адабиётҳо андешаҳое мавҷуданд, ки реҷаи маъмурӣ-ҳуқуқиро на ба омилҳои мушаххас, балки ба фаъолияти муқаррарии мақомоти идоракунии давлатӣ вобаста мекунанд. Яъне, реҷаи маъмурӣ-ҳуқуқиро ба мазмуни васеъ шарҳ дода муайян мекунанд, ки реҷаи номбурда «реҷаи умумии фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ оиди амалисозии ваколатҳои ба онҳо муқарраргардида» мебошад [4]. Мафҳуми мазкур дар иртибот бо табиати маъмурӣ-ҳуқуқӣ дошани фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия пешбинӣ гардидааст. Воқеан, мақомоти ҳокимияти иҷроия чун мақомоти идоракунии давлатӣ ва ё дар дигар маврид чун маъмурияти давлатӣ ба шумор рафта, фаъолияти маъмурӣ-ҳуқуқӣ, мушаххасан бошад, фаъолияти иҷроиявӣ-амрдиҳиро амалӣ менамояд, ки дар доираи салоҳияти ба онҳо муқарраргардида сурат мегирад. Алоқаманд намудани реҷаи маъмурӣ-ҳуқуқиро бо фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия мафҳуми умумӣ ва васеи онро ифода менамояд. Модоме, ки сухан дар бораи мазмун ва табиати реҷаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи маъмурӣ меравад, бояд мафҳуми он мушаххас ва ба маънии аслаш муайян гардад.

Реҷаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ чуноне зикр гардид, бо ҳолатҳо, вазъият ва омилҳои дахлдор вобастагӣ дорад, ки муҳимтарин махсусияти он мебошад. Дигар ин, ки дар раванди татбиқи реҷаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ нақши мақомоти ҳокимияти иҷроия муҳим мебошад. Мақомоти ҳокимияти иҷроия мақомоти ваколатдор дар ин ҷараён ба шумор рафта, чораҳои дахлдорро амалӣ менамояд. Масалан, дар

давраи вазъияти фавқуллода, ки чун речаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ эътироф мегардад, мақомоти дахлдори ҳокимияти иҷроия чораҳои пешгирикунӣ (профилактикӣ), барқароркунӣ, бартарафнамоӣ ва муҳофизатиро ба амал мебароранд, ки ба эътидол овардани вазъият, рафъи хавфҳо, таъмини суббот ва ғ. равона мегардад.

Дар раванди татбиқи речаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ воситаҳо ва тадбирҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва ташкилӣ истифода мегарданд. Ба монанди, муайян намудани маҳдудиятҳо ва уҳдадориҳои иловагӣ, чораҳои махсуси маъмурӣ, ба монанди мониторинг, экспертизаи давлатӣ ва бақайдгирии давлатӣ, восита ва навъи иҷозатдиҳии амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳо, фаъолияти хоҷагидорӣ, низоми контрол ва назорат барои иҷроиши талаботҳои речавии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ҳамчунин шахсони мансабдор, таъмини ташкилӣ-техникии коидаҳои речавии муқарраршуда барои пешгирии самараноки вайронкунии онҳо [1, с. 462].

Ба таври дигар, ҳангоми амали речаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ қоидаҳои ва тартиботи мушаххас ҷорӣ мегардад, ки риояи онҳо аз ҷониби субъектони муайян ҳатмӣ мебошанд. Қоида ва тартиботҳо дар шакли муайяннамоии қоидаҳои омаду рафт дар минтақаи зери речa қарордошта, тафтишот ва санҷиши объектҳои муайян, чораҳои пегиринамоӣ, ба монанди кӯчонидани аҳолии дахлдор, кофтукоби объектҳо, тағйирёбии речаи кории корхонаҳо ва ташкилот ва ғ. муқаррар карда мешаванд.

Речаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ ба мақсадҳои муайян татбиқ мешавад. Мақсадҳои речаҳои мазкур иборат аст аз таъмини сулҳу субот, таъмини амният ва манфиатҳои миллӣ, объектҳои барои давлату ҷомеа муҳим, ҳифзи сарҳади давлатӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ, таъмини қонуният, интизоми давлатӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ ва ғ., ки бо шаклу усулҳои махсус ба амал бароварда мешавад [2, с. 419]. Дар заминаи речаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ҳар гуна хатарҳо ва хавфҳо ба шахсон, ҷамъият ва давлат пешгирӣ ва бартараф мегарданд.

Татбиқи речаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ бо назардошти махсусияти вазъият ва омилҳои мавҷуда метавонанд доимӣ ва муваққатӣ бошанд. Речаҳои муваққатӣ ҳангоми ба вуқӯъ пайвастани вазъи муайян татбиқ мегарданд. Ба мисли, эълони вазъияти фавқуллода дар асоси ба миён омадани офатҳои табиӣ, бетартибии оммавӣ, амалиётҳои низомӣ ва ғ. Речаҳои доимӣ бошад, дар робита бо ба инобатгирии шароити дахлдори ҷамъиятӣ татбиқ мешаванд. Чунончи, речаҳои гумрукӣ, речаи сарҳади давлатӣ, речаи санитарӣ-эпидемиологӣ ва ғ., ки доимӣ мебошанд. Речаҳои маъмурӣ-ҳуқуқии доимӣ баҳри таъмини амнияти давлатӣ, тамомияти арзӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиантҳои қонунии шахсон равона мегардад.

Ҳамин тариқ, речаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи маъмурӣ фарогири қоида ва тартиботи муқаррааргардида дар ҳолатҳои муайян (дар соҳаи идоракунии оммавӣ) мебошад, ки риоя намудани онҳо аз ҷониби шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва дигар шахсон шарти асосӣ буда, баҳри таъмини тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ, амнияти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона гардида, дар робита бо он чораҳои дахлдори маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилӣ роҳандозӣ мегарданд.

**Адабиёт:**

1. Бахрах Д.Н., Российский Б.В., Старилов Ю.Н. Административное право: Учебник для вузов. 2-е изд., изм. и доп. – М.: Норма, 2005.

2. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ / Зери таҳрири н.и.ҳ Имомов А.И. ва Диноршоев А.М. – Душанбе, 2013.

3. Юридическая энциклопедия. / Отв. ред. Б.Н. Топорнин. – М.: Юристь, 2001.

4. Речаи дастрасӣ: www.studme.org. of public order, state security is mainly associated with the use of the administrative-legal regime.

# К ВОПРОСУ О ПРАВОВОЙ ИНСТИТУЦИОНАЛИЗАЦИИ ПОЛИТИЧЕСКИХ ПАРТИЙ В НАУКЕ КОНСТИТУЦИОННОГО ПРАВА

**Имомов Х.Ш.,**
ассистент кафедры конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 989038480
**E-mail:** fardod-2012@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.02 – конституционное право; конституционное судопроизводство; муниципальное право

**Аннотация.** В статье рассматривается и анализируется вопросы правового институционализации политических партий в науке конституционного права. Институционализация политических партий является конституционно-правовым процессом и имеет большое значения в создание и деятельности института политических партий. В науке конституционного права правовая институционализация политических партий является новым феноменом и со стороны ученых отрасли конституционного права к данному явлению направляется огромное внимание в анализе и исследовании. Значимость рассмотрения правового институционализации политических партий проявляется во все стороннем анализе данного института и его предназначения в создание и деятельности политических партий.

**Ключевые слова:** Институционализация политических партий, конституционализация политических партий, политический плюрализм, политические партии, общественные объединения, гражданское общества, государства, политическая система общества.

# ОИД БА ИНСТИТУТСИОНАЛИЗАТСИЯИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ДАР ИЛМИ ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ

**Имомов Ҳ.Ш.,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
**Тел.:** (+992) 989038480
**E-mail:** fardod-2012@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мунисипалӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ

**Фишурда.** Дар мақола масъалаҳои ҳуқуқии институтсионализатсияи ҳизбҳои сиёсӣ дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ таҳлил ва баррасӣ карда

шудааст. Институтсионализатсияи ҳизбҳои сиёсӣ яке аз раванди конститутсионӣ-ҳуқуқӣ буда, барои таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқӣ нақши асосӣ дорад. Дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ институтсионализатсияи ҳуқуқии ҳизбҳои сиёсӣ зуҳуроти ҳуқуқии нав буда, олимони соҳаи конститутсионӣ нисбат ба таҳқиқ ва баррасии он таваҷҷӯҳи хосса зоҳир менамоянд. Аҳамияти омӯзиши институтсионализатсияи ҳуқуқии ҳизбҳои сиёсӣ дар он ифода меёбад, ки раванди мазкур ҳамаҷониба таҳлил карда мешавад ва барои мустаҳкам шудани ҷабҳаҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ хизмат менамояд.

**Калидвожаҳо:** Институтсионализатсияи ҳизбҳои сиёсӣ, конститутсионализатсияи ҳизбҳои сиёсӣ, гуногунандешии сиёсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, давлат, низоми сиёсии ҷомеа.

## TO THE QUESTION OF LEGAL INSTITUTIONALIZATION OF POLITICAL PARTIES IN THE SCIENCE OF CONSTITUTIONAL LAW

**Imomov H.Sh.,**
assistant of the Department of Constitutional Law of the Law Faculty of the Tajik National University
**Phone:** (+992) 989038480
**E-mail:** fardod-2012@mail.ru

**Scientific Specialty:** 12.00.02 – constitutional law; constitutional proceeding; municipal law

**Annotation.** In the article the problems of legal institutionalization of political parties in the science of constitutional law are analyzed and considered. Institutionalization of political parties is one of the constitutional legal process and for establishment and activity of political parties as constitutional-legal phenomenon has the main role. In the science of constitutional law legal institutionalization of political parties is new legal appearance, the scientists of constitutional law pay special attention to the researches. The importance of the study of legal institutionalization of political parties is expressed in that the present process analyzed as a whole and for consolidation of constitutional-legal aspects of establishment and activity of political parties are serving.

**Keywords**: Institutionalization of political parties, constitutionalization of political parties, pluralism, political parties, public association, civil society, state, political system.

Проблема конституционной институционализации политических партий занимает весомое место в исследованиях различных ученых и государственных деятелей. Большинство из ученых пошли по пути принятия теории и практики деятельности политических партий западных стран. Как из истории становление и развития политических партий нам известно партии в первые появились в

западных странах Англии, США, Голландии. Иную сущность и эволюцию политических партий раскрыли в своих исследованиях лишь отдельные мыслители России конца XIX – начала XX в. М.Я. Острогорский, М.Н. Новгородцев, И.А. Ильин и др.

Различные концепции предшествующих мыслителей проблемы политических партий обстоятельно рассмотрены современными исследователями. Так, в монографии известного французского ученого Морис Дюверже «Политические партии» (в 1951 г.) прежде всего, обращается внимание, что «подавляющая часть исследований политических партий связана главным образом с анализом их доктрин». По мнению автора, такая ориентация вытекает из либерального представления о партии, в котором она рассматривается, прежде всего, как идеологическое объединения». В подтверждение автор ссылается на данное еще в 1816 г. Определение Б. Констана: «Партия есть общность лиц, публично исповедующих одну и ту же политическую доктрину». А в последующих исследованиях, отмечает он, в рамках сравнительного изучения истории партий, ограничились в основном описанием влияния доктрин на структуру. В отличие от них Девид Юм тонко отметил в своем «Опыте о партиях» (1760 г.), что «программа играет основную роль на ранней стадии, когда она служит объединению разрозненных индивидов, но затем на первый план выходит организация, тогда как платформа становится лишь аксессуаром… Марксистская концепция партии-класса, сменившая либеральную концепцию партии-доктрины, орентировала научные исследования в другом направлении» [5, с. 17-18].

По мнению французского ученого Мориса Дюверже, в природе организации политических партий 20 в. их сущность раскрывается более полно, чем в их программах или классовой составе: «Партия есть общность на базе определенной специфической структуры». В подтверждение своего определения ученый отмечает, что американцы говорят «машина», чтобы обозначить некоторые формы, которые порой приобретают их партии; коммунисты называют иерархическую структуру своей политической партии «аппаратом» и, обычно, обозначают ее выразительным термином «организация» [5, с. 19].

Примечательно также разъяснения Карапетяна Л.М. [7, с. 29] о том, что «политические партии утратили первоначальную классовую социально-массовую природу и принадлежность». Автор отмечает что, «в постиндустриальном обществе политические партии утратили классовую природу, как передовой части «класса-эксплуататоров» и «класса-трудящихся», но не исчезли из всей совокупности социальной структуры общества». После превращения в «машину» или «организацию» их практическая деятельность сосредотачивается на борьбу за овладение властью путем применения политтехнологических приемов при минимальном участии народа. На этой основе политические партии претендуют на признание за ними основного института демократии и ведущего места в политической системе общества.

Юридическая институционализация политических партий началась после Первой мировой войны в результате расширения их деятельности и влияния на происходящие социально-политические процессы. В начале 30-х годов

появляется концепция «партийного государства». В ряде тоталитарных государств (Италия, Испания, Германия), принимаются законы против образования новых партий и устанавливается монополия одной – фашисткой партии. Процессы сращивания партии с государственным аппаратом происходили в СССР и странах социалистического лагеря.

Профессор Юдин Ю.А. отмечает, что конституционное признание многопартийности в системе политического плюрализма и правовая институционализация политических партий утвердилась после Второй мировой войны, и расширилось в 80-90-х годах XX века. К числу основных причин автор относит «усиление взаимодействия политических партий и государственного механизма. При этом, в условиях демократического режима партии, образно говоря, играют роль двигателя, приводящего в действие государственный механизм и обеспечивающего его функционирование». В качестве аргумента он указывает «на ту роль, которую играют политические партии в избирательном процессе, в деятельности представительных учреждений» [17, с. 13-14].

Надо отметит что в новейшей истории доказано, что нормальное функционирование государственного механизма обеспечивается деятельностью всех конституционно установленных ветвей власти во взаимодействии со всеми структурами гражданского общества. Осмысление уроков истории в демократических странах обусловило отделение политических партий от механизма государственной власти и превращение их в клубы или предвыборные штабы. В западной политической литературы широкое признание получила тезис о упадке роли политических партий в современном демократическом государстве, т.е. о том, что их функции с успехом осуществляют другие специальные организации – группы давления, заинтересованные группы. Однако, не соглашаясь с отражающим реальность мнением западных исследователей, Ю.А. Юдин утверждает, что «существование политических партий представляет собой выражение одного из основных прав человека – права на объединение» [5, с. 15]. Будто другие конституционно установленные объединения граждан не имеют отношения к правам человека. В повседневной жизни они ближе к гражданам и более предметно занимаются проблемами прав человека. В то же время конституционно-правовая институционализация объединений граждан не превращает каждое из них в единственного «двигателя, приводящего в действие государственный механизм», «в конституционный орган государства».

Надо признать тот факт, что в странах развитой демократии, где впервые зарождались политические партии, они утратили свое первоначальное признание и не считаются «жизненно важным для сохранения демократии».

В США, Англии и многих других странах политические партии находятся вне рамок конституционно-правового регулирования. Доминирующие в США демократическая и республиканская партии остаются организационно неоформленными, не имеют постоянных программ, а предвыборные платформы приминаются к президентским выборам. Примечательно также, что между ними существует полное согласие по вопросам политической и экономической системы США, политических и социально-экономических прав личности. В обеих

политических партиях отсутствует институт фиксированного членства. Сторонниками политической партии признаются те избиратели, которые на выборах зарегистрировались как демократы или республиканцы соответственно. В соответствии с избирательной географией и территориальным устройством США они создают постоянно действующий профессиональный аппарат. Низовой организационной структурой демократов и республиканцев является комитеты избирательных участков, которые в основном занимаются обеспечением голосования на выборах за своего кандидата. Примечательно также, что состав комитетов избирательных участков выбирается самими избирателями, а не назначается партийным руководством [7, с. 24].

По определению Курочкина А.В. «правовая институционализация политических партий представляет собой процесс трансформации общественных форм ассоциаций граждан (не оформленных в соответствии с требованиями действующего законодательства), объединенных общей политической целью, в политико-правовой институт путем вовлечения их в сферу регулируемого правом комплекса отношений, связанных с образованием, организацией и деятельностью политических партий» [14, с. 35].

Такое понимание рассматриваемого правового феномена является господствующим в отечественной и зарубежной науке конституционного права. Многочисленные определения, различаясь в деталях, сходны по своей сути: речь идет о признании политических партий де-юре, о закреплении их правового статуса [6, с.75]. Вместе с тем следует отметить, что нередко институционализация политических партий непосредственно связывается только с их правовым регулированием. Нельзя, однако, забывать, что партия – это, прежде всего, политический институт, то есть формализованная организация со всеми присущими ей признаками (определенная структура отношений, иерархия власти различных уровней, дисциплина членов и т.д.). Следовательно, понятие «институционализация политических партий» имеет более широкое значение: оно включает в себя также и процесс создания формализованной организации. Такая институционализация осуществляется не правовыми, а партийными (корпоративными) нормами (устав, внутренний регламент и т.д.). Таким образом, некорректно отождествлять правовое регулирование политических партий с их институционализацией. В данном случае речь идет лишь об одной ее форме, а именно: о правовой институционализации, которая является частью более широкое состояния – политико-правовой институционализации. Как справедливо отмечает известной польский конституционалист М. Соболевский, «феномен признания правом политических партий в науке часто называют процессом институционализации партий, хотя точнее следовало бы говорить о правовой институционализации» [3, с. 484].

Исходя из нормативной регламентации положения общественных объединений Курочкин А.В. выделять уровни правовой институционализации в зависимости от того, положения какого ранга правовой регламентации оформляют тот или иной элемент правового статуса политических партий. В связи с этим автор полагает, что возможной различие: международно-правовой

институционализацию, конституционную институционализацию (конституционализацию) и законодательную институционализацию [9, с. 36].

В юридической литературе встречаются и иные точки зрения на уровне правовой институционализации: конституционная и законодательная [1, с. 208], конституционализация и институционализация и др [2, с. 52-64].

Противопоставление конституционализации и законодательной институционализации прослеживается в современной юридической литературе. Некоторые авторы говорят о юридической институционализации политических партий, которая, по их мнению, «проявляется в двух взаимосвязанных процессах: конституционализации, то есть включении в конституцию основных принципов их статуса, и законодательной институционализации, в результате которой правовое положение партий определяется законом достаточно детально» [13, с. 249-250]. Очевидно, что установления конструкции и положения законов о политических партиях не противопоставляется, а показывается, что в совокупности они составляют их юридическую институционализацию.

Конституция устанавливает основы институционализации государственных органов и общественных объединений граждан, а законы и уставы – институционализацию порядка их организации и деятельности [7, с. 29].

Но конституция это хотя и основной, но всё же закон, поэтому некорректно выделять конституционализацию из законодательной институционализации. Да и сам термин «законодательная институционализация» неточен, ибо правовое регулирование отношений, связанных с образованием и деятельностью политических партий, осуществляется не только законами, но и иными нормативными правовыми актами, а также нормами обычного права.

На наш взгляд, можно говорить лишь об условной, принципиальной значимости подобного различия уровней институционализации политических партий, его искусственности: во-первых, уже само по себе включение в конституцию норм о политических партиях и их роли в обществе и государстве означает, что право признает их как институт, деятельность которого необходимо для функционирования всего государственного механизма; во-вторых, хотя объем правовой регламентации политических партий в различных странах далеко не одинаков, она нигде не сводится лишь к конституционным положениям. Известно, что конституция устанавливает основные положения основ политической и социально-экономической системы общества, статуса государственных органов и объединений граждан, прав и свобод человека и гражданина. Поэтому, конституции как правило, или ограничиваются общими положениями политических партий в связи с правами и свободами гражданина, (Конституция Французской Республики 1958 г., Конституция Итальянской Республики 1947 г.,), или лишь упоминают о них (Конституция Австрии Союзный конституционный закон 1920 г.), или вообще не упоминают (США, Россия) [8, с. 49-65; 9, с. 69, 92; 10, с. 14-73; 11, с. 240-257; 12].

Глубокую сущность феномена признания правом политических партий наиболее точно отражает понятие «правовая институционализация», которая является особой формой институционализаций партий, то есть процессов их формирования в качестве политических и правовых институтов. Хотя данные

процессы могут не совпадать по времени (формирование партий, то есть их политическое рождение и становление как политического института, заключающего в себе политическую идею, обычно предшествующую ее правовой регламентации), но они тесно взаимосвязанны. Эта взаимосвязь находить свое проявление в двух взаимообусловленных аспектах, первой, перерастание общественного идеологического объединения в политический институт и второе, нормативно-правовое регулирование партийной деятельности выступает своеобразным катализатором процессов более четкого организационного оформления политических партий [4, с. 192].

Правовая институционализация политических партий сравнительно новое явление в праве современных государств. Она имеет свою историю и должна рассматриваться в соответствии с основными этапами мирового процесса конституционного развития [15, с. 67-81]. По мнению Чиркина В.Е. в конституциях и законодательстве ряда стран наблюдается наличие пяти различных направлений по определению роли и статуса политических партий [16, с. 124-127]. В странах англо-саксонской системы права к оценке партий подходят как «частного дела», «клуба граждан». Как отмечалось, в конституциях Великобритании, США и некоторых стран до сих пор нет упоминания о партиях. Нет в этих странах и специальных законов о политических партиях, регулирующих основы их организации и деятельности во всей совокупности. В конституциях Романо-германской системы права (ФРГ, Франция, Португалия, Румыния) содержатся положения о роли политических партий. Указывается на содействие выявлению политической воли народа, выражающего мнение путем голосования, а также некоторые принципы их организации и деятельности. Более обстоятельно эти принципы устанавливаются в уставах и программных документах каждой партии. Во многих странах романо-германского права приняты законы о политических партиях. В странах исламского фундаментализма (Катар, Кувейт, Саудовская Аравия и др.) политические партии запрещены.

Если определит конституционализацию и институционализации политических партий в Республике Таджикистан, то конституционной основой признание института политических партий закреплено в нормах Конституции РТ (ст. 8, 27, 28). В статье 8-ой Конституции Республики Таджикистана устанавливается развития общественной жизни Таджикистана на основе идеологического и политического плюрализма и в рамках Основного Закона и законов страны свободного создания и деятельности политических партий. Институционально-правовое закрепление политических партий в Республике Таджикистан отражается в нормах Закона РТ «О политических партиях» от 13 ноября 1998 года. Данный закон устанавливает основные положения создании и деятельности политических партий на территории Таджикистана и их правовой статус как конституционно-правового института.

Таким образом, на основе научно-правового анализа институционализации политических партий нужно согласиться с мнением Курочкина А.В. в том, что правовая институционализация политических партий признается как процесс трансформации общественных форм ассоциаций

граждан, объединённых общей политической целью, в политико-правовой институт путем вовлечения их в сферу регулируемого правом комплекса отношений, связанных с образованием, организацией и деятельностью партий.

**Литература:**


1. Avril P. Essais sur les partis politiques. – Paris, 1990.
2. Patrzalek A. Zagodnenie institucjonalizacji partii politicznych w Czamej Africe // Paristwo i prawo. – 1974. – No 4.
3. Sobolewski M. Partii i systemy partyine swiata kapitalistycznego. Warszawa, 1977.
4. Даниленко В.Н. Политические партии и буржуазное государство. – М.: Юридическая литература., 1984. Дюверже М. Политические партии / Пер. с фр. Л.А. Зиминой. – Изд. 5-е. – М.: Академический Проект; Гаудеамус, 2013.
5. Евдокимов В.Б. Партии в политической системе буржуазного общества. – Свердловск, 1990.
6. Карапетян Л.М. Политические партии в судьбе России. – СПб.: Издательство Р. Асланова «Юридический центр Пресс», 2009.
7. Конституция Французской Республики от 4 октября 1958 г // Конституции зарубежных стран: Сб. / Сост. В.Н. Дубровин. – М., 2003.
8. Конституция Итальянской Республики: Одобрена решением Учредительного собрания в заседании 22 декабря 1947 г. // Конституции зарубежных стран: Сб. / Сост. В.Н. Дубровин – М., 2003.
9. Союзный конституционный закон от 1 октября 1920 г. (Конституция Австрии) // Конституции буржуазных государств Европы / Пер. под ред. Г.С. Гурвича. – М., 1957.
10. Конституция Соединенных Штатов Америки: Принята Конвентом 17 сентября 1787 г. // Конституции зарубежных стран: Сб. / Сост. В.Н. Дубровин. – М., 2003.
11. Конституция Российской Федерации: Принята всенародным голосованием 12 декабря 1993 г. // Российская газета, от 25.02.1993 г.
12. Конституционное (государственное) право зарубежных стран: Общая часть / Отв. ред. Б.А. Страшун. – М.: НОРМА, 2005.
13. Курочкин А.В. Особенности правовой институционализации политических партий // Ученые записи Казанского Государственного Университета (Гуманитарные науки). Том 150, кн.5. 2008.
14. Сравнительное конституционное право / Отв. ред. В.Е. Чиркин. – М.: Международные отношения, 2002.
15. Чиркин В.Е. Правовое положение политических партий: российское и зарубежный опыт // Журнал российского права. – 1999. № 3/4.
16. Юдин Ю.А. Политические партии и право в современном государстве. – М., 1998.

# КОНСТИТУТСИЯ ВА ҚОНУНГУЗОРИИ ҲУҚУҚИ МУРОФИАИ МАЪМУРӢ

**Марифхонов Р.Н.,**
докторанти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 918502227
**E-mail:** marifhonov_r@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; ҳуқуқи мунисипалӣ

**Фишурда.** Мақолаи мазкур ба масъалаи қонунгузории ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар доираи он санадҳои танзимкунандаи фаъолияти расмиётӣ ва юрисдиксиониро дар соҳаи идоракунии давлатӣ ба риштаи таҳлил кашидааст. Ба андешаи муаллиф самти афзалиятноки ислоҳоти низоми муносибати ҳуқуқии шаҳрвандон, мақомоти ҳокимияти иҷроия ва шахсони мансабдор бояд қабули Кодекси мурофиаи маъмурӣ гардад. Ин ҳолат самаранокии фаъолияти мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроияро баланд бардошта, риояи ҳуқуқҳои шаҳрвандонро дар соҳаи мазкур таъмин мекунад.

Тибқи хулосаи муаллиф инкишофи минбаъдаи қонунгузории мурофиаи маъмурӣ бояд дар доираи консепсияи ягонаи илмии асосноке амалӣ гардад, ки ба рушди механизми идоракунии давлатӣ, бунёди низоми воқеии ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ дар соҳаи мазкур мусоидат кунад.

**Калидвожаҳо:** Қонунгузорӣ, соҳаи ҳуқуқ, мурофиаи маъмурӣ, ислоҳоти маъмурӣ, кодекс, қонун, идоракунии давлатӣ.

# КОНСТИТУТЦИЯ И АДМИНИСТРАТИВНО ПРОЦЕССУАЛЬНОЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВО

**Марифхонов Р.Н.,**
докторант кафедры конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 918502227
**E-mail:** marifhonov_r@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.02 – конституционное право; конституционное судопроизводство; муниципальное право

**Аннотация.** Статья посвящена проблеме административно-процессуального законодательства. Автор в рамках данной статьи анализирует нормативные правовые акты, регулирующие позитивную и юрисдикционную

деятельность в сфере государственного управления. По мнению автора, приоритетным направлением реформы системы правоотношений граждан, органов исполнительной власти и их должностных лиц является принятие Административно-процессуального кодекса. Так как это повысит эффективность деятельности государственных органов исполнительной власти, обеспечивая соблюдение прав граждан в этой области.

По мнению автора, дальнейшее развитие административно-процессуального законодательства должно осуществится в рамках единой концепции, которая может способствовать развитию механизма государственного управления, созданию реальной системы защиты прав граждан и юридических лиц в этой области.

**Ключевые слова:** Законодательство, отрасль права, административный процесс, административная реформа, кодекс, закон, государственное управление.

## CONSTITUTION AND ADMINISTRATIVE PROCEDURE LEGISLATION

**Marifhonov R.N.,**
doctoral student of the Department of Constitutional Law, Faculty of Law, Tajik National University
**Phone:** +992 918502227
**E-mail:** marifhonov_r@mail.ru

**Scientific specialty:** 12.00.02 – constitutional law; constitutional legal proceedings; municipal law

**Annotation.** The article is devoted to the problem of administrative procedure legislation. The author in this article analyzes the regulatory legal acts regulating the positive and jurisdictional activities in the field of public administration. According to the author, the priority of the reform of the system of legal relations of citizens, the executive authorities and their officials is the adoption of the Administrative Procedure Code. As this will increase the effectiveness of the activities of state executive bodies, ensuring respect for the rights of citizens in this area.

According to the author, the further development of administrative and procedural legislation should be implemented within the framework of a single concept that can contribute to the development of the mechanism of public administration, the creation of a real system for the protection of the rights of citizens and legal entities in this area.

**Keywords***:* Legislation, branch of law, administrative process, administrative reform, code, law, public administration.

Пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 самтҳои нави рушди ҷомеа муайян гардида, дар ин замина дар фазои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти куллие ба вуқӯъ пайваст. Арзиши олӣ эътироф намудани инсон, ҳуқуқ

ва озодиҳои ӯ, инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси гуногунандешии сиёсӣ, ҷонибдорӣ аз принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, инчунин эътирофи гуногуншаклии моликият, махсусан моликияти хусусӣ, заминаи рушди сифатан нави давлат ва ҷомеа гардид. Вобаста ба сохти иҷтимоӣ ва низоми давлатдории нав санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ба меъёрҳои конститутсионӣ ва ҷавобгӯи стандартҳои байналмилалӣ қабул гардиданд ва дар амалӣ намудани моҳияти демократии Тоҷикистон қадамҳои устувор гузошта шуд. Дар ин муддат қонунҳои зиёде дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ва давлат таҳия ва қабул гардиданд, ки имруз шумораи онҳо ба 381 мерасад [8].

Дар ин радиф, тағйиротҳои бавуҷудомада оқибати сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ пайдо намуда, низоми қонунгузорӣ ва тамоми соҳаҳои ҳуқукро фаро гирифт, ки аз он меъёрҳои моддӣ ва мурофиавии соҳаи идоракунии давлатӣ низ бетаъсир намонд. Дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 қайд шудааст, ки рушди ҳуқуқи маъмурӣ ислоҳоти маъмуриро дар кишвар тақозо мекунад. Ислоҳоти маъмурӣ ба амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар сатҳи идоракунии давлатӣ ва соҳаҳои иқтисоди миллӣ, устувории ташкил ва самаранокии фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия, рушди хизмати давлатӣ, таъмини мукаммалии қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ ва такмили мурофиаи маъмурӣ мусоидат менамояд [7]. Яке аз самтҳои афзалиятноки ислоҳот дар ин самт, яъне дар низоми муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандон, мақомоти ҳокимияти иҷроия ва шахсони мансабдор бояд қабули Кодекси мурофиаи маъмурӣ гардад. Ин ҳолат самаранокии фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроияро баланд бардошта, риояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро дар самти идоракунии давлатӣ таъмин мекунад.

Бешубҳа бо таҳкиму такмил ёфтани рукнҳои давлатдории муосири Тоҷикистон муносибатҳои ҳуқуқи маъмурӣ ва ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ низ рушд ёфта истодаанд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабул гардида, ба инкишофи қонунгузории ҳуқуқи маъмурӣ ва ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ заминаи қулай фароҳам сохта, дар ин ё он сатҳ салоҳияти мақомоти ҳокимияти иҷроияро муқаррар намуда, вазифаҳои соҳавии онро амиқ намуданд [9, с. 38-42].

Лозим ба ёдоварист, ки қонунгузории мурофиаи маъмурӣ дар ҶТ мавриди мураттабсозӣ қарор нагирифта, меъёрҳои мурофиавии маъмурӣ вобаста ба хусусияти худ дар санадҳои гуногуни меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар шудаанд. Аз ин рӯ, зарурати коркард ва қабули санадҳои қонунгузории мураттабгашта дар самти ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ амри ногузир аст.

Ҳарчанд барои ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ ва қонунгузории он мафҳуми «мурофиаи маъмурӣ» калидӣ аст, вале то ҳол мафҳуми ягона ва фарқ байни мафҳуми мазкур бо категорияҳои «расмиёти маъмурӣ», «адлияи маъмурӣ», «истеҳсолоти маъмурӣ», «юрисдиксияи маъмурӣ» ва ғ. пешниҳод нашудааст. Аз ин рӯ, дар сатҳи қонунгузорӣ муайян намудани ин мафҳумҳои анъанавии ҳуқуқи маъмурӣ ва мурофиаи маъмурӣ заруру муҳим мебошад. Имруз дар илми идоракунӣ фаҳмиши маҳдуд ва васеи мурофиаи маъмурӣ роиҷ аст. Фаҳмиши маҳдуд ва васеи мурофиаи маъмурӣ аввалин маротиба аз тарафи И.И. Евтихеев қайд гардид. Ӯ қайд карда буд, ки мурофиаи маъмурӣ тартиби умумии

фаъолияти мақомоти идоракунӣ, инчунин тартиби дида баромадани шикоят, баҳс ва татбиқи санксияҳои маъмурӣ мебошад. Аз ҳама бештар тарафдори ғояи фаҳмиши васеи мурофиаи маъмурӣ В.Д. Сорокин баромад мекард ва маҳдудкунии мурофиаи маъмуриро танҳо дар самти баррасии баҳсҳои маъмурӣ – ҳуқуқӣ нодуруст мешуморид, зеро ба ғайр аз баҳсҳо мақомоти идоракунии давлатии советӣ қисмати зиёди парвандаҳои инфиродиро, ки онҳо бо ҳаллу фасли баҳсҳои маъмурӣ алоқаманд нестанд ва тарафҳои гуногуни муносибатҳои байни субъектони ҳуқуқи маъмуриро дар бар мегиранд, ҳал мекунанд [20, с. 12]. Фаҳмиши маҳдуди мурофиаи маъмуриро Н.Г. Салишева бисёртар дастгирӣ мекард. Мурофиаи маъмуриро фаъолияти қонунан танзимшудаи тарафҳои муносибатҳои маъмурии байни худ дар тобеияти хизматӣ қарор надошта мефаҳмид, ки оид ба ҳалли баҳсҳо, инчунин татбиқи чораҳои маҷбуркунии маъмурӣ пайдо мешаванд [17, с. 16]. Натиҷаи чунин гуногунандешӣ ба мафҳуми васеъ ва маҳдуди мурофиаи маъмурӣ оварда расонид. Тибқи он, мурофиаи маъмурӣ дар маънии васеъ аз фаъолияти меъёрэҷодкунию ҳуқуқтатбиқсозӣ ва дар маънии маҳдуд аз фаъолияти ҳуқуқҳифзкунӣ иборат буда, маҷмӯи истеҳсолоти позитивӣ (расмиётӣ) ва юрисдиксиониро дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия дар бар мегирад [14, с. 413; 15, с. 10-12; 13, с. 145; 18, с. 120-121, 147-163; 16, с. 124; 21, с. 277-280; 19, с. 323-324].

Гузашта аз ин, дар зери мафҳуми юрисдиксияи маъмурӣ, фаъолияти махсуси мақомоти ҳокимияти иҷроия ва дигар мақомоти ваколатдор оид ба баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои маъмурӣ, баҳсҳо ва ихтилофҳо, инчунин, татбиқи санксияҳои ҳуқуқии мувофиқ фаҳмида мешавад [1; 12]. Инкишофи қонунгузории мурофиаи маъмурӣ дар самти юрисдиксионӣ ба қабули Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ аз 31 декабри соли 2008 ва Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ вобаста аст. Зеро Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муносибатҳои идоракунии давлатиро доир ба вуқӯъ пайвастани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ (кирдорҳои маъмурӣ), намудҳои онҳо, принсипҳои ҷазодиҳӣ, намудҳои ҷазо, салоҳияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳоро доир ба татбиқ намудани ҷазои маъмурӣ муқаррар менамояд. Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ аз 22 июли соли 2013, №975 [5] бошад аз меъёрҳои мурофиавии ба истеҳсолоти парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста, иборат мебошад. Тибқи моддаи 2 Кодекс вазифаҳои қонунгузории мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз муқаррар кардани тартиби барасмиятдарорӣ ва пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, риояи меъёрҳои мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳангоми татбиқи қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва кафолати ҳимояи манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва шахсони дигар иборат мебошад. Иброҳимов С.И. қайд мекунад, ки Кодекс дар доираи қолаби кӯҳна қабул шудааст ва ба талаботи имрӯзаи инкишофи қонунгузории давлат ҷавобгӯ нест. Аммо Иброҳимов С.И. сабабҳои мутобиқат надоштани кодексро ошкор намекунад [2, с. 324]. Амалишавии вазифаҳои дар санадҳои болозикр муқаррар гардида, бунёди низоми судҳои маъмурии махсусгардонидашударо тақозо мекунад, ки контроли

воқеии судиро аз болои қарор ва амали мақомоти ҳокимияти иҷроия, худидоракунии маҳаллӣ ва хизматчиёни давлатӣ таъмин карда тавонад.

Дар Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [6] ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷдиди назар намудани Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қабули Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинӣ гардида буд. Ҳарчанд икдомҳои мазкур амалӣ гардиданд, лекин амалия нишон медиҳад, ки қабули Кодекси мурофиаи маъмурӣ амри ногузир аст. Кодекси мурофиаи маъмурӣ бояд дар доираи фаҳмиши васеи мурофиаи маъмурӣ коркард шавад.

Ҳамин тариқ, бояд хулоса кард, ки қонунгузории муосири Тоҷикистон ба ҳолатҳои асосии доктринаи мурофиаи маъмурӣ асос ёфтааст, ки дар замони шӯравӣ коркард шудаанд. Барои ноил шудан ба инкишофи ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ ва асоси ҳуқуқии он пеш аз ҳама пешниҳоди мафҳуми дақиқи мурофиаи маъмурӣ ва танзими дақиқи меъёрии масоили фаъолияти мурофиавии маъмурӣ зарур аст.

Дар ин радиф, дар доираи тағйиротҳои бамиёномада қонунгузории ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ давра ба давра рушд карда истодааст. Чунин ҷараёни монанд дар давлатҳои ИДМ низ амалӣ шуда истодааст.

Ҳанӯз охири солҳои 1960 ва аввали солҳои 1970 проблемаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, таснифи он ба намудҳои алоҳида ва мубориза бар зидди ин зуҳурот мавриди омӯзиши илмии доманадор қарор гирифта буд. Пешниҳод гардид, ки аз қонунгузории ҷиноятӣ кирдорҳои ба ҷамъият на он қадар хавфнок хориҷ карда шуда, дар заминаи он Кодекси кирдорҳои ношоям қабул карда шавад, вале ақидаи қабули чунин кодекс аз ҷониби доираи илмӣ дастгирӣ наёфт. Дар ин радиф, олимон иброз медоштанд, ки ба кирдорҳое, ки ба ҷамъият на он қадар хавфноканд, набояд ҷазои ҷиноӣ муқаррар карда шавад [3, с. 5-8].

Гузашта аз ин, имруз қариб тамоми давлатҳои аврупо кирдорҳои зиддиҳуқуқиро ба ҷиноят ва кирдори ношоям тақсим мекунанд. Вале тарзи танзими қонунии онҳо ҳархела аст. Масалан, дар Фаронса кодексҳои ҷиноятӣ, кирдорҳои ношоям ва ҳуқуқвайронкунӣ амал мекунанд. Инчунин, дар баъзе давлатҳо кирдорҳои ношоям дар Кодекси ҷиноятӣ муқаррар шудаанд (масалан, Ҷумҳурии Қазоқистон). Тибқи консепсияи дар ин давлатҳо роиҷ ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ танҳо кирдорҳое шинохта мешаванд, ки дар соҳаи идоракунии давлатӣ содир шуда, тарафҳои ҳатмии он маъмурияти давлатӣ ё шахсони мансабдори мебошанд [10, с. 56-63].

Дар ин раванд, аз аъзоёни ИДМ аввалин давлатҳое, ки Кодекси кирдорҳои ношоямро қабул намуданд, ин Ҷумҳурии Озарбойҷон [4] ва Ҷумҳурии Қирғизистон (ҶҚ) [23] мебошанд. Бахри амалишавии воқеии принсипи инсондӯстӣ Кодекси нави ҶҚ кирдорҳои хусусияти ҷиноятиро дар бар гирифтааст, ки ба ҷамъият на он қадар хавфноканд. Яъне, акнун Кодекси ҷиноятӣ ва Кодекси кирдорҳои ношоям, кирдорҳои ба ҷамъият хавфнокеро муқаррар кунанд, дар доираи Кодекси маъмурӣ кирдорҳое, ки аз ҷониби маъмурияти давлатӣ ё шахсони мансабдори он содир шудаанд, муқаррар

гардидаанд. Кодекси нав ҷазоҳоеро дар бар мегирад, ки бо маҳрум кардан аз озодӣ алоқаманд набуда, асосан ҷарима ва корҳои ҷамъиятиро дар бар мегиранд ва барои содири чунин кирдорҳо субъект доғи судӣ намегирад ва аз озодӣ маҳрум нагардида ба корҳои ҷамъиятӣ сафарбар мегардад [24].

Эҳтимол, инкишофи минбаъдаи қонунгузории мурофиаи маъмурӣ бояд дар доираи консепсияи ягонаи илмии асоснок амалӣ гардад. Ин ҳолат дар натиҷа ба рушди механизми идоракунии давлатӣ, бунёди низоми воқеии ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ дар соҳаи мазкур мусоидат мекунад.

**Адабиёт:**


1. Бахрах Д. Н. Вступительная статья к проекту официального издания Кодекса РСФСР об административных правонарушениях. – М., 1996.
2. Ежегодник публичного права. 2014: «Административное право: сравнительно-правовые подходы». – М.: Инфотропик Медиа. 2014.
3. Канунникова Н.Г. Актуальные проблемы борьбы с административными правонарушениями // Административное право и процесс. – №4. 2013.
4. Кодекс Азербайджанской Республики о проступках //www.wipo.int/edocs/lexdocs/ laws/ru/az/az 024ru.pdf (санаи мурочиат: 20.11.2018).
5. Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ аз 22 июли соли 2013, №975 //АМО ҶТ. 2013, №7, мод. 502 ; соли 2014, №3 мод. 145; ҚҶТ аз 26.07.№1094.
6. Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон //Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011, № 1021.
7. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 // Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, № 1005.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 марти соли 2009, № 506 «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» // АМО ҶТ. 2009. №3. М.99; 2010. №3. М.152; 2011. № 6. М. 442.
9. Марифхонов Р.Н. Қонунгузории мурофиаи маъмурӣ: инкишоф ва дурнамо // Нақши Конститутсия дар инкишофи соҳаҳои ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, қ.3 (Маводҳои конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба 22-юмин солгарди қабули Конститутсияи ҶТ. – Душанбе, 2016.
10. Марифхонов Р.Н. Муаммои падидаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷаллаи академии ҳуқуқӣ. – Душанбе, №3-4 (19-20). 2016.
11. Масленников М. Я. Административно-юрисдикционный процесс. Воронеж, 1990.
12. Махина С. Н. Административный процесс. Проблемы теории, перспективы правового регулирования. Воронеж, 1999.
13. Ҳуқуқи маъмурии ҶТ: силсилаи лексияҳо. / Зери таҳрири н.и.ҳ. Диноршоев А.М. /Васоити илмӣ-методӣ. – Душанбе, 2014.
14. Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми якум. – Душанбе, 2013.

15. Ойев Х. Ҳуқуқи мурофиавии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. – Душанбе. 2013. С. 10-12.
16. Панова И.В. Административный процесс в Российской Федерации: понятие, принципы и виды // Правоведение. 2000. № 2.
17. Салищева Н.Г. Административный процесс в СССР. – М., 1964.
18. Сорокин В.Д. Административно-процессуальное право. – М., 1972.
19. Сорокин В.Д. Административно-процессуальное право: Учебник. – СПб., 2004.
20. Сорокин В.Д. Административно-процессуальные отношения. – Л.: Изд-во Ленинградского ун-та, 1968.
21. Сорокин В.Д. Правовое регулирование: Предмет, метод, процесс (макроуровень). – СПб., 2003.
22. Якимов А.Ю. Административно-юрисдикционный процесс и административно-юрисдикционное производство // Государство и право. – 1999. №3.
23. www.president.kg/files/docs/kodeks_o_prostupkah.pdf (санаи муроҷиат: 24.11.2018).
24. http://www.kabar.kg/rus/society/full/83525 (санаи муроҷиат: 25.11.2018).

# ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ ВА СОҲАҲОИ ҲАМҶАВОР – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО И СМЕЖНЫЕ ОТРАСЛИ ПРАВА

## SURRENDER OF PERSONS INTO INTERNATIONAL CRIMINAL COURT

**Abdulloev P.S.,**
associate Professor of the department of Justice and prosecutor's supervision of the Law Faculty of the Tajik National University
**Phone:** (+992) 900555167
**E-mail:** 1986_parviz.a@mail.ru

**Zayniddinov S.F.,**
senior teacher at the department of foreign lenguages of the Law Faculty of the Tajik National University
**Phone:** (+992) 908827947

**Scientific specialty:** 12.00.09 – criminal procedure

**Annotation.** In the article they are considered actual questions connected with surrender of persons to the International Criminal Court, analyzed rules of international legal acts and national legislation of post- soviet countries. It is noted the absence of single form of relations of post- soviet countries with ICC as it is only some of post-soviet countries are members states of ICC. During the openness, investigation and taking decisions on criminal cases it`s very significance the territory of state. But ICC has no certain territory as a state. That`s why all actions of ICC on criminal cases depend from cooperation with states and international organizations (for example UNO, Interpol and etc.) collaboration of ICC the post- soviet countries may be divided in to two groups: states which are members of ICC and states are not members of ICC which do not ratify the Roman statute of ICC.

The author cometh to conclusion that surrender of persons into ICC ensures fair trial on criminal cases. Conducted research shows that absence of ratification of Roman statute and refusal of some of post soviet countries becoming a member of ICC can not be in major cases the base for refusal in surrender of persons to ICC. It is suggested the idea on development and improvement of national criminal legislation as well as effective actions, directed to the decision (efficient) of given question.

**Keywords:** International cooperation, surrender of persons, International criminal court (ICC), post-soviet countries, member states (participants), states not participants, international criminal procedural legislation, foreign state, agreement, criminal case.

# СУПОРИДАНИ ШАХС БА СУДИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҶИНОЯТӢ

**Абдуллоев П.С.,**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ҳ.
**Тел.:** (+992) 900555167
**E-mail:** 1986_parviz.a@mail.ru

**Зайниддинов С.Ф.,**
муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 908827947

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.09 – мурофиаи ҷиноятӣ

**Фишурда.** Дар мақолаи мазкур яке аз масъалаҳои мубрам, яъне супоридани шахс ба Суди байналмилалии ҷиноятӣ баррасӣ гардида, дар ин самт санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Қайд карда мешавад, ки давлатҳои пасошӯравӣ ҳамкории якранг бо Суди байналмилалии ҷиноятиро надоранд, зеро танҳо гурӯҳе аз ин давлатҳо ба аъзогии он шомиланду халос. Ҳангоми муайяннамоӣ, баррасӣ ва баровардани ҳалнома оид ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамияти махсусро ҳудуди давлат ишғол менамояд. Аммо, дар фарқият аз давлат Суди байналмилалии ҷиноятӣ аз ҳудуди муайян бархурдор нест. Бо ин назардошт, тамоми фаъолияти Суди байналмилалии ҷиноятӣ аз ҳамкорӣ бо давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ (мисол, СММ, ИНТЕРПОЛ ва ғ.) вобастагии зич дорад. Ҳамкории Суди байналмилалии ҷиноятӣ бо давлатҳои пасошӯравиро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд: давлатҳое, ки аъзои СБҶ мебошанд ва давлатҳое, ки аъзои СБҶ набуда, Статути Римии СБҶ-ро ратификатсия накардаанд.

Муаллифон пас аз баррасии мавзӯи мазкур ба хулосае омадааст, ки супоридани шахс ба СБҶ баррасии судии адолатнокро оид ба парвандаи ҷиноятӣ таъмин менамояд. Натиҷаи таҳқиқот нишон медиҳад, ки ратификатсия накардани Статути Римии СБҶ ва набудани аъзо ба он аз тарафи давлатҳои пасошӯравӣ дар бештар маврид наметавонад сабаби насупоридани шасх ба суди мазкур гардад. Дар натиҷа пешниҳод мегардад, ки ҳамкориҳо дар ин самт вусъат дода шуда, масъалаи мазкур ба таври амиқ мавриди баррасӣ қарор гирад ва қонунгузории миллӣ роҳи ҳаллӣ ин масъаларо пешбинӣ намояд.

**Калидвожаҳо:** Ҳамкориҳои байналмилалӣ, супоридани шахс, Суди байналмилалии ҷиноятӣ, давлатҳои пасошӯравӣ, давлатҳои аъзо, давлатҳое, ки аъзо нестанд, шартномаҳои байналмилалӣ, қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ, давлатҳои хориҷа, парвандаи ҷиноятӣ.

# ПЕРЕДАЧА ЛИЦ В МЕЖДУНАРОДНЫЙ УГОЛОВНЫЙ СУД

**Абдуллоев П.С.,**
доцент кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского национального университета, к.ю.н.
**Тел.:** (+992) 900555167
**E-mail:** 1986_parviz.a@mail.ru

**Зайниддинов С.Ф.,**
старший преподаватель кафедры иностранных языков юридического факултета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 908827947

**Научная специальность:** 12.00.09 – уголовный процесс

**Аннотация.** В статье рассматриваются актуальные вопросы, связанные с передачей лиц в Международный уголовный суд, анализируются нормы международно-правовых актов и национального законодательства постсоветских стран. Отмечается отсутствие единообразия отношений постсоветских стран с МУС, поскольку только некоторые из постсоветских стран являются государствами-участниками МУС. В ходе открытия, расследования и принятия решения по уголовным делам важное значение имеет территория государства (пространство). Но у Международного уголовного суда, в отличие от государства, нет определенной территории. Поэтому все действия Суда по уголовным делам зависят от сотрудничества с государствами и международными организациями (например, ООН, ИНТЕРПОЛ и др.). Сотрудничество МУС с постсоветскими странами можно разделить на две группы: государства, которые являются членами МУС, и государства, не являющиеся членами МУС, которые не ратифицировали Римский статут МУС.

Авторы приходят к выводу, что передача лиц в МУС обеспечивает справедливое судебное разбирательство по уголовным делам. Проведенное исследование показывает, что отсутствие ратификации Римского статута и отказ некоторых постсоветских стран стать участником МУС не могут быть в большинстве случаев основанием для отказа в передаче лиц в МУС. Предлагается идея по развитию и совершенствованию национального уголовного законодательства, а также эффективности действий, направленных на решение данного вопроса.

**Ключевые слова:** Международное сотрудничество, передача лиц, Международный уголовный суд (МУС), постсоветские страны, государство–участник, государство, не являющееся участником, международные договоры,

уголовно-процессуальное законодательство, иностранное государство, уголовное дело.

The problem of cooperation of post-soviet countries with international court and law enforcement agencies in modern world becomes actual [1, c. 281-320; 2, c. 1-23; 3, c. 37-54; 4, c. 147-168; 5, c. 119-161; 6, c. 665-706; 7, c. 707-728; 8, c. 3-42; 10, c. 1-70; 11, c. 235-323; 12, c. 573-589; 13, c. 235-262; 14, c. 242-256; 16, c. 323-370; 18, c. 771-786; 22, c. 105-130]. The idea of establishment of international court on putting guilties to trial for international crimes has the historic roots. On the basis of the Roman Statute International Court began to act in 2002. Surrender of persons into ICC implemented in the scope of international cooperation. Surrender of persons to ICC has practical significance from the point of view of international law and criminal process. International treaties and international norms in the branch of human rights provide presence of person (accused) in the trial. In accordance with part 3 art 14 of international pact on civil and political rights fro, 16 December 1966 said: "everyone has the right…. To be convicted in his presence and to defend himself or by his chosen advocate " [21, c. 225-240]. From the procedural point of view after making indictment it is necessary to introduce a human with accuse and soon.

During the disclosure investigation and taking a decision on criminal cases the great importance has the territory of state (space). But ICC in distinction from states has no certain territory. That is why all actions of the Court on criminal cases depend on cooperation with states and international organizations (for instance UNO, Interpol and etc…) Cooperation of ICC with post-soviet countries may be divided into two groups: states which are the members of ICC and state which are not members of ICC which did not ratify the Roman statute of ICC.

Great significance has the questions of surrender of persons into ICC its actions which were actual in the first days of preparing of draft of Roman statute, ratification by states the statute and in modern law-enforcement practice of ICC. In the given context it's necessary noted that relation of post-soviet countries to the question on cooperation with ICC is not single form. According to 03.07.2017 Roman statue were ratified by 124 states among them the following post-soviet states: Tajikistan – 05 May 2003, Estonia -30 January 2002, Latvia -28 June 2002 Lithua and Moldova -12 October 2010 [20].

The Roman statute of ICC was signed by: Armenia, Kyrgyzstan, Uzbekistan Ukraine but did not ratify it. Russia has signed but didn't confirm its signature.

Procedural basis of surrender of person to ICC. According to part 1 article 89 of Roman Statue (surrender of persons to the Court) Court may request on arrest and present person to its disposal to any state on the territory in which person is an address to this state with request on cooperation in arrest and presenting of such person to its disposal.

Request on arrest and presenting certain person sending in written form. In some cases, under deciding the question of surrender of persons it is necessary to member-state to consult with ICC.

During the surrender of persons to ICC Roman statue along with their own provisions, in some cases refer to national legislation. For example," Member-states in

accordance with provisions ... of their national legislation, carrying out requests on arrest and presenting at disposal (part 1 article 89) (It's mine –P. A- Parviz Abdulloev). "Member- state in accordance with their procedural legislation gives permission to transport through its territory the person transferring to the Court by other state… (part 3 article 89) (Its mine P.A.) Thus, Roman statue doesn't ignore national legislation. For post-soviet countries which are not members of ICC its necessary to implement and to improve the norms on cooperation with ICC.

As it was noted truly by L.V Golovko develop countries differ certain paradox variety and difference of development Procedural Code of union republics [9, c. 89]. On the other hand, it must be noted that under all differences of development post-soviet criminal process is characterized by certain sense. It is worth to watch attentively how it becomes obvious, that everywhere (from Baltic republics to Central Asia including Russia) are discussed almost the same questions carrying out the same reforms, presenting the same offers and so on.

Supporting the thought of L.V Golovko we note that interaction of post-soviet countries with ICC and transfer to ICC has the following features. Article 88 provides that member-state ensured by having procedures providing by national law for all forms of interaction with ICC. Among post-soviet countries, the Baltic countries have their own specific features on regulation of international cooperation on criminal cases.

According to article 841 of Latvian Criminal procedural legislation the bases for surrendering persons to international court are: person against whom is charged or who transferred to the court, may be transferred for criminal prosecution and to the court on petition of this court.

Person being citizens of Latvia may be transferred for criminal prosecution and to court in international court only in the case if accepted confirm from international court about in case of conviction the person will be executed punishment by deprivation of liberty in Latvia legal basis for surrendering person to international court is the main establishing document of international court and provision of Criminal Procedural legislation of Latvia.

In comparison with Criminal Procedural Code of Latvia and Lithuania Criminal Procedural Code of Estonia provides that under receiving petition from ICC on arrest State prosecutor's office organizes detentiory a person according to Criminal Procedural Code of Estonia on arresting person as a suspected and commitment according Criminal Procedural Code of Estonia.

In comparison with other Baltic countries the norms of Criminal Procedural Code of Lithuania on international treaty are too simple and short.

According to article 71 of Criminal Procedural Code of Lithuania, Lithuanian citizen who is suspected in committing criminal crime may be surrendered to ICC, if only Lithuanian Republic has obligatory on the basis of international agreement or resolution of U.N Security Council as it is shown by practice legal regulation of Baltic countries the question of interaction and surrender of persons to ICC is not uniform. Though there is progress in this direction in Moldavia and in Tajikistan but about necessary regulation in national legislation in comparison with member countries of European Union it's too early to say.

Among post-soviet countries Georgia is the only country which has special law on interaction with ICC, Law of Georgia from 16 November 2004 [15].

Some provisions of the present law may be faced in the legislation member counties of European Union for instance in the law Sweden on interaction with ICC from 8 May 2002 [17, c. 422-426].

Surrender of person to ICC is specified in chapter 5 of law of Georgia which regulates the following aspects: legal bases of transfer (art.20) content of request and consolidating it with materials (art 21) request on searching and arrest of person ; keeping of proofs (art 22) arrest of person for transfer (art 23) detention with the aim of surrender (art 24) ending of term of detention (art 25) the rights who possesses subjected to transfer (art 26) getting permission for surrender (art 27) ,meeting the request on surrender (art 28) temporary surrender (art 20).

The problem is surrender of persons from post-soviet countries, which are not states-participants of ICC such as Azerbaijan, Armenia, Belarus, Kazakhstan, Uzbekistan and Ukraine that is stay dissolved surrender of persons almost 2/3 of post-soviet countries. Active work is carried out for joining them to ICC [19, c. 286].

**Literature:**

1. *Abtahi H.* The judicial review powers of the presidency of the International Criminal Court: safeguards for the protection of human rights // Law and practice of intern. courts and tribunals. 2013. Vol. 12, № 3. P. 281–320.

2. *Abtahi, H.* The emerging enforcement practice of the International Criminal Court // Cornell intern. law j. 2012. Vol. 45, № 1. P. 1–23.

3. *Ainley K.* The responsibility to protect and the International Criminal Court: counteracting the crisis // Intern. affairs. 2015. Vol. 91, № 1. P. 37–54.

4. *Aloisi R.* A tale of two institutions: the United Nations Security Council and the International Criminal Court // Intern. criminal law rev. 2013. Vol. 13, № 1. P. 147–168.

5. *Ambach P.* A model of international judicial administration? The evolution of managerial practices at the International Criminal Court // Law and contemporary problems. 2013. Vol. 76, № 3/4. P. 119–161.

6. *Bachvarova T.* Victims' eligibility before the International Criminal Court in historical and comparative context // Intern. criminal law rev. 2011. Vol. 11, № 4. P. 665–706.

7. *Chazal N.* Beyond borders? The International Criminal Court and the geopolitics of international criminal justice // Griffith law rev. 2013. Vol. 22, № 3. P. 707–728.

8. *Durham H.* The role of civil society in creating the International Criminal Court Statute: ten years on and looking back // J. of intern. humanitarian legal studies. 2012. Vol. 3, № 1. P. 3–42.

9. Golovko L.V development of criminal process on post-soviet area in the context of world trends. Actual questions of reforms of procedural legislation and law-enforcement activity (materials of scientific-theoretic conference, Dushanbe 25 November, 2016) Dushanbe 2016 p.89.

10. *Goy B.* Individual criminal responsibility before the International Criminal Court // Intern. criminal law rev. 2012. Vol. 12, № 1. P. 1–70.

11. *Isanga J.M.* The International Criminal Court ten years later: appraisal and prospects // Cardozo j. of intern. and comparative law. 2013. Vol. 21, № 2. P. 235–323.

12. *Kelley J.* Who keeps international commitments and why? The International Criminal Court and bilateral nonsurrender agreements // Amer. polit. science rev. 2007. Vol. 101, № 3. P. 573–589.

13. *Kendall S.* Representational practices at the International Criminal Court: the gap between juridified and abstract victimhood // Law and contemporary problems. 2013. Vol. 76, № 3/4. P. 235–262.

14. *Khan M.M.* International Criminal Court (ICC): an analysis of its successes and failures and challenges faced by the ICC tribunals for war crimes // Dialogue. 2016. Vol. 11, № 3. P. 242–256.

15. Law of Georgia on cooperation between ICC and Georgia from 16 November 2004 (electronic resource) www.icrc.org/rus/resource/documents/misc/georgia-icc-law-161104 html

16. *Marchuk I.* Ukraine and the International Criminal Court: implications of the ad hoc jurisdiction acceptance and beyond // Vanderbilt j. of transnat. law. 2016. Vol. 49, № 2. P. 323–370.

17. Michaylov N.G Some possible approaches to state for cooperation with international judicial bodies. P-S 422-426.

18. *Mullins C. W.* The ability of the International Criminal Court to deter violations of international criminal law: a theoretical assessment // Intern. criminal law rev. 2010. Vol. 10, № 5. P. 771–786.

19. Puzireva Yu. V Actual questions of interaction of EU and its member- states with ICC. Odincovo 2011 p-s 19 21 -22; Volevodz A.G International cooperation in the sphere of criminal justice –lessons of history and some problems of reforming p.286.

20. Roman Statue of the ICC 02. 07 2017.

21. UN Treaty Series Vol 999 P-S 225-240.

22. *Warburg-Johnson S.* Libya & the International Criminal Court // Eyes on the ICC. 2015. Vol. 11. P. 105–130.

# МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ПРИНСИПИ ЭҲТИМОЛИЯТИ БЕГУНОҲӢ

**Маҳмудов И.Т.,**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ҳ
**Тел.:** (+992) 935044352
**E-mail:** 1978_mahmudov@mail.ru

**Собиров М.Ш.,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 918150505
**E-mail:** sobirov0505@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.09 – мурофиаи ҷиноятӣ

**Муқарриз:** Искандаров З., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда.** Дар мақолаи мазкур мафҳум ва моҳияти принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ зери таҳлил қарор гирифта, андешаҳои баъзе аз олимони соҳаи ҳуқуқ, ки оид ба масъалаи мазкур таҳқиқоти илмӣ бурдаанд мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ва баъзе аз мушкилотҳое, ки дар ин самт ба назар мерасиданд аз ҷониби муаллифон таҳлил гардида, дурнамои принсипи мазкур муқаррар карда шудааст.

**Калидвожаҳо*:*** Эҳтимолияти бегуноҳӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, суд.

# ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ ПРИНЦИПА ПРЕЗУМПЦИИ НЕВИНОВНОСТИ

**Махмудов И.Т.,**
доцент кафедры судебного право и прокурорского надзора юридеческого факультета Таджикского национального университета, к.ю.н
**Тел.:** (+992) 935044352
**E-mail:** 1978_mahmudov@mail.ru

**Собиров М.Ш.,**
ассистент кафедры судебного право и прокурорского надзора юридеческого факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 918150505
**E-mail:** sobirov0505@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.09 – уголовный процесс

**Рецезент:** Искандаров З., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация.** В данной статье рассматривается поятие и сущность принципа презумпции невиновности, а также мнения некоторых ученых, которые проводили свои научные исследования в данном направлении. Авторы, анализируя некоторые проблемы, которые встречались в этой сфере определил перспективу данного принципа.

**Ключивые слова:** Презумпция невиновности, право и свободы человека и гражданина, суд.

## CONCEPT AND ESSENCE OF PRINCIPLE PRESUMPTION OF INNOCENCE

**Makhmudov I.T.,**
associate Professor of Judicial Law and prosecutor's supervision of the Law Faculty of the Tajik National University, Ph.D.
**Phone:** (+992) 935044352
**E-mail:** 1978_mahmudov@mail.ru

**Sobirov M. Sh.,**
assistant of the Department of Judicial Law and prosecutor's supervision Faculty of Law Tajik National University
**Phone:** (+992) 918150505
**E-mail:** sobirov0505@mail.ru

**Scientific specialiti:** 12.00.09 – criminal process

**Reviewer:** Iskandarov Z., doctor of legal sciences, Professor

**Annotation.** This article examines the concept and essence of the principle of the presumption of innocence, as well as the opinions of some scientists who conducted their research in this direction. And the author, analyzing some of the problems encountered in this area, determined the perspective of this principle.

**Key words:** Presumption of innocence, human and civil rights and freedoms, court.

Дар пайдоиш ва ташаккули истилоҳи эҳтимолият ва ё презумпсияи бегуноҳӣ нақш ва мавқеи Рими қадим махсус таъкид мегардад. Вале бояд қайд намуд, ки тамаддуни шарқӣ низ дар рушди принсипи мазкур саҳми назаррас дорад. Аввалин унсурҳои принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир ва дигар сарчашмаҳои қадимаи шарқӣ ба чашм мерасад [16, с. 117-118; 17, с. 50-56; 18, с. 29-36]. Вожаи мазкур таърихи чандинасра дошта, аз ҷониби омма ҳамчун ҳақиқати баҳснопазир қабул гардидааст. Вале он замон на эҳтимолияти бегуноҳӣ, балки вожаи росткорӣ ва ҳалолкорӣ (praesumptio boni viri) амал мекард, ки он баҳри бартараф намудани мушкилиҳо ва баҳсҳои шаҳрвандӣ истифода мегардид. Мутобиқи қонунгузории замони мазкур ҳар як иштирокчии муносибатҳои гражданӣ дар фаъолияти худ ҳалолкору бовиҷдон эътироф мегардид ва шахсе агар нисбат ба фаъолияти одилонаи шахси дигар шубҳа пайдо мекард, уҳдадор буд исбот намояд. Дар ин бобат олими рус Ларин А.М. чунин ибрози назар менамояд: «Уҳдадории исботи айб бар зиммаи касе мебошад, ки айбдор мекунад на бар зиммаи касе, ки инкор менамояд» (ei incumbit probation qui dicit non qui negat) [7, с. 29]. Масъалаи мазкур ҳанӯз аз замонҳои қадим то ба имрӯз байни олимон баҳси доманадорро ба вуҷуд оварда, то ҳол ҳалли худро наёфтааст ва дар ин ҷода назарҳои мухталиф ҷой доранд. Агар ба адабиёт ва луғатҳои замони пешин назарандозӣ намоем, ибораи мазкурро муҳаққиқон ба ҳар мазмун маънидод намудаанд. Масалан Дрягин М.А. дар рисолаи илмии худ менависад, ки истилоҳи эҳтимолият (презумпсия) ҷабҳаҳои гуногун дорад, аз ин рӯ, он ба чанд маъно фаҳмида мешавад: 1) истифодабарии бармаҳал; 2) эътироз; 3) тахмин; 4) орзу; 5) интизорӣ ва ғайра.

Дар луғатҳои дигари лотинӣ-русӣ эҳтимолият (презумпсия) гуфта мағрурӣ, умедворӣ, фикри ғалат фаҳмида мешавад [5, с. 16].

Оид ба маънои таҳтуллафзии ин истилоҳ дар дигар луғатҳо низ вожаҳои гуногун истифода гардидаанд, вале дар замони муосир ин вожаҳо куллан мансух шудаанд ва мо эҳтимолият ва ё презумпсияро ҳамчун тахмин намудан, гумон бурдан ва ё шубҳа кардан истифода мебарем. Яъне тахмин карда мешавад, ки шахс дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор аст, то замоне, ки баръакси он аз ҷониби суд муқаррар карда нашавад.

Дар луғати русӣ-тоҷикӣ зери таҳрири М.С. Осимӣ презумпсия ба чунин мазмун фаҳмида мешавад: 1. Эҳтимол, фарзия; 2. Расман дуруст шумурдани далел, то вақте ки нодурустиаш исбот нагардидааст [8, с. 833].

Дар дигар фарҳанги русӣ-тоҷикии истилоҳоти ҳуқуқ бошад, презумпсия ба мазмуни имрӯзааш, яъне эҳтимолият оварда шудааст [14, с. 229].

Эҳтимолияти бегуноҳӣ марҳилаҳои гуногунро сипарӣ намудааст, то ки дар қонунгузории мурофиавии давлатҳо инъикоси воқеии худро пайдо намояд. Имрӯз ин принсип хусусияти мурофиавӣ-ҷиноятиро касб намуда, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба сифати яке аз принсипҳои асосии мурофиавии ҷиноятӣ шинохта шудааст.

Вобаста ба мафҳуми эҳтимолияти бегуноҳӣ олимон андешаҳои гуногун баён намудаанд, вале дар бештари санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ мафҳуми эҳтимолияти бегуноҳӣ бо чунин мазмун оварда шудааст: «Ҳеҷ кас гунаҳгор

эътироф карда намешавад, то замоне, ки ҳукми суд оид ба гунаҳгор будани ӯ ба қувваи қонунӣ надарояд». Ҳарчанд шакли мафҳумҳо дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ якзайл набошанд ҳам, вале мазмун ва моҳияти онҳо як аст.

Ҳамчун институти мурофиавӣ мафҳуми эҳтимолияти бегуноҳӣ аввалин маротиба дар моддаи 9-и Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванди Фаронса (26 августи соли 1789) пешбинӣ гардидааст, ки мутобиқи он «ҳар як кас бегуноҳ дар назар дошта мешавад, то замоне, ки баръакси он муайян карда нашавад» [3]. Дар заминаи эъломияи мазкур Кодекси мурофиавии ҷиноятии Фаронса соли 1808 бо фармони император Напалеон Бонапарт қабул гардида, то соли 1958, яъне 150 сол амал намудааст. Хотирнишон бояд сохт, ки дар муддати мазкур ба ин қонунгузорӣ тағйиротҳои зиёд ворид намуданд, вале эҳтимолияти бегуноҳӣ бо сабабҳои гуногун ворид карда нашуд. Олимони ҳуқуқшиноси Фаронса принсипи мазкурро кафили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд номида, талош варзиданд то ин ки принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар сатҳи қонунгузорӣ ҷойгир карда шавад, аммо ҳама он заҳмату талошҳои онҳо дар ин самт бенатиҷа анҷом ёфт. Ҳамаи ин гуфтаҳо башорат аз он медиҳад, ки дар Фаронса дар баробари тарафдорон, ҳамчунин муқобилони ин принсип ба назар мерасиданд ва онҳо нагузоштанд, ки принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Фаронса роҳ ёбад. Новобаста аз он ки дар дебочаи Конститутсияи Фаронса Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванди Фаронса ҳамчун нишонаи кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд зикр гардида буд.

Дар Аврупо аввалин маротиба мафҳуми эҳтимолияти бегуноҳиро таҳқиқотчии машҳури Итолиёвӣ Чезаре Беккария, ки таҳқиқоти худро оид ба проблемаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ гузаронидааст, дар китоби худ «Ҷиноят ва ҷазо» соли 1764 овардааст. Ӯ мафҳум ва моҳияти эҳтимолияти бегуноҳиро муайян намуда, чунин шарҳ медиҳад: «Ҳеҷ кас ҷинояткор эълон карда намешавад то он даме, ки нисбати ӯ ҳукми суд татбиқ нагардад ва агар ҷазо асоснок бошад, пас он бояд сангин набошад ва ҳамчунин дер давом накунад» [15, с. 23].

Қобили қайд аст, ки эҳтимолияти бегуноҳӣ сирф моли мурофиаи ҷиноятӣ нест ва он аз сиёсат ба мурофиаи ҷиноятӣ ворид гардидааст. Замоне онро ҳамчун шиори сиёсӣ истифода мебурданд. Вале эҳтимолияти бегуноҳӣ на шиор, на эъломия ва на ягон санади меъёрист, балки ҳолати воқеӣ ва ҳуқуқии инсон аст. Принсипи мазкур дар дигар соҳаҳои ҳуқуқ низ аз қабили ҳуқуқи граждании, маъмурӣ ва байналхалқӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад, вале моддаи 20-и Конститутсия, ки ба эҳтимолияти бегуноҳӣ бахшида шудааст, танҳо ба мурофиаи ҷиноятӣ тааллуқ дорад. Моҳияти принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар он аст, ки намегузорад шахс ғайриқонунӣ ва беасос маҳкум гардад. Яъне, принсипи мазкур кафолатдиҳандаи озодии инсон аз хар гуна таҷовузҳои беасосу ғайриқонунӣ маҳсуб меёбад. Ҳарчанд эҳтимолияти бегуноҳӣ кафолатдиҳанда ва таъминсозандаи озодии инсон аст, вале дар замонҳои қадим дар ин хусус табъиз аз рӯи мақому манзалат дар авҷи аъло буд. Яъне, шахсоне, ки сарватманд ва ё аз табақаи болоӣ буданд, ҳукми суд нисбати онҳо дигар тарз татбиқ мегардид ва шахсоне, ки аз табақаи поёнӣ буданд, ба таври дигар татбиқ карда мешуд. Ғуломон бошанд, умуман ҳуқуқ надоштанд. Онҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ

на ба ҳайси айбдоршаванда ва на ба ҳайси айбдоркунанда баромад карда наметавонистанд, чунки онҳо сараввал ҳамчун инсон эътироф карда намешуданд, балки онҳоро ҳамчун мол истифода мебурданд.

Дар хусуси ҳамчун принсип ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятии замони Шӯравӣ шомил намудани эҳтимолияти бегуноҳӣ олимон аз қабили Алексеев Н.С., Кокорев Л.Д., Полянский Н.Н. ва Строгович М.С. нақши назаррас доранд. Вале пас аз инқилоби октябр (соли 1917) амали принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ, аз ҷумла принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ рӯ ба вартаи нестӣ ниҳода, солҳои зиёд эътибори худро аз даст дода буд. Аз ин рӯ, Тадевосян В.С. ибрози андеша намудааст, ки «эҳтимолияти бегуноҳӣ барои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии давлати Шӯравӣ лозим нест ва он бояд дар қонун ҷойгир карда нашавад» [12, с. 65-72]. Ҳамин тариқ дар замони Шӯравӣ ба монанди Тадевосян як чанд нафарони дигар аз ҷумла Голунский С.А., Арсенев В.Д. ва Мартинчик Е.Г. муқобили принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ баромад намуда, амали онро рад намудаанд. Чуноне ёдовар шудем то ҳол оид ба масъалаи мазкур байни олимон баҳсҳои илмӣ идома доранд. Зеро агар ба омор назар афканем аксарияти он нафароне, ки дар содир намудани ҷиноят гумонбару айбдор дониста шудаанд, нисбати онҳо аз ҷониби суд ҳукми айбдоркунанда бароварда шудааст. Ин амал барои олимон як муаммо ва моҷарои баҳсангез ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки то ҳанӯз оид ба ин принсип ягонафикрӣ ҷой надорад.

Шурӯъ аз солҳои 1980 инҷониб оид ба мафҳум ва моҳияти эҳтимолияти бегуноҳӣ ва проблемаҳои он олимон Касумов Ч.С. (1980 с.), Кримов А.А. (1999 с.), Шумский Г.А. (2000 с.), Абдрашитов В.М. (2001 с.), Панкина И.Ю. (2001 с.), Ларин А.М. (монография 1982 с.), Строгович М.С. (1984 с.), Савитский В.М. (1997 с.), Василев Л.М. (2003 с.), Дрягин М.А. (2004 с.), Эсаулов С.В. (2013), Абдрашидов В.М. (2017 с.) таҳқиқотҳои илмӣ бурдаанд. Ҳарчанд олимони номбурда талош варзиданд то мафҳум ва моҳияти эҳтимолияти бегуноҳиро ҳамаҷониба ва ба пуррагӣ муайян намоянд, вале то ҳол масъалаҳои таҳқиқнашуда дар ин самт ҷой доранд.

Инак андешаҳои баъзе аз олимонеро, ки дар ин самт таҳқиқоти илмӣ бурдаанд, мавриди таҳлил қарор медиҳем. Строгович М.С. чунин мешуморад, ки «айбдоршаванда бегуноҳ дониста мешавад то замоне, ки гунаҳгории ӯ тибқи тартиби муқарраркардаи қонун исбот карда нашавад ва ҳукми суд оид ба гунаҳгор будани ӯ ба қувваи қонунӣ надароянд [11]. Томин В.Т. ва Безлепкин Б.Т. бошанд, мафҳуми мазкурро чунин шарҳ додаанд, ки «эҳтимолияти бегуноҳӣ назар ба мурофиаи ҷиноятӣ мавқеи баландтарро касб намуда, дар мурофиаи судии ҷиноятӣ он аз ҳолати айбдоршаванда вобаста нест ва он ҳамчун элементи умумиҳуқуқии мақоми шаҳрванд ба ҳисоб меравад» [5, с. 109]. Аз як тараф чунин ақида боиси дастгирист, чунки дар воқеъ эҳтимолияти бегуноҳӣ аз ҳолати шахс вобаста нест ва маҳз ҳамин принсип аст, ки баробарҳуқуқии тарафҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ дар як вазн нигоҳ дошта мешавад ва дастгиркунии ғайриқонуниву маҳкумкунии беасос аз байн бурда мешавад. Олими дигари рус Ларин А.М. чунин менависад, ки «эҳтимолияти бегуноҳӣ ин ҳолати ҳуқуқии айбдоршаванда мебошад ва айбдоршаванда бегуноҳ аст то замоне ки тибқи тартиби муқараргардидаи қонун гунаҳгории ӯ исбот нагардад» [7]. Тазаккур

бояд дод, ки олимон дар хусуси ҳолати ҳуқуқӣ ва ё ҳолати воқеии кор будани эҳтимолияти бегуноҳӣ ақидаҳои гуногун доранд. Баъзе олимон дар он андешаанд, ки эҳтимолияти бегуноҳӣ ин ҳуқуқи инсон аст. Яъне шахс бо истифода аз ҳуқуқҳои конститутсионии худ ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки бегуноҳиаш исбот карда шавад. Олимони дигар бошанд, чунин мешуморанд, ки эҳтимолияти бегуноҳӣ на ҳуқуқи инсон, балки ҳолати воқеии кор аст. Аз таҳлили чунин андешаҳо суоле ба миён меояд, ки агар эҳтимолияти бегуноҳӣ ҳолати воқеии инсон бошад, яъне воқеият чунин бошад, пас оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, баррасии парванда дар мурофиаи суди ҷиноятӣ ва дигар амалҳои мурофиавӣ чи зарурият дорад? Дар тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаи зикргардида дар моддаи 20 оварда шудааст. Тибқи моддаи тафсиршаванда эҳтимолияти бегуноҳӣ на танҳо қоидаҳои исботкунии ҳолатҳои воқеии кор, ҳамчунин ҳолати ҳуқуқии шахсро низ дар низоми муносибатҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ муайян мекунад [13]. Духовский М.В. низ оид ба мафҳуми эҳтимолияти бегуноҳӣ ибрози андеша намуда, қайд менамояд, ки «то он даме, ки гуноҳи шахс исбот нагардад, вай шаҳрванди комилҳуқуқи кишвар маҳсуб меёбад» [6, с. 162]. Ба ақидаи Познишев С.В. «дар мурофиаи судии ҷиноятӣ судшаванда тахминан бегуноҳ эътироф мегардад то он замоне, ки гунаҳгор будани ӯ исбот нагардад» [5, с. 56]. Ба ҳамин тарз олимони дигар низ оид ба мафҳум ва моҳияти эҳтимолияти бегуноҳӣ андешаҳои худро баён намудаанд.

Дар Тоҷикистон принсипи мазкур якчанд марҳиларо сипарӣ намудааст. Дар замони Шӯравӣ амали принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ наонқадар ба назар мерасид. Агар ба қонунгузории мурофиавии ҶШС Тоҷикистон нигарем вобаста ба мафҳум ва моҳияти эҳтимолияти бегуноҳӣ солҳои зиёд ҳамчун сарлавҳа моддаи алоҳида пешбинӣ нагардида буд, вале баъзе аз меъёрҳои ин принсипро дар Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1978, Кодекси ҷиноятии ҶШСТ соли 1961 ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶШСТ соли 1961 мушоҳида намудан мумкин буд. Ва баъдтар бо мурури замон 25 августи соли 1983 пас аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КМҶ ҶШС Тоҷикистон мафҳуми эҳтимолияти бегуноҳӣ дар қисми 2-и моддаи 8 инъикоси воқеии худро пайдо намуд. Моддаи мазкур муқаррар намуд, ки «ҳеҷ касро бе ҳукми суд ва бар хилофи қонун дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор донистан ва инчунин ҷазои ҷиноятӣ додан мумкин нест» [10, с. 56].

Имрӯз бошад, принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар моддаи 20-и боби дуюми Конститутсия – “ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд” ба таври мушаххас пешбинӣ гардидааст. Мутобиқи моддаи 20-и Конститутсия “ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор эътироф карда намешавад” [1]. Моддаи мазкурро олими тоҷик Искандаров З.Ҳ. зери таҳлил қарор дода, чунин ибрози андеша менамояд: “Мафҳуми эҳтимолияти бегуноҳӣ танҳо ба айбдоршаванда тааллуқ надорад, чунки дар Конститутсия, Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ва санадҳои байналхалқӣ мафҳуми “ҳеҷ кас” истифода шудааст. Мафҳуми “ҳеҷ кас” васеъ буда, дарбаргирандаи чанд субъекти дигар аз ҷумла гумонбаршуда, судшаванда ва шахсе, ки нисбати ӯ ҳукми ба қувваи қонунӣ надаромадаи суд ҷой дорад, мебошад” [13].

Олими дигари тоҷик Абдуллоев Н. зикр менамояд, ки «дар давраи тайёрӣ ба муҳокимаи судӣ масъалаи гунаҳгории судшаванда пешакӣ ҳал карда намешавад. Дар давраи муҳокимаи судӣ судяҳо вазифадоранд такя ба эҳтимолияти бегуноҳӣ намуда, ҳамаи далелҳоро софдилона, беғаразона ва воқеъбинона санҷанд» [4, с. 50].

Негматов Б.С. қайд менамояд, ки "шахсе, ки гунаҳгории ӯ исбот нашудааст, баробар бо нафаре аст, ки бегуноҳии ӯ бе шубҳа исбот шудааст ва ӯ шахси сафедкардашуда эътироф мешавад" [9].

Дар асоси моддаи 20-и Конститутсия Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ дар моддаи 15-и худ ҳамаҷониба принсипи мазкурро мустаҳкам намудааст, ки он аз 5 қисмат иборат аст ва тибқи он: 1) Ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад; 2) Уҳдадории исботи айб ба зиммаи айбдоркунанда гузошта мешавад; 3) Гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда уҳдадор нестанд, ки бегуноҳии худро исбот намоянд; 4) Ҳама гуна шубҳаҳои гунаҳгории айбдоршаванда, ки бо тартиби пешбининамудаи Кодекси мазкур бартараф карда намешаванд, ба фоидаи айбдоршаванда маънидод карда мешаванд; 5) Ҳукми айбдоркуниро бо тахмин асоснок кардан мумкин нест [2].

Ҳамин тариқ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мафҳум ва моҳияти эҳтимолияти бегуноҳӣ олимон аз қабили Абдуллоев Н.А, Искандаров З.Ҳ, Негматов Б.С. ва якчанд нафарони дигар то андозае таҳқиқотҳои илмӣ бурдаанд.

Месазад гуфт, ки нақши принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ пурра аз режими сиёсии давлат вобастагӣ дорад ва таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар он давлате дида мешавад, ки принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар он ҷо эътироф карда шавад. Чунки ҳарчанд принсипи зикргардида дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оварда шудааст, вале баъзе аз давлатҳо то ҳанӯз онро дар қонунгузории худ ҷой надодаанд. Масалан, дар давлатҳое, ки режими идоракуниашон тоталитарианд, амали принсипи мазкур манъ аст. Дар ин гуна давлатҳо на эҳтимолияти бегуноҳӣ, балки гунаҳгории шахс муқаррар карда шудааст. Яъне ҳар шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гумонбару айбдор дониста мешавад, аллакай гунаҳгор аст ва ҳатто дар баъзе мавридҳо шахс аз ҳуқуқи исботнамоӣ ва далеловарӣ низ маҳрум мегардад.

Маврид ба зикр аст, ки муҳаққиқон ҳангоми истифодабарии истилоҳи эҳтимолияти бегуноҳӣ ҳам эҳтимолият ва ҳам презумпсияро истифода мебаранд. Вале дар ин раванд зиддиятҳо низ ба назар мерасанд. Гурӯҳе аз олимон бар он андешаанд, ки эҳтимолияти бегуноҳӣ мазмуни мукаммали истилоҳи презумпсияи бегуноҳиро дода наметавонад. Ба андешаи онҳо ибораи эҳтимолияти бегуноҳӣ гуё бавосита гунаҳгории шахсро муайян менамояд. Презумпсияи бегуноҳӣ бошад, шахсро воқеан ҳам бегуноҳ эълон мекунад. Онҳо чунин мешуморанд, ки тибқи Конститутсия ва санадҳои байналмилалӣ гунаҳгории шахсро дар содир намудани ҷиноят танҳо мақомоти суд муайян мекунад ва то он дам шахс комилан бегуноҳ аст. Мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакиро низ зарур аст, ки нисбати онҳо хамчун шахси бегуноҳ муносибат намоянд. Гарчанде ақидаи мазкурро баъзеҳо тарафдорӣ низ намудаанд, вале бояд зикр намуд, ки эҳтимолияти бегуноҳиро ба презумпсияи бегуноҳӣ иваз намудан дар ҷомеаи

имрӯзаи мо аз чанд нуқтаи назар қобили қабул нест. Чунин андешаҳо ба чанд муқарраротИ қонунгузории ҶТ мухолифат мекунанд. Аввалан, забони коргузории мо забони тоҷикӣ аст ва истилоҳҳо низ бояд тоҷикии содда ва оммафаҳм бошанд. Ҳамзамон мутобиқи талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» меъёрҳои он бо забони давлатӣ, яъне забони тоҷикӣ навишта шуда, ҳангоми зарурат бо дигар забонҳо тарҷума карда мешаванд. Ҳамин тариқ эҳтимолияти бегуноҳӣ ин бегуноҳии шахс то замони ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми суд маҳсуб меёбад. Яъне то он замоне, ки ҳукми баровардаи суд эътибори қонунӣ пайдо накунад, шахси дар содир намудани ҷиноят айбдоршаванда комилан бегуноҳ эътироф карда мешавад. Ҳар давлате, ки худро соҳибистиқлолу мустақил эълон намудааст, амали принсипи мазкурро бояд ҳамаҷониба ба роҳ монад. Вагарна ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд поймол гардида, меъёрҳои қонунгузории кишвар дар амал татбиқ намегарданд.

**Адабиёт:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994.
2. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми апрели 2010.
3. Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванди Фаронса аз 26-уми августи 1789.
4. Абдуллоев Н.А. Эҳтимолияти бегуноҳии айбдоршаванда ҳамчун принсипи мурофиаи судии ҷиноятӣ дар партави лоиҳаи кодекси мурофиаи ҷиноятӣ // Давлат ва ҳуқуқ. №2, 2008.
5. Дрягин М.А. дис. презумпция невиновности в российском уголовном судопроизводстве, – Иркутск., 2004. – 210 с.
6. Духовский М.Б. Русский уголовный процесс. – М., 1910. – 448 с.
7. Ларин А.М. Презумпция невиновности. – М.: Наука, 1982. – 152 с.
8. Луғати русӣ-тоҷикӣ / Зери таҳрири М.С. Осимӣ. – М., 1985. – 1280 с.
9. Негматов Б.С. Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ: назария ва амалияи татбиқи он. (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ назариявӣ бахшида ба 40 – солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ). – Душанбе: Сино, 2014.
10. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Қудратов – Душанбе, 2016. – 528 с.
11. Строгович М.С. Право обвиняемого на защиту и презумпция невиновности. – М.: Наука, 1984. – 143 с.
12. Тадевосян В.С. К вопросу об устоновлении материальной истины в советском процессе // Советское государство и право. – №6, 1948.
13. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи ҶТ. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 520 с.
14. Фарҳанги русӣ ба тоҷикии истилоҳоти ҳуқуқ. – Душанбе: Бухоро, 2015.
15. Эсаулов С.В. дис. реализация принципа презумпции невиновности в доказывании на досудебных стадиях уголовного судопроизводство. – М., 2013. – 224 с.

16. Рахмон Д.С., Саъдизода Дж., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография / Д.С. Рахмон, Дж. Саъдизода, Н.Ф. Сафарзода. – Душанбе, 2018. – 176 с.

17. Диноршоев А.М., Саъдизода Дж. Рушди андешаи ҳуқуқи инсон дар сарзамини таърихии тоҷикон (аз асри 7 мелодӣ то ибтидои асри 20) / А.М. Диноршоев, Дж. Саъдизода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. №1 (09). – Душанбе, 2018. – С. 50-56.

18. Диноршоев А.М., Саъдизода Дж. Андешаи ҳуқуқи инсон дар таълимоти динӣ ва фалсафӣ / А.М. Диноршоев, Дж. Саъдизода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. №2 (10). – Душанбе, 2018. – С. 29-36.

# ТАҲҚИҚИ МАФҲУМИ ТАМАЪҶӮӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ИДМ

**Раҷабов К.Д.,**
ассистенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 938231823
**E-mail:** komron231823@gmail.com

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**Роҳбари илмӣ:** Назаров А.Қ., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Муқарриз:** Шарипов Т.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда.** Дар мақолаи мазкур мафҳуми тамаъҷӯӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Озарбойҷон, Белоруссия, Гурҷистон, Украина, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон таҳқиқ карда шудааст. Муаллиф дар асоси таҳқиқи мафҳуми «тамаъҷӯӣ» тибқи қонунгузории ҷиноятии ИДМ ба хулосае омад, ки тамаъҷӯӣ ҳамчун шакли тасарруф махсуб намеёбад.

**Калидвожаҳо:** Тамаъҷӯӣ, ҷиноятҳо ба муқобили моликият, кодекси ҷиноятӣ, молу мулк, тасарруф.

# ИСЛЕДОВАНИЕ ПОНЯТИЕ ВЫМОГАТЕЛЬСТВА В СООТВЕТСТВИИ С УГОЛОВНЫМИ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВАМИ СНГ

**Раджабов К.Д.**,
ассистент кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 938231823
**E-mail:** komron231823@gmail.com

**Научная специальность**: 12.00.08 – уголовное право и криминалогия; уголовно исполнительное право

**Научный руководитель:** Назаров А.К., кандитат юридических наук, доцент
**Рецензент:** Шарипов Т.Ш., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация.** В данной статье исследуется понятие вымогательства в соответствии с уголовными законодательствами Азербайджана, Белоруссии, Грузии, Украины, Узбекистана и Таджикистана. Автор на основе исследования

понятия вымогательства в соответствии с уголовными законодательствами стран СНГ пришел к выводу, что вымогательство не является формой хищения.

**Ключевые слова:** Вымогательство, преступления против собственности, уголовный кодекс, имущества, хищение.

## RESEARCH CONCEPT OF SOLICITING IN ACCORDANCE WITH CRIMINAL LEGISLATION OF COMMONWEALTH OF LNDEPENDENT STATES

**Rajabov K.D.,**
Assistant of the Departmen of Criminflistiki and Forensik Activeies of the Law Faculty of the Tajik National Universiti
**Phone:** +992 938231823
**E-mail:** Komron231823@gmail.com

**Scientific Specialty:** 12.00.08 – criminal law and criminology; criminal-executive law

**Research supervisor:** Nazarov A.K., Candidate of legal Sciences, Assistant Professor
**Reviewer:** Sharipov T.Sh., Doctor of Law, Professor

**Annotation.** In this article researching means of extortion in criminal legislation of Azerbaijan, Belorussia, Georgia, Ukraine, Uzbekistan and Tajikistan. Other in basis of researching means of extortion on matching with Criminal legislation of IUS concluded, who extortion is not kind of appropriation.

**Keywords:** Extortion, the crimes against property, Criminal code property, appropriation.

Ҷиноятҳо ба муқобили моликият гуфта, кирдори ба ҷамъият хавфноке фаҳмида мешавад, ки нисбат ба молу мулки бегона равона гардида, бо роҳи дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ, қаллобӣ ва тамаъҷӯӣ содир карда мешавад. Омӯхтани ҷанбаҳои ба ҷамъият хавфнокии тамаъҷӯӣ бо маҳорати баланд ошкор намудани ин ҷиноят, дуруст банду баст кардан ва баҳо додан ба он, яке аз масъалаҳои муҳим дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ифода меёбад.

Ҷиҳати батанзимдароии мафҳуми тамаъҷӯӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистони танҳо аз соли 1935 сухан гуфтан мумкин аст, зеро аввалин маротиба мафҳуми мазкур дар боби 8 (КҶ РСС Тоҷикистон аз соли 1935) «Ҷиноятҳои молу мулкӣ» пешбинӣ шуда буд, ки мутобиқи моддаи 212 КҶ РСС Тоҷикистон аз соли 1935 таҳти мафҳуми тамаъҷӯӣ ин талаби додани молу мулки ғайр ё ҳуқуқ ба молу мулк бо таҳдиди истифодаи зӯроварӣ ва маълумотҳои беобрӯкунанда нисбати ҷабрдида ё бо таҳдиди вайрон кардани молу мулк фаҳмида мешуд [18, с. 66]. Бояд қайд намуд, ки барои минбаъд инкишофи ин мафҳум қабули КҶ РСС

Тоҷикистон аз соли 1961 асос гузошт. КҶ соли 1961 дар боби 2 «Ҷиноятҳо муқобили моликияти сотсиалистӣ» дар моддаи 95 мафҳуми тамаъҷӯиро чунин пешбинӣ намуд: «Тамаъҷӯӣ, яъне талаби додани молу мулки давлатӣ ва ҷамъиятӣ ё ҳуқуқ ба молу мулк бо таҳдиди истифодаи зӯроварӣ нисбат ба шахс ё бо таҳдиди ифшои маълумотҳои беобрӯкунанда нисбати ҷабрдида ё наздикони ӯ, ошкор кардани чунин маълумотҳо оид ба ҳолатҳое, ки вай мехоҳад онро ниҳон дорад, ҳамчунин бо таҳдиди несту нобуд, вайрон кардани молу мулки ғайр» [17, с. 74].

КҶ РСС аз соли 1961 назар ба КҶ РСС Тоҷикистон аз соли 1935 мафҳуми тамаъҷӯиро ба таври васеъ пешбини намуда дар диспозитсияи моддаи 95 (КҶ РСС Тоҷикистон аз соли 1961) истилоҳҳои талаби додани молу мулки давлатӣ ва ҷамъиятӣ, таҳдиди ифшои маълумотҳои беобрӯкунанда нисбати наздикони ҷабрдида ва таҳдиди несту нобуд кардани молу мулкӣ ғайр ворид карда шуд.

Бояд қайд намуд, ки тағйироти раванди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки пас аз дарёфти истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омад, ба вазъият ва динамикаи ҷинояткорӣ таъсири худро гузошт. Аз ин сабаб, моддаи 95 КҶ РСС Тоҷикистон аз соли 1961 ба таври назаррас тағйир дода шуд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тағйирот ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 январи соли 1992 масъалаи мазкурро пешбини намудааст. Тибқи тағйироти мазкур аввалин маротиба дар моддаи 95 КҶ РСС Тоҷикистон аз соли 1961, дар баробари истилоҳи тамаъҷӯӣ истилоҳи «рэкет» ворид карда шуд.

Дар бисёр луғатҳои соҳавӣ барои маънидод кардани истилоҳи «рэкет», ҳамчун синоними «тамаъҷӯӣ» оварда шудааст. Истилоҳи «рэкет» дар тарҷума аз забони англисӣ, бо роҳи таҳдид ва зӯроварӣ ситонидани даромади дигаронро мефаҳмонад [11, с. 238-239]. Истилоҳи мазкур дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ба таври васеъ кор фармуда мешавад, бахусус, дар луғати калони ҳуқуқӣ таҳти истилоҳи «рэкет» «таҳдид ва зӯроварие, ки барои ба даст овардани молу мулк» содир шудааст, фаҳмида мешавад [1, с. 603 ].

Ҳамин тавр, истилоҳи «рэкет» дар адабиётҳои ҳуқуқӣ чунин мазмунро дар бар мегирад:

- ҳаммонандии тамаъҷӯӣ бо рэкет;
- рэкет яке аз намудҳои ҷинояти муташаккил аст;
- рэкет – ин талаби бардавоми пардохти маблағ аз соҳибкорони хурд мебошад.

Гуров А.И. бо ишора ба адабиётҳои ҳуқуқӣ қайд менамояд, ки таҳти мафҳуми «рэкет» - ин ва ё он нафарро доимо ба додани маблағ ва ё ашёҳои гаронбаҳо маҷбур кардан фаҳмида мешавад» [4, с. 155-156 ].

Ба андешаи Борзенков Г.Н. «тамаъҷӯӣ – ҷинояти хусусияти молу мулкидошта буда, амали мустақилонаро талаб менамояд». Агар ба таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ назар афканем, рэкет ин навъи махсуси ҷинояти гурӯҳӣ буда, як намуди нишондиҳандаи он тамаъҷӯиро дар бар гирифта, аммо бо он баробар шуда наметавонад [2, с. 16 ].

Дар асосӣ ақидаҳои дар боло зикргардида зарурати муайян кардани мавқеи шахсӣ ба вуҷуд меояд. Ба андешаи мо, ақидаҳое, ки дар соҳаи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ҳаммаъно будани мафҳумҳои мазкурро тасдиқ мекунанд, набояд онҳоро

пазируфт. Ҳамбастагии худро ба ақидаҳои мавҷуда баён намуда, қайд мекунем, ки ба ҳеҷ сурат набояд мафҳуми рэкет бо тамаъҷӯӣ ва дигар намуди ҷиноятҳои мушаххас баробар дониста шавад. Истифодаи истилоҳи бегона дар амал метавонад нофаҳмиро ба вуҷуд орад, чунки фаҳмиши дақиқи ягона оид ба он мавҷуд нест.

Дар моддаи 250 КҶ ҶТ мафҳуми тамаъҷӯӣ чунин баён гардидааст: «Тасарруф бо роҳи тамаъҷӯӣ, яъне талаби додани молу мулки ғайр ё ҳуқуқ ба молу мулк ё содир намудани дигар кирдорҳои дорои хусусияти молу мулкӣ бо таҳдиди ифшои таҳсилотҳои беобрӯкунанда (бадномкунанда) нисбати ҷабрдида ё наздикони ӯ, ошкор кардани чунин таҳсилотҳо оид ба ҳолатҳое, ки вай мехоҳад онро ниҳон дорад, ҳамчунин бо таҳдиди истифодаи зӯроварӣ нисбати ӯ ё наздикони ӯ ё бо таҳдиди несту нобуд, вайрон кардани молу мулки ғайр» [16 ].

Мафҳуми тамаъҷӯӣ, ки қонунгузор нишон додааст, дар умум аз ҷониби илмӣ ҳуқуқи ҷиноятӣ пазируфта мешавад. Бояд қайд кард, ки дар илмӣ ҳуқуқи ҷиноятӣ дигар мавқеъҳо нисбат ба масъалаи мазкур мавҷуданд. Масалан, ба тавзеҳоти қонунгузор тамаъҷӯӣ дорои нишонаҳое мебошад, ки амали онҳо натиҷаҳои хоси дигар ҷиноятҳои муқобили моликиятбударо дар бар намегирад. Бахусус оиди оне, ки тамаъҷӯӣ ҳамчун тасарруф маҳсуб меёбад? Дар ин бобат, қисман, Матишевская П.С. [8, с. 240], Емелянов В.П. [5, с. 112] ва дигарон ишора кардаанд. Ҳамин тавр, дуздӣ, роҳзанӣ, қаллобӣ ва тамаъҷӯӣ намудҳои тасарруф шинохта шудаанд, гарчанд баъзе аз олимон (масалан, Гертсензон А.А., Гелфер А.А., Сперанский И.А., Кригер А., Владимиров В.А., Ляпунов Ю.И., Емелянов В.П. ва дигарон) тамаъҷӯиро ба намудҳои тасарруф марбут намедонанд.

Агар ба кодекси КҶ моделӣ назар кунем, тамаъҷӯӣ дар байни тасарруфи моликият ҷой гирифтааст. Чун дар бораи намуди тасарруф будани тамаъҷӯӣ ақидаи ягона то айни замон мавҷуд набуда, дар бархе аз давлатҳои ИДМ ин номуайянӣ инъикос ёфтааст.

Кодекси ҷиноятии моделиро таҳлил намуда, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки барои давлатҳои аъзои ИДМ, мафҳуми дақиқ дар бораи тамаъҷӯӣ пешбинӣ нашудааст, аммо ба тарзи дигар тавзеҳ додааст, ки тамаъҷӯӣ ҳамчун тасарруф шинохта намешавад [9, с. 122].

Лобачевский И.Л. қайд менамояд, ки дар бисёре аз давлатҳои ИДМ тамаъҷӯӣ бо таври зӯроварӣ азхудкунии молу мулки ғайр дониста мешавад [7, с. 18].

Тибқи моддаи 182 КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон тамаъҷӯӣ ҳамчун тасарруф шинохта нашуда, таҳти истилоҳи «шахсони наздики ҷабрдида», танҳо хешовандони наздик дохил шудааст [12]. Бояд қайд кард, ки ба шахсони наздики ҷабрдида метавонанд, шахсони ба ҷабрдида хешовандони надошта ҳам дохил мешаванд.

Мафҳуми нисбатан муфассали тамаъҷӯиро метавон дар КҶ Ҷумҳурии Белоруссия дарёфт намуд, ки қонунгузории ҷиноятии Белоруссия тамаъҷӯиро ба навъҳои тасарруф ишора кардааст. Бояд қайд кард, ки мувофиқи КҶ Ҷумҳурии Белоруссия тамаъҷӯӣ ҳамчун амали ғаразнок ва тасарруф дониста мешавад [14].

КҶ Ҷумҳурии Гурҷистон мафҳуми тамаъҷӯиро дар боби «Ҷиноятҳо муқобили моликият» ҷой додааст, ки дар он «ба сифати предмети тамаъҷӯӣ

манфиати молу мулкӣ, ҳуқуқ ба молу мулк ва молу мулки бегона дониста мешаванд, аммо аз амали тамаъҷӯён, шахсони наздики ҷабрдида берун аз муҳофизати қонунгузории ҷиноятӣ мемонанд [13, с. 217-218]. Аз таҳлили қонунгузории ҷиноятии Гурҷистон бармеояд, ки тамаъҷӯӣ ҳамчун тасарруф шинохта нашуда, новобаста аз он ки қонунгузор мафҳуми мазкурро дар байни ҷиноятҳои қаллобӣ, азонихудкунӣ ё исрофкорӣ пешбинӣ кардааст.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Украина мафҳуми тамаъҷӯиро дар боби «Ҷиноятҳо муқобили моликият» ҷойгир намудааст [6]. Ба ақидаи мо мавқеи мазкур баҳсталаб мебошад, зеро кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Украина, тамаъҷӯиро ҳамчун намуди мустақили ҷиноятҳои ғаразнок муқобили моликият муқарар карда, аввалан тамаъҷӯиро ҳамчун тасарруф пешбинӣ накардааст, сониян, ҷиноятҳои ғаразнок муқобили моликиятро ба азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ва тамаъҷӯӣ ҷудо мекунад.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба мисли Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Белоруссия мафҳуми тамаъҷӯиро дар боби 10 «Тасарруфи моликияти бегона» пешбинӣ намудааст. Қонунгузории ҷиноятии Ӯзбекистон ба сифати предмети тамаъҷӯӣ ҳуқуқ ба молу мулк, кирдорҳои хусусияти молу мулкидошта, манфиатҳои молу мулкиро пешбинӣ кардааст [15, с. 188].

Таҳдид ҳангоми тамаъҷӯӣ мутобиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон:

- истифодаи таҳдид ва зӯроварӣ, бевосита нисбати шахсияти ҷабрдида ё ин ки нисбати шахсони наздики вай;
- таҳдиди несту нобуд кардани молу мулк ё вайрон кардани молу мулки ғайр;
- таҳдиди ифшои маълумотҳои беобрӯкунанда.

Тамаъҷӯӣ мутобиқи КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба навъи тасарруф дохил мешавад. Дар асоси талаботи моддаи 250 КҶ ҶТ аз лаҳзаи талаби молу мулки ғайр ё ҳуқуқ ба молу мулк ё содир кардани дигар кирдорҳои хусусияти молу мулкидошта ҷиноят хотимаёфта эътироф мешавад.

Дар асоси таҳлилҳои дар боло қайд гардида, метавон чунин хулоса баровард:

- мафҳуми тамаъҷӯе, ки дар қонунгузории ҷиноятии ИДМ пешбинӣ шудааст, мафҳуми ҳуқуқӣ – ҷиноятии тамаъҷӯиро нопурра дар бар мегирад ва ихтисоршуда ба шумор меравад;
- зарур аст, ки дар асоси мафҳуми тамаъҷӯӣ ҳангоми муайян кардани мӯҳтавои нишонаҳои алоҳидаи он ҳамчун ғайриқонунӣ, бебозгашт гирифтани манфиати молу мулк ба роҳӣ маҷбурсозӣ, алоқаманд бо тахдид ва зӯроварӣ фаҳмида шавад.

Ҳамин тавр, бо мақсади ворид намудани мафҳуми ягонаи тамаъҷӯӣ ба КҶ ҶТ пешниҳод менамоем, ки тамаъҷӯӣ дар мазмуни зерин ифода ёбад: Тамаъҷӯӣ, яъне талаби додани молу мулки ғайр ё ҳуқуқ ба молу мулк ё содир намудани дигар кирдори дорои хусусияти молу мулкидошта бо таҳдиди ифшои маълумотҳои беобрӯкунанда (бадномкунанда) нисбати ҷабрдида ё наздикони ӯ, ошкор кардани чунин маълумотҳо оид ба ҳолатҳое, ки вай мехоҳад онро ниҳон дорад, ҳамчунин бо таҳдиди истифодаи зӯроварӣ нисбати ӯ ё наздикони ӯ ё бо

таҳдиди несту нобуд, вайрон кардани молу мулки ғайр, ҳамчунин ташкил кардани шароите, ки ҷабрдида маҷбур мешавад молу мулки худро бо мақсади пешгирӣ аз натиҷаҳои зарароварӣ нисбати худ ва наздиконаш пешниҳод кунад.

**Адабиёт:**


1. Большой юридический словарь / Под ред. А.Я. Сухарева, В.Д. Зорькина, В.Е. Крутских. – М., 1997.
2. Борзенков Г.Н. Усиление ответственности за вымогательство // Вестн. Моск. ун-та. Сер. 11: Право. - 1990. - № 2. - С. 16; Курс уголовного права. Т. 3. Особенная часть / Под ред. Г.Н. Борзенкова, В.С. Комиссарова. – М., 2002.
3. Владимиров В.А., Ляпунов Ю.И. Социалистическая собственность под охраной закона. – М.: Юрид. лит., 1979. - С. 95-97; Тенчов Э.С., Корягина О.В. Вымогательство. Текст лекций. - Иваново: Иван. гос. ун-т, 1998.
4. Гуров А.И. Профессиональная преступность: прошлое и современность. – М., 1990.
5. Емельянов В.П. Квалификация преступлений против собственности: учеб. пособие. - Харьков : Рубикон, 1996. – 112 с.
6. Кримиальний кодекс Украины (Редакция 01.09.2001, 13, дополнениями включено до 01.12.2005 г.)
7. Лобачевский И.Л. Развитие уголовной ответственности за вымогательство в России и за рубежом. – М., 2003.
8. Матышевский П.С. Преступления против собственности и смежные с ними преступления. – Киев: Юринком, 1996. – 240 с.
9. Модельный уголовный кодекс для государств-участников СНГ // Правоведение. – 1996. – № 1.
10. Раджабов К.Д. Вымогательство по уголовному законодательству зарубежных стран // Правовая жизнь. Научно-информационный журнал. – 2017. – № 3 (19).
11. Раджабов К.Д. Развитие понятия вымогательства в уголовном праве // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/7.
12. Уголовный кодекс Азербайджанской Республики. URL: http: // www. crime. vl.ru/ index. phpp =1318&more=1&c=&tb=1&pb=1 (Дата обращения: 06.12. 2018 г.).
13. Уголовный кодекс Грузии / науч. ред. З.К. Бигва; вступ. ст. В.И. Михайлова; обзорн. ст. О. Гамкрелидзе; пер. с груз. И. Мериджанашвили. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2002.
14. Уголовный кодекс Республики Беларусь (с изменениями и дополнениями по состоянию на сентябрь 2016 года). URL: http:// levonevski.net/ Provo /norm2013/num55/d55595/page4. html (Дата обращения: 06.12.2018) г.).
15. Уголовный кодекс Республики Узбекистан. – СПб, 2001.
16. Уголовный кодекс РТ от 1 сентября 1998 года. Национальный центр законодательства при Президенте РТ // URL: http://mmk.tj (дата обращения: 06.12.2018 г.).
17. Уголовный кодекс Таджикской ССР. – Душанбе, 1961.
18. Уголовный кодекс Таджикской ССР. – Сталинабад, 1935.

# ТАТБИҚИ ПАДИДАИ ТАҲЛИЛИ ТАЪСИРИ ТАНЗИМКУНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Саидзода И.Ҳ.,**
директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ.
**Тел.:** (+992) 907386658
**E-mail:** saidov.izzat@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

**Фишурда.** Дар мақола масъалаи татбиқи падидаи таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлили қонунгузории ҷумҳурӣ ба хулоса омадааст, ки таҳлили таъсири танзимкунӣ аз се марҳила иборат мебошад ва мазмуни онҳоро кушода додааст.
**Калидвожаҳо**: Татбиқ, марҳила, таҳлил, танзимкунӣ, таъсир.

# ПРИМЕНЕНИЕ ИНСТИТУТА АНАЛИЗА РЕГУЛЯТОРНОГО ВОЗДЕЙСТВИЯ В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Саидзода И.Х.,**
директор Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан, к.ю.н.
**Тел.:** (+992) 907386658
**E-mail:** saidov.izzat@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.03 – гражданское право; предпринимательсткое право; семейное право; международное частное право

**Аннотация.** В статье рассматриваются вопросы внедрения института анализа регуляторного воздействия в Республике Таджикистан. Также автор на основе правового анализа законодательства республики делает вывод, что анализ регуляторного воздействия состоит из трех этапов и подробно раскрывает их содержание.
**Ключевые слова**: Внедрение, этапы, анализ, регулирование, воздействие.

# APPLICATION OF INSTITUTE ANALYSIS OF THE INFLUENCE OF REGULATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Saidzoda I.H.,**
director of the National Legislation Center under the President of the Republic of Tajikistan, PhD in Law, Associate Professor
**Phone:** (+992) 907386658
**E-mail:** saidov.izzat@mail.ru

**Scientific specialty:** 12.00.03 – civil law; business law; family law; international private law

**Annotation.** The article deals with the issues of introduction of the institute of analysis of regulatory impact in the Republic of Tajikistan. The author also draw a conclusion on the basis of the legal analysis of the legislation of the republic that the analysis of the regulatory impact consists of three stages and detail their content
**Keywords**: Introduction, stages, analysis, regulation, impact.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар ҳар як Паёми худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ ба рушди соҳибкорӣ ҳамчун соҳаи ҳаётан муҳим таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд [4].

Бо мақсади ташкил намудани шароити мусоид барои дастгирии соҳибкорӣ ва бартараф намудани баъзе монеъаҳои маъмурӣ масъалаи татбиқи падидаи таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯи кор омад. Масъалаи мазкур аз ҷониби мақомоти марбутаи ҳокимияти давлатӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт ва бо дарназардошти таклифҳои мутахассисон Консепсияи низоми таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. [1].

Соли 2017 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар таҳрири нав бо дарназардошти консепсияи зикргардида қабул гардид, ки дар он боб бо номи «Боби 4. Хусусиятҳои банақшагирӣ, таҳия, таҳлили таъсири танзимкунии санади меъёрии ҳуқуқие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсири имконпазир дорад» [2] пешбинӣ шуд. Боби мазкур, ки аз 6 модда иборат аст, тартиби умумии гузаронидани таҳлили таъсири танзимкуниро муқаррар намудааст.

Мақсади таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян намудан ва баҳо додан ба оқибатҳои имконпазири мусбӣ ва манфии қабули лоиҳаҳои санадҳо дар асоси таҳлили мушкилиҳо, мақсади танзим ва роҳҳои ҳалли он, ҳамчунин дар лоиҳа ошкор намудани ухдадориҳо, монеаҳо ва маҳдудиятҳои барзиёд, инчунин муқаррароте, ки боиси ба вуҷуд омадани

хароҷоти беасоси шахсони воқеию ҳуқуқӣ дар соҳаи соҳибкорӣ ва низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон мегарданд, мебошад.

Таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гузаронида мешавад:

- дар асос ва баҳри иҷрои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 43 Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии «Қонунгузорӣ» №2(30), 2018 қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- бо ташаббуси таҳиякунандагон дар доираи ваколати онҳо.

Ҷанбаи дигари масъалаи мазкур принсипҳои роҳбарикунандаи таҳлили таъсири танзимкунӣ мебошад. Албатта, ҳар як падидаи ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ принсипҳои худро дорад, ки онҳо барои дуруст дарк ва татбиқ намудани меъёрҳо мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, ҳангоми мавҷуд будани холигӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ [5, с. 116].

Дар ҳамин замина дар банди 28 Консепсияи низоми таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талабот пешбинӣ шудааст, ки дар Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон қабул карда мешавад, ба ғайр аз расмиёти маъмурӣ, принсипҳои роҳбарикунандаи таҳлили таъсири танзимкунӣ муайян карда мешавад. Бинобар ин, ҳангоми таҳияи лоиҳаи Дастурамали зикргардида, амалисозии падидаи таҳлили таъсири танзимкуниро дар асоси принсипҳои зерин мувофиқи мақсад шуморидем:

- афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- қонуният;
- адолатнокӣ;
- ошкорбаёнӣ ва шаффофият;
- илмият;
- касбият;
- ба ҳисоб гирифтани афкори ҷамъиятӣ [3].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" мафҳуми таҳлили таъсири танзимкунӣ чунин дода шудааст: дар асоси далелҳои воқеӣ муайян намудани оқибатҳои мусбат ва манфии иқтисодию иҷтимоӣ ва бо дарназардошти таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои соҳибкорон ва давлат қабул намудани санади меъёрии ҳуқуқӣ.

Аз моҳияти мафҳуми мазкур бармеояд, ки дар оянда лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсири имконпазир доранд, бо тартиби махсус мавриди таҳлил қарор мегиранд.

Таҳлили таъсири танзимкунӣ тибқи меъёрҳои моддаҳои 34-38 Қонун ва Дастурамали зикргардида, гузаронида мешавад.

Ҳамчунин, аз таҳлили ҳуқуқии боби мазкур бармеояд, ки гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ давраҳои зеринро дарбар мегирад:

- огоҳонӣ дар бораи оғози таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва гузаронидани машварати оммавӣ;

- ҷойгиркунии матни лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, таҳлили таъсири танзимкунӣ ва гузаронидани машварати оммавӣ;

- тайёр намудани хулоса.

Зинаи якум. Бо мақсади таъмини ошкорбаёнӣ, шаффофият дар раванди таҳлил, муайян намудани моҳияти мушкилиҳо ва роҳҳои имконпазири ҳалли онҳо, доираи амали лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, муҳтавои масъалаи мазкур, роҳҳои имконпазири ҳалли он, ба вуҷуд наомадани хароҷоти беасос вобаста ба амалӣ намудани он, ҳамчунин бо мақсади дастрас намудани таклифҳо оид ба дигар роҳҳои имконпазири ҳалли масъалаи зикргардида, таҳиякунанда бо шахсони манфиатдор машварати оммавӣ мегузаронад.

Огоҳинома дар бораи оғ ози таҳияилоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар асоси талаботи моддаи 34-35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” ва Дастурамал тартиб дода шуда, дар Феҳристи нақшаҳо оид ба таҳияилоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷой дода мешавад.

Зинаи дуюм. Дар сурати қабул шудани қарор оид ба таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, таҳиякунанда матни лоиҳа ва таҳлили таъсири танзимкуниро омода намуда, онро дар Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир менамояд [6].

Таҳлили таъсири танзимкунӣ мувофиқи моддаҳои 36-37 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” ва Дастурамал тартиб дода шуда, ба он роҳбари воҳиди сохтории мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки масъули омода намудани лоиҳа мебошад, имзо мегузорад.

Машварати оммавӣ аз лаҳзаи ҷойгир намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Феҳристи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунӣ, оғ оз меёбад.

Муҳлати гузаронидани машваратҳои оммавӣ тибқи талаботи моддаҳои 34-36 ва 38 Қонуни зикргардида амалӣ карда мешавад.

Таҳиякунанда субъектҳои манфиатдор-ро дар хусуси оғ ози машварати оммавӣ огоҳ месозад.

Огоҳинома мувофиқи Дастурамали зикргардида тартиб дода шуда, ба субъектҳои манфиатдор дастрас карда мешавад.

Муҳлати гузаронидани машварати оммавӣ мумкин аст бо қарори таҳиякунанда тамдид карда шавад, ки дар Интернет-портали иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин бора маълумот ҷой дода мешавад. Таҳиякунанда уҳдадор аст тамоми таклифҳои пешниҳодшударо, ки дар муҳлати муқарраршуда дар иртибот бо баргузор намудани машварати оммавии лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунӣ дохил шудаанд, омӯхта, маҷмӯи таклифҳои пешниҳодшударо бо нишон додани маълумот дар бораи ба ҳисоб гирифтан ё сабаби рад намудани онҳо тартиб диҳад, ки онро роҳбари воҳиди сохтории мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки мутасаддии тайёр намудани лоиҳа мебошад, имзо мегузорад.

Аз рӯи натиҷаи машварати оммавӣ, таҳиякунанда лоиҳаи санад ва таҳлили таъсири танзимкуниро такмил медиҳад.

Агар дар натиҷаи такмили лоиҳа аз ҷониби таҳиякунанда ба он муқарраротИ нав ворид карда шавад, ки нисбати онҳо машваратҳои оммавӣ гузаронида нашудааст, лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ такроран дар портали

Интернетии иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баргузории машварати оммавӣ ҷойгир карда мешавад.

Таҳиякунанда лоиҳаи санад ва таҳлили таъсири танзимкуниро дар Интернет-портали иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир намуда, ҳамзамон онҳоро ба мақомоти ваколатдор ҷиҳати омода намудани хулоса ирсол менамояд.

Зинаи сеюм. Дар хулоса фикру мулоҳизаҳо дар хусуси аз тарафи таҳиякунанда риоя шудани тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ, ҷой доштан ё надоштани муқаррароти ҷорикунандаи уҳдадориҳои барзиёд, монеа ва маҳдудиятҳо барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва дар бахши фаъолияти соҳибкорӣ ё ба ҷорӣ намудани онҳо мусоидаткунанда, инчунин муқарраротe, ки ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар бахши фаъолияти соҳибкорӣ ва низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ба вуҷуд омадани масрафҳои беасос мегарданд, мавҷуд будан ё набудани далелҳои кофии ҳалли масъала бо тарзҳои пешниҳодшудаи танзим, дарҷ мегарданд.

Агар дар хулоса аз ҷониби таҳиякунанда риоя нашудани тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дарҷ шуда бошад, таҳиякунанда лоиҳаи санади маъёрии ҳуқуқиро такмил дода, онро такроран ба мақомоти ваколатдор ҷиҳати тартиб додани хулоса, ирсол менамояд. Хулоса на дертар аз 5 рӯзи корӣ аз рӯзи таҳия шудани он, аз тарафи мақомоти ваколатдор дар Интернет-портали иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода мешавад.

**Адабиёт:**

1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи низоми таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 18.11.2018 с., № 673 // Централизованный Банк Правовой Информации Республики Таджикистан ADLIA.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30.05.2017 с., № 1414 // Централизованный Банк Правовой Информации Республики Таджикистан ADLIA.

3. Лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи «Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Бойгонии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // http://www.president.tj/ru URL: http://www.president.tj/ru/node/16772 (рӯзи муроҷиат: 18.04.2018 с.,).

5. Саидзода И.Х. Право граждан на обращение и его реализация в РТ. – Душанбе: Империал-Групп, 2016.

## ТАРТИБИ ПЕШНИҲОДИ ДАЪВО ҲАНГОМИ АМАЛИНАМОИИ ҲАМЛУ НАҚЛИ ҲАВОИИ БОРҲО

**Салихов З.И.,**
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи байналхалқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 935021717
**E-mail:** salikhov.zafar@gmail.com

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

**Роҳбари илмӣ:** Бобозода У., номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент
**Муқарриз:** Раҷабов М.Н., номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент

**Фишурда.** Дар мақолаи мазкур оид ба маъалаҳои пешниҳод намудани давъо ва баррасии он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон равшанӣ андохта шуда, мубрамияти мавзуъ шарҳ дода мешавад. Ҳамчунин, мӯҳлати амалии даъво низ дар амалигардонии фаъолияти ҳамлу нақли борҳо ба истифода аз воситаи нақлиёти ҳавоӣ дарҷ гардидааст.

**Калидвожаҳо:** Ҳамлу нақли ҳавоӣ, даъво, Кодекси гражданӣ, Кодекси фазои ҳавоӣ.

## ПОРЯДОК ПРЕДЪЯВЛЕНИЯ ИСКОВ ПРИ ОСУЩЕСТВЛЕНИЕ ВОЗДУШНЫХ ПЕРЕВОЗОК ГРУЗОВ

**Салихов З.И.,**
старший преподаватель кафедры международного права юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 935021717
**E-mail:** salikhov.zafar@gmail.com

**Научная специальность:** 12.00.03 – гражданское право; семейное право; предпринимательское право; международное частное право

**Научный руководитель:** Бобозода У., кандидат юридических наук, доцент
**Рецензент:** Раджабов М.Н., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация.** В статье рассмотрено проблемы предъявления исков в соответствии с законодательством Республики Таджикистан, а также объяснено значимость данного вопроса. Также, показаны сроки предъявления исков при осуществлении деятельности воздушных перевозок грузов.

**Ключевые слова:** Воздушные перевозки, иск, Гражданский кодекс, Воздушный кодекс.

## THE ORDER OF BRINGING IN LAWSIUTS ON PROVIDING AIR TRANSPORTATION OF CARGO

**Salikhov Z.I.,**
Senior teacher of the Department of International Law, Faculty of Law, Tajik National University
**Phone:** (+992) 935021717
**E-mail:** salikhov.zafar@gmail.com

**Scientific specialty:** 12.00.03 – civil law; family law; business law, private international law

**Research supervisor:** Bobozoda U., Candidate of law science, Assistant professor
**Reviewer:** Rajabov M.N., candidate of law, assistant professor

**Annotation.** The article deals with the problems of bringing in lawsuits in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan, and explains the significance of this issue. In addition, there has been show the limitation of lawsuits on realization of air cargo operations.
**Keywords:** Air transportation, lawsuits, Civil Code, Air Code.

Моддаи 117 Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, ки бо талаби мусофир, борфиристанда ё боргиранда ва ҳангоми пешниҳоди санади ҳамлу нақли аз тарафи яке аз онҳо боркашон вазифадор аст, ки санади тиҷоратӣ тартиб диҳад.

Бо санади тиҷоратӣ ҳолатҳое, ки метавонанд барои масъулияти молу мулкии ҳамлу нақлдиҳанда, мусофир, борфиристанда ё боргиранда асос шаванд, тасдиқ карда мешавад.

Санади тиҷоратӣ ҳангоми додани бағоҷ ё бор барои тасдиқи ҳолатҳои зерин тартиб дода мешавад:

1) мутобиқат надоштани ном, вазн ё миқдори воҳидҳои воқеии бор бо маълумоте, ки дар санади интиқол зикр шудаанд;

2) осеб дидани (вайрон шудани) бор;

3) камомад ё осеб дидани (вайрон шудани) бағоҷ;

4) ошкор гардидани бағоҷ ё бори бе санади интиқол ё санади ҳамлу нақли бе бағоҷ ё бор.

Бинобар ин, мавҷуд набудани санади тиҷоратӣ борфиристанда ё боргирандаро аз ҳуқуқ ба пешниҳод намудани иддао ё даъво маҳрум намекунад.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 819 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон даъво ба боркашон аз ҷониби борфиристанда ҳангоми пурра ё қисман аз ҷониби

боркашон рад намудани қонеъгардонии эътироз ё аз ҷониби боркашон дар мӯҳлати сӣ рӯз нагирифтани ҷавоб пешниҳод шуданаш мумкин аст.

Судҳои иқтисодӣ вобаста ба иҷроиши сархати 2 моддаи 147 Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд даъворо бе баррасӣ монанд, агар даъвогар тартиби иддао ё дигар тартиби пешазсудии батанзимдарории баҳсро бо ҷавобгар риоя накардааст (агар аз ҷониби даъвогар нисбати боркашон иддао пешниҳод нашуда бошад).

Муҳлати даъво оид ба талаботе, ки аз шартномаи ҳамлу нақли бор бармеояд, як сол аз лаҳзае, ки бо оиннома ва кодексҳои нақлиётӣ муайян мегардад, муқаррар карда мешавад.

Барои он ки иддао бо риояи талаботи қонунгузорӣ пешниҳод шавад, он бояд бо шартҳои зерин ҷавобгӯ бошад:

- иддао бояд аз ҷониби шахсе, ки ҳуқуқ ба пешниҳоди иддаои дахлдорро дорад, пешниҳод карда шавад (яъне аз ҷониби борфиританда ё богиранда);

- иддао бояд ба боркашон, ки ваколати онро дар асоси қонунгузории амалкунанда баррасӣ карданро дорад, равона шуда бошад;

- иддао бояд ҳамаи маълумотҳои зарурӣ ва ҷамъи талаботҳоеро дошта бошад, ки имкони онро моҳиятан дар асоси Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуданро диҳад;

- ба иддао бояд ҳуҷҷатҳое замима гарданд, ки дар асоси қонунгузории нақлиётӣ тавонад ҳамчун далели талаботҳои арзшуда баромад намояд.

Дар асоси қоидаҳои моддаи 819 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон Кодекси фазои ҳавоии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин чунин меъёрҳоро вобаста ба шартномаи ҳамлу нақли ҳавоии бор муқаррар менамояд.

Мутобиқи қисми 5 моддаи 117 Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон то пешниҳоди даъво ба боркашон дар ҳолати вайрон карда шудани шартномаи ҳамлу нақли ҳавоии бор ё шартномаи ҳамлу нақли ҳавоии муросилот ба боркашон иддао пешниҳод карда мешавад.

Дар асоси қисми 2 моддаи 118 Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи пешниҳоди эътироз ва даъворо ба боркашон инҳо доранд:

1) дар сурати гум шудани бор – боргиранда ҳангоми пешниҳоди барномае, ки боркашон ба борфиристанда додааст, бо қайди фурудгоҳи нуқтаи таъиншуда дар бораи расидани (нарасидани) бор ва ҳангоми ғайриимкон будани пешниҳоди чунин барнома – санад дар бораи пардохти арзиши бор ва тасдиқномаи боркашон дар бораи фиристода шудани бор бо қайди фурудгоҳи нуқтаи таъиншуда дар бораи расидани (нарасидани) бор;

2) дар сурати камомад ё осеб дидани (вайрон шудани) бор – боргиранда ҳангоми пешниҳоди барнома ё санади тиҷоратӣ;

3) дар сурати ба таъхир афтодани расонидани бор – боргиранда ҳангоми пешниҳоди барнома.

Ҳамин тариқ, мутобиқи банди 5 қисми 2 моддаи 118 Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба пешниҳоди эътироз ва даъворо инчунин суғуртакунанда ҳангоми пешниҳоди асноди дахлдори ҳамлу нақлӣ, инчунин санадҳое, ки далелҳои баста шудани шартномаи суғурта ва пардохти ҷуброни суғуртаро тасдиқ мекунанд, дорад.

Мутаасифона, моддаи зикргардида борфиристандаро аз номгӯи шахсоне, ки ҳуқуқ ба пешниҳоди иддао ба боркашон доранд, истисно менамояд, ки он ба ақидаи мо ба банди 5 қисми 2 моддаи 118 Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин ба қисми 2 моддаи 819 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат менамояд.

Ба мақсад мувофиқ медонем, ки ба моддаи 118 Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда шавад, ки тибқи он имконияти пешниҳод намудани эътироз ва даъво ба боркашон чун аз ҷониби борқабулкунанда ва чун борфиристанда низ пешбинӣ карда шавад.

Яке аз проблемае, ки бо пешниҳоди иддао вобастагӣ дорад, ин проблемаи муайян намудани муҳлатҳо мебошад, ки бо риоя намудани онҳо иддаои мазкур бояд пешниҳод карда шаванд.

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 819 ягон намуд маҳдудиятҳоро вобаста ба муҳлати марбути пешниҳоди иддао ба боркашон муқаррар накардааст ва пешбинӣ накардааст, ки чунин маҳдудиятҳо метавонад бо оинномаҳо ва кодексҳои нақлиётӣ пешниҳод карда шаванд.

Яъне, моддаи 819 танҳо муҳлати умумии даъворо вобаста ба талаботҳое, ки аз шартномаи ҳамлу нақл бармеоянд, муайян менамояд, инчунин бевосита муҳлати сенздаҳрӯзаро барои баррасии иддао аз ҷониби боркашон, ки бо гузаштани он борфиристанда ё боргиранда (бо мавҷуд будани шартҳои тартиби пешниҳоди иддао) ҳуқуқ ба пешниҳод намудани даъворо доранд, муайян менамояд.

Вобаста ба ин, мумкин аст ба хулоса омад, ки иддао ба боркашон бояд аз ҷониби борфиристанда (боргиранда) дар ҳама ҳолатҳо дар доираи муҳлатҳои даъво бо ҳамон мақсад, ки боркашон на кам аз 30 рӯз барои баррасии иддаое, ки ба вай пешниҳод шудааст, дошта бошад, пешниҳод карда шавад.

Ба ҳар ҳол, Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мухолифатӣ бо Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, муҳлатҳои пешниҳоди иддаоро муқаррар менамояд, ки моҳиятан хусусияти муҳлатҳои гузариширо доро мебошад.

Масалан, мутобиқи моддаи 119 Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба боркашон ҳангоми ҳамлу нақли ҳавоии дохилӣ эътирозро дар давоми шаш моҳ пешниҳод кардан мумкин аст. Муҳлати мазкур ба таври зерин ҳисоб карда мешавад: дар бораи ҷуброни зарар дар сурати камомад ё осеб дидани (вайрон шудани) бор ё муросилот, инчунин дар сурати ба таъхир афтодани ҳамлу нақли онҳо – аз рӯзи супоридани бор ва дар мавриди муросилот – аз санаи тартиб додани санади тиҷоратӣ; дар бораи ҷуброни зарар дар сурати гум шудани бор – баъди даҳ рӯзи ба охир расидани муҳлати расонидан; дар бораи ҷуброни зарар дар сурати гум шудани муросилот – баъди ба охир расидани муҳлати расонидан; дар бораи ҷуброни зарар дар ҳама ҳолатҳои дигар – аз рӯзи ба вуҷуд омадани воқеае, ки боиси пешниҳоди эътироз гардидааст.

Ба ҳамин васила, мувофиқи қисми 2 моддаи 119 Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон боркашон ҳуқуқ дорад эътирозро баъди ба охир расидани муҳлати муқарраршуда, агар эътироф намояд, ки ба таъхир афтодани пешниҳоди эътироз бо сабаби узрнок ба вуҷуд омадааст, қабул кунад.

Бояд тазаккур дод, ки меъёрҳои зикргардидаи Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи борфиристанда ва боргирандаро дар фарқият аз меъёрҳои Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ҷиддӣ маҳдуд менамоянд. Бинобар ин, зарур аст, ки моддаи 119 Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи барҳам додани муҳлатҳои зикргардидаи гузаришӣ тағйир дода шавад.

Витрянский В.В. вобаста ба ин масъала қайд менамояд: «Аз ҷониби борфиристанда (боргиранда) берун аз муҳлати муқарраргардида пешниҳод кардани иддао ба он метавонад, ки танҳо он оқибатро пайдо намояд, ки нисбати ӯ метавонад хароҷотҳои судӣ равона гарданд. Оре, ин ҳолат, ҳангоми риоя гардидани тартиби пешниҳоди иддао, дар ягон маврид наметавонад ҳамчун монеа барои ҳифзи судии ҳуқуқҳои вайроншуда эътироф гардад» [3, с. 483].

Ҳамчунон вобаста ба муайян намудани мӯҳлатҳои даъво ҳангоми пешниҳод намудани даъво ба боркашонҳо, аниқтараш ҳангоми муайян намудани лаҳзаи оғози ин муҳлат низ мушкилӣ вуҷуд дорад.

Мутобиқи меъёрҳои Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон даъво ба боркашон метавонад аз ҷониби борфиристанда ё боргиранда дар ҳолати саркашии пурра ё қисмани боркашон вобаста ба қонеъгардонии иддао ё аз ҷониби боркашон нагирифтани ҷавоб дар мӯҳлати сендаҳрӯза пешниҳод карда шавад.

Муҳлати даъво вобаста ба талаботҳое, ки аз ҳамлу нақли бор бармеоянд, дар як сол аз лаҳзае, ки бо оинномаҳо ва кодексҳои нақлиётӣ муайян карда мешавад, муқаррар мегардад (қисмҳои 2 ва 3 моддаи 819 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Дар асоси моддаи 121 Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон мурури мӯҳлати даъво баъди як рӯзи аз тарафи борфиристанда ё боргиранда гирифта шудани ҷавоб дар бораи рад намудани эътироз ё қисман қонеъ гардонида шудани он ва дар сурати нагирифтани чунин ҷавоб – баъди чилу панҷ рӯзи аз тарафи боркашон гирифта шудани эътироз, агар дар шартномаи ҳамлу нақли ҳавоии бор ё шартномаи ҳамлу нақли ҳавоии муросилот муқарраротӣ дигаре пешбинӣ нашуда бошад, оғоз меёбад.

Оре, дар дигар оинномаҳо ва кодексҳои нақлиётӣ дигар мавқеъ қабул шудааст, ки тибқи он ҳисобкунии муҳлати даъво асосан аз рӯзи оғоз гардидани воқеа, ки барои пешниҳоди иддао асос мебошад, оғоз мегардад. Дар ин ҳолат ҳисобкунии лаҳзаи аввали мурури мӯҳлати даъво бо лахзаи аввали ҳисобкунии мӯҳлати иддаоӣ рост меояд [5, с.161].

Ба ақидаи Витрянский В.В. кӯшиши нигоҳ доштани тартиби қаблии муҳлати аввалияи мурури муҳлати даъво, ки ба хусусияти гузаришии муҳлатҳои иддаоӣ асос меёбад, ба баландшавии муҳими муҳлати ҳақонӣ ба ҳифзи ҳуқуқҳои вайронгардидаи борфиристанда ва боргиранда оварда мерасонад, чунки бо дарназардошти чунин мавқеъ қисми муҳлати даъво бо вақте, ки ба пешниҳод ва баррасии иддаои дахлдор ҷудо мегардад, фароногирифта мемонад [3, с. 485].

Ғайр аз ин, тарзи зикргардидаи муайян кардани лаҳзаи аввали мурури муҳлати даъво мухолифатии дигари ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад.

Масалан, Ремишевский П.В. вобаста ба ин масъала ба хулосае меояд, ки агар борфиристанда ё боргиранда дар мӯҳлати муқарраргардида бо иддао арз накунанд, мурури муҳлати даъво оғоз намегардад [4, с. 12].

Чунин ҳолат наметавонад ҳангоми муқаррар намудани қоидае, ки тибқи он ҳисобкунии муҳлати даъво аз рӯзи ба вуҷуд омадани воқеае, ки ҳамчун асос барои пешниҳод намудани иддао баромад менамояд, ба вуҷуд ояд.

Бинобар асосҳои мазкур ба мақсад мувофиқ դониста мешавад, ки ба қисми 2 моддаи 121 Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда шавад, мутобиқи он «мурури муҳлати даъво аз рӯзи ба вуҷуд омадани воқеае оғоз мегардад, ки ҳамчун асос барои пешниҳоди иддао баромад намояд».

**Адабиёт:**


1. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 11 ноябри соли 1999 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013. №977.
2. Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1998 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2016, № 1315.
3. Витрянский В.В. Договор перевозки / Витрянский В.В. – М.: Статут, 2001.
4. Гражданско-правовая ответственность перевозчика по договору воздушной перевозки: дис. … канд. Юрид. наук: 12.00.03 / Ремишевский П.В. – М., 2007.
5. Егиазаров В.А. Транспортное право. – М.: Юстицинформ, 2008.
6. Исковые заявления и претензии. Под ред. М.Ю. Тихомирова. 3-е изд., перераб. и доп. – М.: Изд-во М.Ю. Тихомирова, 2006.

# НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ КВАЛИФИКАЦИИ УБИЙСТВА, СОВЕРШЕННОЕ ПРИ ПРЕВЫШЕНИИ МЕР, НЕОБХОДИМЫХ ДЛЯ ЗАДЕРЖАНИЯ ЛИЦА, СОВЕРШИВШЕГО ПРЕСТУПЛЕНИЕ

**Сатторов Г.С.,**
доцент кафедры уголовного права и противодействие коррупции юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 907788899

**Мирзоахмедов Ф.А.,**
доцент кафедры уголовного права и противодействие коррупции юридического факультета Таджикского национального университета,
**Тел.:** (+992) 919533611
**E-mail:** mfa2@yandex.ru

**Научная специальность:** 12.00.08 – уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право

**Аннотация.** В статье изучаются некоторые вопросы квалификации убийства, совершенное при превышении мер, необходимых для задержании лица, совершившего преступление. В результате всестороннего и глубокого уголовно-правового анализа ч. 2 ст. 107 УК РТ, авторами сделаны определенные выводы, которые направлены на совершенствование уголовного законодательства об уголовной ответственности за убийство, совершенного при превышении мер, необходимых для задержании лица, совершившего преступление.

**Ключевые слова:** Преступления против жизни, уголовный закон, квалификация убийства, причинение вреда при задержании лица, совершившего преступление, превышение мер, необходимых для задержании лица, совершившего преступление.

# БАЪЗЕ МАСОИЛИ БАНДУБАСТИ ОДАМКУШӢ ДАР ҲОЛАТИ БАРОМАДАН АЗ ҲАДДИ ЧОРАҲОЕ, КИ БАРОИ ДАСТГИР КАРДАНИ ШАХСИ ҶИНОЯТ СОДИРНАМУДА ЗАРУРАНД

**Сатторов Ғ.С.,**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
**Тел.:** (+992) 907788899

**Мирзоахмедов Ф.А.,**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
**Тел.:** (+992) 919533611
**E-mail:** mfa2@yandex.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**Фишурда.** Дар мақола зери омӯзиш баъзе масоили бандубасти одамкушӣ дар ҳолати баромадан аз ҳадди чораҳое, ки барои дастгир кардани шахси ҷиноят содирнамуда заруранд, қарор дода шудаанд. Дар натиҷаи таҳлили ҷуқур ва ҳаматарафаи қ. 2 м. 107 КҶ ҶТ, аз тарафи муаллифон хулосаҳои муайян пешбинӣ карда шудаанд, ки онҳо ба такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ оиди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои одамкушӣ дар ҳолати баромадан аз ҳадди чораҳое, ки барои дастгир кардани шахси ҷиноят содирнамуда заруранд, равона шудаанд.

**Калидвожаҳо:** Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт, қонуни ҷиноятӣ, бандубасти одамкушӣ, расонидани зарар ҳангоми дастгир кардани шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, баромадан аз ҳадди чораҳои зарурӣ барои дастгир кардани шахси ҷиноят содирнамуда.

## SOME QUESTIONS OF THE QUALIFICATION OF THE KILLING MADE IN EXCEEDING THE MEASURES REQUIRED TO RETAIN A PERSON WHO MADE A CRIME

**Sattorov G.S.,**
b) имущества, оборудования или других средств, использовавшихся или предназначавшихся для использования при совершении преступлений, охватываемых настоящей Конвенцией. В ч. 3 ст. 12 указано, что если доходы от преступлений были превращены, частично или полностью, в другое имущество, то меры, указанные в настоящей статье, применяются в отношении такого имущества.

Уголовный кодекс Республики Таджикистан предусматривает возможность применения в отдельных случаях мер уголовно-правового воздействия в виде специальной конфискации, которая позволяет обеспечить конфискацию имущества, полученного преступным путем и переданного осужденным третьим лицам. Но данное положение УК Республики Таджикистан не распространяется на организацию незаконной миграции. Также не предусмотрено правовых оснований для изъятия имущества, переданного лицами совершивших соответствующие преступления третьим лицам. Следует отметит, что проблемным вопросом в данном аспекте, является установление в санкции ч. 2 ст. $335^1$ и 2 ст. $335^2$ УК Республики Таджикистан дополнительного наказания в виде конфискации имущества. Поскольку ст. 12 Конвенции ООН устанавливает обязательства конфисковать преступные доходы от незаконной миграции. Применение специальной конфискации предоставит широкие возможности для эффективного извлечения таких средств, в том числе и переданных третьим лицам, а обязанность доказывать их получения незаконным

путем обеспечит отсутствие риска непропорционального вмешательства в право на мирное владение имуществом как одного из основных прав человека.

Таким образом, исследование международно-правовых обязательств государства в сфере криминализации незаконной миграции позволил установить, что уголовное законодательство Республики Таджикистана еще не в полной мере им соответствует. В связи с чем, необходимо приводить в соответствие уголовно-правовые запреты, определённые в ст., ст. 335[1], 335[2] УК Республики Таджикистан международным обязательствам в этой сфере и при необходимости осуществлять мероприятия по дополнительной криминализации отдельных общественно-опасных деяний с целью обеспечения действенной защиты порядке осуществления миграционных процессов.

**Литература:**

1. Соглашения о сотрудничестве государств-участников Содружества Независимых Государств в борьбе с незаконной миграцией от 6 марта 1998 года // Постоянное представительство Таджикистана при СНГ. URL http://www.cis.minsk.by/page.php?id=3278 (дата обращения: 22.01.2019).

2. Конвенция Организации Объединенных Наций против транснациональной организованной преступности Резолюция №55/25 Генеральной Асамблей ООН. [Електронний ресурс]. – Режим доступа: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/orgcrime.shtml.

3. Протокол против незаконного ввоза мигрантов по суше, морю и воздуху, дополняющий Конвенцию Организации Объединенных Наций против транснациональной организованной преступности: Резолюция 55/25 Генеральной Асамблеи ООН. [Електронний ресурс]. – Режим доступа: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/protocol2.shtml.

4. Конвенция ООН о статус беженцев. Принята 28 июля 1953 года Конференцией полномочных представителей о статусе беженцев и апатридов, созванной в соответствии с резолюцией 429(V) Генеральной Ассамблеи ООН от 14 декабря 1950 года. Вступила в силу 22 апреля 1954 года. [Електронний ресурс]. – Режим доступу: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/refugees.shtml.

5. Закон Республики Таджикистан «О правовом статусе иностранных граждан и лиц без гражданства» от 2 января 2019. Электронный ресурс http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=44

6. Закон Республики Таджикистан «О миграции» от 11 декабря 1999 . Электронный ресурс http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=65

# РОБИТАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО СОЗМОНИ МИЛЛАЛИ МУТТАҲИД: ИНКИШОФ ВА ДУРНАМО

**Хуҷамардова М.Т.,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқии факултети ҳуқуқшиноси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 985600678
**E-mail:** M.Khujamardova@gmail.com

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.10 – ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи аврупоӣ

**Роҳбари илмӣ**: Раҳмон Д.С., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Муқарриз**: Раҷабов М., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда.** Дар мақолаи мазкур масъалаи робитаҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СММ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Тоҷикистон бо як қатор муассисаҳои махсусгардонидашудаи СММ ба монанди ЮНЕСКО, ЮНИСЕФ, Барномаи рушди СММ, Барномаи Умумиҷаҳонии Озуқавории СММ ва амсоли инҳо ҳамкориҳои густурда дорад.

**Калидвожаҳо**: Ҳамкориҳои байналмилалӣ, робитаҳои дуҷониба, ҳуқуқи инсон, СММ, ҳимоя, оиннома, эъломия, созмон, созишнома, сохтор.

# СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ОРГАНИЗАЦИИ ОБЪЕДИНЕННЫХ НАЦИИ: РАЗВИТИЯ И ПЕРСПЕКТИВЫ

**Худжамардова М.Т**.,
ассистент кафедры международного право юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 985600678
**E-mail:** M.Khujamardova@gmail.com

**Научная специальность:** 12.00.10. – международное право; европейское право

**Научный руководитель**: Рахмон Д.С., кандидат юридических наук, доцент
**Рецензент**: Раджабов М., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация**. В данной статье проанализированы вопросы двухсторонних отношений Республики Таджикистан с ООН. Таджикистан стал сотрудничать с рядом специализированными учреждениями ООН как: ЮНИСЕФ, ЮНЕСКО, Программа Развития ООН, Международная Праграмма Продовольствии ООН и так далее.

**Ключевые слова**: Международное сотрудничество, двухсторонные отношение, права человека, ООН, защита, устав, декларация, организация, соглашение, структура.

## THE COORPARATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH THE UNITED NATIONS: DEVELOPMENT AND PROSPECTS

**Khujamardova M.T.,**
assistant of the Department of the International Law Faculty of the Tajik National University
**Phone:** (+992) 985600678
**E-mail:** M.Khujamardova@gmail.com

**Scientific specialty:** 12.00.10 – international law; European law

**Research supervisor**: Rahmon D.S., Candidate of Legal Sciences, dotsent
**Reviewer:** Rajabov M., Candidate of Legal Sciences, dotsent

**Annotation.** This article analyzes the issues of bilateral relations of the Republic of Tajikistan with the UN. Tajikistan began to cooperate with a number of specialized organs of UN such as: UNICEF, UNESCO, the United Nations Development Program, the United Nations International Food Program and so on.
**Keywords:** international cooperation, bilateral relations, human rights, UN, protection, charter, declaration, organization, agreement, structure.

Созмони Миллали Муттаҳид ташкилоти байналмилалиест, ки баъд аз анҷоми Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ 24 октябри соли 1945 баҳри пуштибонӣ ва устувории сулҳу субот дар тамоми дунё ва густариши ҳамкориҳои бисёрҷониба миёни кишварҳои пирӯз дар Ҷанги Дуюми Ҷаҳон таъсис дода шудааст. Созмони мазкур баъд аз барҳам хӯрдани Лигаи Миллатҳо ташкил ёфтааст. Ҳангоми нав ташкил шудани созмони мазкур дар он 50 давлат аъзо буд [7]. Аз соли 1946 то соли 2002 140 давлат ба узвияти созмон пазируфта шуданд. Айни ҳол дар созмон 193 давлати ҷаҳон аъзо мебошанд. Созмони мазкур бо баробари ба фаъолият шурӯъ намудан то инҷониб дар самти фаъолияти кории худ ба дастовардҳои зиёди байналмилалӣ ноил гаштааст. Бинои дафтари кории он дар шаҳри Ню-Йорки ИМА ҷойгир аст.

СММ конфронсу форумҳо мегузаронад, ки дар он ҳаллу фасли масъалаҳои байналмилалӣ муҳокима карда мешаванд. Дар созмон 6 забони расмӣ аз қабили забони англисӣ, русӣ, фаронсавӣ, чинӣ, испанӣ ва арабӣ истифода мешаванд [8].

**Тоҷикистон ва СММ.** 29 январи соли 1992 дар раванди сессияи Шӯрои Амният ва резолютсияи АссамблеяиГенералӣ таҳти №46, қарор оид ба дохил шудани Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи СММ қабул гардид ва 2 марти соли 1992 ин қарор эътибор пайдо намуд. Баробари аъзо шудан ба ин созмони бонуфузи ҷаҳонӣ Тоҷикистон бо якчанд мақомоту идораҳои он ҳамкориҳои

гуногунҷабҳаи худро оғоз кард. Дар ҳоли ҳозир Тоҷикистон дар самтҳои таъмини сулҳу субот ва оромии умумибашарӣ, мубориза бар зидди таҳдиду нобасомониҳои имрӯза ва амнияти миллӣ, ҳифзи муҳити зист, рушди устуворонаи ҷомеа ва захираҳои обӣ дар доираи СММ ҳамкориҳои худро идома дода истодааст. Бо ин мақсад ҳамкориҳои мутақобилаи худро бо созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ба таври судманд ба роҳ монда, аксарияти санадҳои дар доираи ин созмонҳо қабулгардидаро ратификатсия намудааст [4; 6].

Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ барои татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд имконияти воқеӣ пайдо намуд. Аз ҷумла дар Конститутсия инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эълон гардид.

Истилоҳи ҳуқуқи инсон дар Оинномаи СММ зиёда аз 7 маротиба зикр гардидааст, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсонро мақсади асосӣ ва роҳбарикунандаи принсипи кории СММ медонад. Дар соли 1948 Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон масъалаҳои ҳуқуқи инсонро дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ ҷо намуд ва СММ то инҷониб дар асоси ҳуҷҷатҳои расмӣ роҷеъ ба ин масъала фаъолона кор карда истодааст. Ин ҳуҷҷат дар якҷоягӣ бо ду ҳуҷҷати расмии дигар – Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ Билл оид ба ҳуқуқҳои инсонро ташкил медиҳад. Дар созмон Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон фаъолият мекунад, ки ҳамеша оид ба вазъияти ҳуқуқҳои инсон дар ҷаҳон назорат бурда, ҳатто ҳуқуқ дорад, ки доир ба вазъияти мавҷудбуда тафтишот барад, дар охир ба СММ ҳисобот пешниҳод намояд [9].

Мақсади асосии Тоҷикистон ҳангоми шомил гардидан ба ин созмон, устувор намудани сулҳу субот ва оромӣ дар кишвар ва ҷомеаи ҷаҳонӣ буд.

Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии давлатӣ, Ҳукумат ва Президенти мамлакат ба масъалаҳои беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ, махсусан ба баробарии ҳуқуқи зану мард диққати махсус зоҳир менамояд ва дар робита ба ин Ҳукумати ҷумҳурӣ барои беҳтар намудани сатҳи иҷтимоии занон механизми муайяни сиёсиро сохта баромад. Бояд гуфт, ки Тоҷикистон ҳамкориҳои худро бо СММ оид ба масъалаҳои занон дар ин самт амалӣ менамояд. СММ оид бамасъалаҳои баробарии гендерии зану мард ва густариши ҳуқуқу озодӣ ва имкониятҳои занон дар самти босуръат пеш бурдани раванди таъмини эҳтиёҷоти занон ва духарони тамоми сайёра фаъолият менамояд [10]. Бевосита дар банди дуюми моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст «Мардон ва занон баробарҳуқуқанд» [1].

Яке аз ташаббусҳои муҳимтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон ин эълон гардидани соли 2003 ҳамчун соли Оби тоза мебошад, ки аз ҷониби СММ дастгирӣ ёфтааст. Ташаббуси мазкур аввалин маротиба аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сессияи 54-уми Ассамблеяи Генералии СММ 1-уми октябри соли 1999 ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пешниҳод гардид ва 20-уми сентябри соли 2000 сессияи 55-уми Ассамблеяи Генералии СММ соли 2003-ро ҳамчун соли «Оби тоза» дар тамоми дунё эълон намуд. Ин ташаббус минбаъд низ идома ёфта, солҳои 2005-2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт»

эълон гардид. Соли 2013 бошад ҳамчун «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» эълон карда шуд. Бо мақсади иштирок дар чорабинии СММ оид ба даҳсолаи байналмилалӣ амал «Об барои рушди устувор», Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 20-уми марти соли 2018 ба шаҳри Ню-Йорки ИМА сафари корӣ анҷом дода, доир ба масъалаҳои об ва танқисии ҷомеаи ҷаҳони аз оби ошомиданӣ ибрози ақида намуд. Дар чорабинии мазкур СММ ва давлатҳои аъзои он ин иқдоми пешгирифтаи Тоҷикистонро пазируфта, солҳои 2018-2028–ро ҳамчун даҳсолаи нави байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» қабул карданд, ки ин пешниҳод аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шуд [5].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қисми ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ аз оқибатҳои экологии дар сайёра бавуҷудоянда барканор набуда, бо як қатор созмону ташкилотҳои вобаста ба ҳифзи муҳити зист ҳамкорӣ дорад. СММ барои рушд ёфтани фаъолияти ҳифзкунандаи табиии давлат дар сатҳи байналмилалӣ дорои низоми мақомоте мебошад, ки фаъолияти онҳо ба ҳалли масоили мазкур алоқамандӣ дорад. Дар назди Ассамблеяи Генералии СММ Кумитаи илмӣ оид ба амали радиатсияи атомӣ, Кумита оид ба истифода кардани фазои кайҳонӣ бо мақсадҳои осоишта ва амсоли инҳо вуҷуд доранд. Яке аз мақомоти дигари СММ ин Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки яке мақсадҳои он ҳамоҳангсозии ҳамкории давлатҳо дар соҳаи ҳифзи табиат мебошад [2].

ЮНЕСКО – зерсохтори СММ оид ба масъалаҳои илм, маориф ва фарҳанг мебошад, ки баъд аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ 16 ноябри соли 1945 дар конфронси Лондон ташкил шуда, барои мустаҳкамии пояи сулҳ дар тафаккури инсон амал мекунад. Дафтари кории он дар шаҳри Парижи Франсия ҷойгир буда, Дабири Кулли ЮНЕСКО Ирина Бокова мебошад. Дар зерсохтори мазкур 193 давлати ҷаҳонӣ аъзо мебошад. Ҳайати ЮНЕСКО аз 3 қисм иборат аст:

- Конфронси Генералии давлатҳои аъзо – мақомоти олии идоракунии ЮНЕСКО ба ҳисоб рафта, дар 2 сол як маротиба ҷамъ мешаванд.
- Шӯрои иҷрокунанда – дар ҳайати худ 58 намояндаи давлатҳои аъзоро дорад, ҷаласаи онҳо дар 1 сол ду маротиба баргузор мегардад.
- Котибот – мақомоти иҷрокунандаи ташкилот ба ҳисоб меравад. Бо роҳбарии Дабири Кулл, ки ба муҳлати 6 сол интихоб мешавад, котибот баҳри татбиқи барномаҳое, ки аз тарафи давлатҳои аъзо қабул шудааст, машғул аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 апрели соли 1993 ба узвияти ЮНЕСКО пазируфта шуда, худи ҳамон сол Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ЮНЕСКО дар Вазорати корҳои хориҷӣ таъсис дода шуд.

Аз рӯзҳои аввали шомил шудан ба ЮНЕСКО, дар пешрафти ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистон як қатор дастовардҳо ба назар мерасад, аз ҷумла: пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе бо ҷоизаи ЮНЕСКО «Шаҳри сулҳ» барои солҳои 2002-2003 сарфароз гардид; мусиқии классикии «Шашмақом» 11 ноябри соли 2003 шоҳкории мероси шифоҳӣ ва ғайримоддии инсоният эътироф гардид. Дар Тоҷикистон ҳамасола 12 май ҳамчун Рӯзи Шашмақом ҷашн гирифта мешавад; дар доираи барномаи ЮНЕСКО оид ба муколамаи байнифарҳангӣ дар Осиёи Марказӣ моҳи июни соли 2003 дар Душанбе Конфронси байналмилалии ЮНЕСКО «Нақши зан дар муколамаи байнифарҳангӣ дар Осиёи Марказӣ» баргузор гардид; яке аз воқеаҳои муҳим дар

таърихи муносибатҳои дуҷониба, ин ташриф овардани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба қароргоҳи ЮНЕСКО дар шаҳри Париж, дар давраи баргузории 33-юмин Конфронси Генералии ЮНЕСКО 10 октябри соли 2005 мебошад, ки дар чараёни он Рӯзи фарҳанги Тоҷикистон дар ЮНЕСКО бо иштироки васеи намояндагони санъати тоҷик баргузор шуд; дар чараёни кори Ҷаласаи 34-уми Конфронси Генералии ЮНЕСКО, ки октябри соли 2007 дар шаҳри Париж доир шуд, дар натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст, узви Кумитаи байниҳукуматии ЮНЕСКО оид ба иттилоот ва коммуникатсия интихоб гардид; 17 сентябри соли 2008 дар қароргоҳи ЮНЕСКО дар шаҳри Париж маросими супоридани унвони фахрии ҳунарманди сулҳи ЮНЕСКО ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Амриддин Аминов баргузор гардид; натиҷаи мусбати ҳамкориҳои мутақобила дохил кардани 1150-солагии Абуабдулло Рӯдакӣ ба Феҳристи ҷашнвораҳои ЮНЕСКО мебошад; пешниҳоди дигари Тоҷикистон дар хусуси ҷашнгирии 100-солагии зодрӯзи Мирзо Турсунзода мебошад, ки моҳи марти соли 2009 аз ҷониби Котиботи Созмон мусбат пазируфта шуд; дар рафти кори Ҷаласаи 34-уми Кумитаи мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО 31 июли соли 2010 аввалин ёдгории таърихии Тоҷикистон «Саразм», Кофирқалъаи қадим, мадрасаи Хоҷа Машҳад, шаҳраки Панҷакенти қадим, шаҳраки Ҳулбук, дайри буддоии Аҷинатеппа, шаҳркадаи Тахти Сангин, қалъаи Ҳисор, шаҳраки Бунҷикат, шаҳри Шаҳристони қадим – Қаҳқаҳа ва як қатор қалъаҳо бо қарори ЮНЕСКО ба Рӯйхати муҷассамаҳои Мероси фарҳангии умумиҷаҳонӣ ворид карда шуданд; инчунин Боғи миллии Тоҷикистон 26 июни соли 2013 ба феҳристи Мероси умумиҷаҳонӣ ворид гардид; дигар воқеаи муҳимми муносибатҳои дуҷониба ин ташрифи Дабири Кулли ЮНЕСКО хонум Ирина Бикова ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 20-22 августи соли 2013 ҷиҳати иштирок дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об, ки 20-21 августи соли 2013 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, ба шумор меравад. Дар рафти сафари худ хонум Бикова Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо медали ҷашнии «60-солагии ЮНЕСКО» мукофотонид [11].

Дар санаи 17-уми августи соли 2010 Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Конвенсияи ЮНЕСКО оид ба ҳифзи мероси фарҳанги ғайримоддӣ гашт. Тоҷикистон яке аз кишварҳои мутамаддини ҷаҳон буда, дорои фарҳанги ғании моддиву ғайримоддӣ мебошад. Соли 2012 «Барномаи ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии халқи тоҷик барои солҳои 2013-2020» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади омӯзиш, ҳифзу эҳё ва дастгирию густариши фарҳанги мардум ба тасвиб расидааст.

Боиси ифтихор аст, ки бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъзеи кишварҳои дигар соли 2010 тибқи қатъномаи махсуси Созмони Миллали Муттаҳид ҷашни фархундаи Наврӯз мақоми байналмилалиро соҳиб шуд. Инчунин дар феҳристи репрезентативии ЮНЕСКО сабт гаштани намунаҳои беҳтарини мероси фарҳанги ғайримоддии тоҷикон яке аз самтҳои дигари фаъолияти сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар феҳристи мазкур то кунун се номинатсияи тоҷикон: «Шашмақом» (соли 2008, ҳамроҳ бо Ӯзбекистон ), «Оши Палав ҳамчун хӯроки анъанавӣ ва фазои

иҷтимоию фарҳангии он дар Тоҷикистон» (2016) ва «Наврӯз» (2016, ҳамроҳ бо Афғонистон, Эрон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, Ироқ, Покистон, Туркия, Туркманистон, ва Ҳиндустон) сабт шудаанд [3].

Инчунин СММ ва зерсохторҳои он ба мисли ЮНИСЕФ (Фонди байналхалқии СММ оид ба кӯдакон), Барномаи Рушди СММ, Барномаи Умумиҷаҳонии Озуқавории СММ ва амсоли инҳо дар Тоҷикистон ҳамаҷониба кор ва фаъолият намуда, дар ҳама гуна вазъият ёрии таъҷилии худро мерасонанд [10].

Хулоса, дар муддати кӯтоҳи узвият ба СММ, Тоҷикистон тавонист марҳилаҳои гуногуни муайяни муносибатҳои мутақобиларо бо давлатҳои аъзои СММ дар якҷоягӣ паси сар намояд.

**Адабиёт**:


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994. – Душанбе, 2016;
2. Международное публичное право. Учебник. / Под ред. К.А. Бакяшева. – М.: ПРОСПЕКТ, 1998.
3. Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / Д. Раҳимов, Ш. Комилзода. – Душанбе: Эр-граф, 2017.
4. Рахмон Д.С., Саъдизода Дж., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография. – Душанбе: ТАЙАРОН, 2018. – 176 с.
5. Резолюция ООН о Международном десятилетии действий «Вода для устойчивого развития», 2018-2028 годы, 25 ноябрь 2016. Манбаи дастрасӣ: www.tnu.tj/index.php/ru/voda-dlya-ustoychivigo-razvitiya-2018-2028-gody
6. Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Баҳмандрӯд, 2016. – 164 с.
7. Ҳуқуқи байналхалқӣ. Китоби дарсӣ / Муҳаррири масъул, профессор Менглиев Ш.М. – Душанбе, 2010. – 530 с.
8. https://ru.wikipedia.org/wikiООН
9. http://www.un.org/ru/sections/what-we-do/protect-human-rights
10. http://mfa.tj/?l=ru&cat=34&art=212
11. https://tg.m.wikipedia.org/wiki/ЮНЕСКО

# ИСТИФОДАИ НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТИИ ДАВЛАТҲОИ ПАСОШӮРАВӢ

**Абдуллоев П.С.,**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 900555167
**E-mail:** 1986_parviz.a@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.09 – мурофиаи ҷиноятӣ

**Фишурда.** Дар мақолаи мазкур масъалаҳои мубрами истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар ҷараёни исботнамоии парвандаи ҷиноятӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар он унсурҳои исботнамоӣ, махсусан нақши он дар мурофиаи судӣ таҳлил карда шудааст. Дар мақола таҳлили қонунгузории давлатҳои хориҷӣ низ анҷом ёфтааст.

**Калидвожаҳо:** Мурофиаи ҷиноятӣ, далел, исботнамоӣ, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.

# ИСПОЛЬЗОВАНИЕ РЕЗУЛЬТАТОВ ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В УГОЛОВНОМ ПРОЦЕССЕ ПОСТСОВЕТСКИХ СТРАН

**Абдуллоев П.С.,**
доцент кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского национального университет
**Тел.:** (+992) 900555167
**E-mail:** 1986_parviz.a@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.09 – уголовный процесс

**Аннотация.** В статье рассматриваются актуальные правовые вопросы, связанные с использованием результатов оперативно-розыскной деятельности в процессе доказывания по уголовному делу. Анализируются признаки доказательств, в частности их способность служить назначению уголовного судопроизводства, а также то, что законодатель допускает в качестве доказательств. В статье дается анализ зарубежного законодательства.

**Ключевые слова:** Уголовный процесс, доказательства, доказывания, оперативно-розыскная деятельность, формирования доказательства.

# THE VALUE OF THE RESULTS OF OPERATIONAL ACTIVITIES IN THE PROCESS OF PROOF IN A CRIMINAL CASE

**Abdulloev P.S.,**
dotsent of the Department of Judicial Law and Prosecutorial Supervision of the Law Faculty of the Tajik National University
**Phone:** (+992) 900555167
**E-mail:** 1986_parviz.a@mail.ru

**Annotation:** The article discusses topical legal issues related to using the results of operational and investigative activities in the process of proving a criminal case. Analyzes the characteristics of evidence of proof, in particular their ability to serve the purpose of criminal proceedings as well as by what the legislator admits as evidence. This article provides an analysis of foreign legislation on these issues.

**Keywords:** Criminal procedure, evidences, records, operational and investigative activities.

Тибқи маълумотҳои расмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то 90 % ошкорнамоии ҷиноят тавассути фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ошкор мегардад [12, с. 17]. Маълумотҳое, ки тавассути фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ошкор мегарданд танҳо баъди ба парванда ҳамроҳ гардонидан онҳо метавонанд заминаи ҳалли парвандаи ҷиноятӣ гарданд. Ҳамагуна андешае, ки гӯё дар ҷараёни исботкунӣ натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ эътиборе надоранд, асоси воқеӣ надоранд. Мушкилоти ҳоизиятӣ дар раванди исботкунӣ истифодабарии маълумотҳои дар натиҷаи ФОҶ бадастовардашуда дар илми мурофиаи ҷиноятӣ аз замонҳои қадим мавриди муҳокима қарор гирифта [8, с. 196], дар марҳилаи муосир бошад, дорои аҳамияти зиёд гардидааст.

Мавҷуд набудани ҳалли ягонаи назариявии мушкилоти баррасишаванда барои коркард ва қабул намудани қонунгузорие, ки истифодабарии муваффақиятноки натиҷаҳои ФОҶ-ро дар амалия таъмин менамуд, васила намешуд [2, с. 179].

Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷумлаи фаъолиятҳое ба ҳисоб меравад, ки пеш аз ҳама зимни он бояд ҳуқуқу озодиҳои инсон риоя карда шаванд [26, с. 23-25]. Новобаста оз оне, ки фаъолияти мазкур дар таърихи давлатдории миллати тоҷик ҷой дошт ва бо ному унвонҳои гуногун мавриди корбаст қарор мегирифт [27, с. 62-63], он мавзӯи баҳси мақолаи алоҳида аст.

Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар даврони шӯравӣ чун амалӣ махфӣ, ки аҳёнан ба таври ошкоро низ сурат мегирифт аз ҷониби санадҳои идоравӣ танзим карда мешуд. Новобаста ба ин меъёрҳоеро дар қонунгузории мурофиаи ҷиноятии шӯравӣ пайдо намудан мумкин аст, ки аз фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ёдрас карда мешавад. Аммо падидаи истифодаи натиҷаҳои ФОҶ дар мурофиаи ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ нисбатан падидан нав мебошад. Зеро

баъди истиқлолиятӣ давлатӣ давлатҳои пасошӯравӣ худро ҳуқуқбунёд эълон намуда оид ба масъалаҳои муҳим қонунҳо қабул намуданд. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ чун мурофиавӣ имкониятӣ зиёди маҳдуднамоии ҳуқуқи инсонро дорад. Аз ин рӯ, қонун оид ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ қабул гардида, имконияти назорати прокурориро дар ин самт пешбинӣ намуд. Дар қонунҳо чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ муайян карда шуда масъалаи истифодаи натиҷаҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳангоми исботкунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ба вуҷуд омад.

Бори аввал имконияти истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро КМҶ ҶТ соли 2009 дар таърихи қонунгузории мурофиаи ҷиноятии ҶТ пешбинӣ намуд. Мутобиқи моддаи 84-уми он "Натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии ба даст овардашуда ба шарте далел эътироф карда мешаванд, ки бо риояи муқаррароти Кодекси мазкур ҷамъоварӣ шуда бошанд".

Дар ин замина, масъалаи мазкурро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" аз 25 марти соли 2011 дар қ. 2, моддаи 11 ба таври зерин танзим менамояд: "натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мумкин аст ба сифати асос барои оғози парвандаи ҷиноятӣ хизмат намоянд, ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ё суде (судяе), ки парвандаи ҷиноятӣ дар пешбурди ӯ қарор дорад, пешниҳод гарданд, ҳамчунин барои исботи марбут ба парвандаҳои ҷиноятӣ тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд". Зиёда аз ин ҳангоми дар парвандаи ҷиноятӣ ба сифати далелҳо истифода намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ шахсони мансабдори мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ метавонанд дар хусуси аслӣ будани онҳо, пайдоиш ва ҳолатҳои ба даст овардани ин маълумотҳо пурсиш карда шаванд (қ. 5, м. 11) [7].

Қонуни мазкур дар меъёрҳои зикргардида оид ба аҳмияти натиҷаҳо дар исботкунӣ ва баъдан ба сифати далел эътирофи натиҷаҳои ФОҶ меъёр пешбини менамояд, ки баҳснок мебошад. Чунин ҳолатро дар таҷрибаи қонунгузории дигар давлатҳои пасошӯравӣ, аз он ҷумла Федератсияи Россия мушоҳида намудан мумкин аст.

Бори нахуст дар таърихи қонунгузории мурофиавӣ – ҷиноятии Руссия КМҶ ФР аз 18 декабри соли 2001-ум, меъёрро оид ба истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ-ро муқарарр намуд. Қайд намудан лозим аст, ки КМҶ РФССР аз соли 1960-ум ин масъаларо бевосита танзим наменамуд.

Моддаи 89 КМҶ ФР муайн менамояд: «Дар раванди исботкунӣ истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ манъ карда мешавад, агар онҳо ба талаботҳои ба далелҳо пешбининамудаи Кодекси мазкур ҷавобгӯ набошанд» [21].

Аз муқаррароти моддаи 89 КМҶ ФР чунин хулосаи баръакс намудан мумкин аст, ки агар натиҷаҳои ФОҶ ба талаботҳои ба далелҳо пешбининамудаи КМҶ ФР, ҷавобгӯ бошанд, пас онҳо метавонанд, дар исботкунии парвандаҳои ҷиноятӣ ба сифати далел истифода бурда шаванд. Аммо КМҶ ФР ҷараёни истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ-ро дар парвандаҳои ҷиноятӣ муқаррар накардааст. Дар алоқамандӣ бо суханҳои гуфташуда м.89 КМҶ (ном ва мундариҷаи он) эътирозро ба вуҷуд меорад [6, с. 42]. Ҳамаи ин далели он аст, ки м.89 КМҶ ФР коркардро талаб менамояд.

Мувофиқи қ. 36.1, м. 5 КМҶ ФР зери мафҳуми натиҷаҳои ФОҶ – «маълумотҳое фаҳмида мешаванд, ки мувофиқи Қонуни федералӣ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» оид ба нишонаҳои ҷинояти тайёршаванда, содиршаванда ё содиршуда, шахсони ҷиноятро тайёркунанда, содиркунанда ё содиркарда ва аз мақомоти таҳқиқ, тафтиш ва суд пинҳонгашта, ба даст оварда шудаанд» [24].

КМҶ ҶТ мафҳуми натиҷаҳои ФОҶ-ро пешбини наменамояд аз ин рӯ, дар адабиёти ҳуқуқи оиди муайян намудани ин мафҳум ба таври зерин андеша пешниҳод карда мешавад: натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ – маводе, ки аз ҷониби шахсони масъули воҳидҳои оперативии макомоти давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» дар хусуси нишонаҳои амалҳои ғайриқонунии тайёршудаистода, содиршаванда ё содиршуда, ки қонунгузории ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст, инчунин дар бораи шахсоне, ки онро тайёр мекунанд, содир мекунанд ё содир карданд, дар бораи шахсе, ки аз мақомоти тафтишоти пешакӣ, таҳқиқ ва суд пинҳон мешаванд ё аз ҷазои ҷиноӣ саркашӣ мекунанд, ба даст оварда шудаанд [9, с. 35-41].

Масъалаи дигари муҳимро муайн намудани мафҳуми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ташкил медиҳад. Мутобиқи моддаи 1-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз 25 марти соли 2011 фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ – намуди фаъолиятест, ки ба таври ошкоро ё ғайриошкоро аз ҷониби мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар доираи салоҳияти худ бо роҳи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо мақсади ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликият, таъмини амнияти ҷамъият ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад [7].

Мафҳуми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷуӣ дар м.1 ҚФ ФР «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», аз 12.08.1995, №144-ФЗ ба таври зайл дода шудааст: «ФОҶ – намуди фаъолияте мебошад, ки ба таври ошкоро ва ғайриошкоро аз ҷониби шӯъбаҳои мақомоти давлатӣ, ки бо Қонуни мазкур ваколатдор карда шудаанд, дар ҳудуди салоҳиятҳояшон, тавассути гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, бо мақсадҳои ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликият, таъмини амнияти ҷамъият ва давлат аз таҷовузҳои ҷинояткорона, ба амал бароварда мешаванд».

Мафҳуми додашудаи ФОҶ асос барои баровардани хулоса оиди он, ки ФОҶ-ро аз амалҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ фарқ мекунанд, мебошад: аввало, ФОҶ ошкоро ва ғайриошкоро ба амал бароварда мешавад, дуюм, ФОҶ-ро субъектони махсус мегузаронанд[15], сеюм, ФОҶ дар асоси қонун «Дар бораи ФОҶ» ба амал бароварда мешавад, амалҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ бошад, дар асоси КМҶ, ва чорум бошад, салоҳиятҳои шахсони баамалбарорандаи ФОҶ тибқи қонун «Дар бораи ФОҶ» муайян карда мешаванд, на ин ки бо қонунгузории мурофиавӣ-ҷиноятӣ.

Тибқи м. 5 Қонуни федералӣ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» баҳри мақсадҳои пурра ва ҳаматарафа таъмин намудани баррасии парванда, мақомоти бамалбарорандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ уҳдадор мешавад,

ки тибқи талаби суд ба ӯ хуҷҷатҳои оперативӣ-хизматиро, ки дар худ дорои маълумотҳо оид ба шахсе мебошанд, гунаҳгории он дар содирнамоии ҷиноят исбот карда нашудааст, пешниҳод намояд [24].

Моддаи 11 Қонуни федералӣ "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" мақсади истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯиро чунин муқаррар менамояд: натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯӣ метавонанд, барои тайёр намудан ва ба амал баровардани амалҳои тафтишотӣ ва судӣ, ки қонунҳои федералӣ пешбинӣ намудаанд, истифода бурда шаванд.

Натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ метавонанд, ҳамчун асос ва сабаби оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ хизмат намоянд, ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва суде, ки дар пешбурди он парвандаи ҷиноятӣ ё маводҳои санҷиши маълумотҳо оиди ҷиноят қарор доранд, пешниҳод карда шаванд, инчунин дар исботнамоии парвандаҳои ҷиноятӣ мувофиқи муқарраротҳои қонунгузории мурофиавӣ-ҷиноятии ҶТ, ки ҷамъоварӣ, санҷиш ва баҳодиҳии далелҳоро танзим менамояд, истифода бурда шаванд.

Ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва суд пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар асоси қарори роҳбари мақомоти бамалбарорандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунанда, ба амал бароварда мешавад.

Дар мурофиаи ҷиноятии муосир се мавқеъро оид ба истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар раванди исботкунӣ, ҷудо намудан мумкин аст:

1. Натиҷаҳои ФОҶ – асоси ташаккули далел мебошанд.
2. Натиҷаҳои ФОҶ – асоси azнавташкилдиҳии далел мебошанд.
3. Натиҷаҳои ФОҶ – намуди мустақили делел мебошанд.

Ба сифати намояндагони мавқеи якум, масалан, Е.А. Доля, Э.Ф. Кутсова баромад мекунанд. Ҳамин тариқ, Е.А. Доля менависад, ки "маълумотҳо оиди фактҳо ва ҳолатҳои ишорашудае, ки дар қайди парвандаи оперативӣ қарор доранд ва маълумотҳо оиди хамин фактҳо ва ҳолатҳое, ки дар нишондоди шоҳидон қарор доранд, новобаста аз оне, ки сарчашмаи онҳо ҳамон як одам мебошад, – инҳо маълумотҳои гуногун оид ба ҳамон як ҳолатҳо мебошанд, ки барои парвандаи ҷиноятӣ аҳамият доранд. Онҳо дар мухлатҳои гуногун (яке дар чаҳорчӯбаи ФОҶ, дигаре – дар чаҳорчӯбаи пешбурди ҷиноӣ-судӣ), аз сарчашмаҳои дорои табиати ҳуқуқии гуногун (гумошта ва шоҳид) ва бо тарзҳои гуногун (тавассути гузаронидани чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва бо роҳи пурсидани шоҳид), ба даст оварда шудаанд. Онҳо метавонанд, мазмунан мувофиқат намоянд, аммо ин барои баробар эътироф намудани онҳо ва иваз намудани онҳо бо якдигар асос шуда наметавонад. Агар инҳо ҳамон як маълумотҳо бошанд, пас барои ба даст овардани онҳо шаклҳои гуногуни ҳуқуқӣ – оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва мурофиавӣ-ҷиноятӣ татбиқ карда намешуданд" [2, с. 57].

Баъдан, ӯ қайд менамояд, ки ФОҶ "берун аз ҳудудҳои мурофиаи ҷиноятӣ, бе шакли мурофиавӣ, шакл мегирад, ба талаботҳои ба далелҳо пешниҳодшуда ҷавобгӯ намебошад" [2, с. 62].

Э.Ф. Кутсова низ ба мавқеи Е.А. Доля розӣ мебошад, ки мувофиқи он ФОҶ – ин асоси ташаккули далелҳо дар мувофиқа бо талаботҳои КМҶ мебошад, ки ҷамъоварӣ ва санҷиши далелҳоро танзим менамояд [6, с. 42].

Ӯ мавқеи Е.А. Доляро тарафдорӣ намуда, онро чунин пурра менамояд: худи имконияти иштирок намудан дар ҷамъоварӣ ва санҷиши далелҳо аз ҷониби шахсоне, ки манфиатҳои худро дар асоси ҳалномаҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ ҳимоя намуда, тарафдорӣ мекунанд, - барои айбдоршаванда ва ҷабрдида, табиӣ мебошад [6, с. 42-43].

Намояндагони мавқеи дуюм – С.А. Шейфер ва А.В. Соловьев мебошанд. С.А. Шейфер қайд менамояд, ки муқарраротҳои дар боло номбаршударо мушаххас гардонида моддаи 11, Дастурамал "Оид ба тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таҳқиқбаранда, мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ё суд" муқаррар менамоянд, ки ин натиҷаҳо "бояд ба (субъектҳои дахлдор) тартиб додани далелҳое имкон диҳанд, ки талаботҳои қонунгузории мурофиавӣ-ҷиноятиро, ки пурра барои далелҳо пешниҳод карда мешаванд, қонеъ мегардонанд....бояд он дастурҳоеро оид ба чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар бар гиранд, ки ҳангоми гузаронидани онҳо далелҳои пешниҳодшаванда ба даст дароварда шудаанд". Аз ин навиштаҷотҳои меъёрӣ чунин бармеояд, ки берун аз ҳудудҳои шакли мурофиавӣ натиҷаҳои ФОҶ далел намебошанд, аммо онҳо метавонанд, ки бо риоя намудани талаботҳои КМҶ ФР, ки ба онҳо маълумияти бавуҷудоии маълумоти далелӣ шомил мебошад, ба далелҳо мубаддал карда шаванд [25, с. 63].

Ба ақидаи С.А. Шейфер натиҷаҳои ФОҶ метавонанд, ки дар асоси қарори мақомоти онро баамалбароранда, ҳамчунин ба мақомоти тафтишотӣ бо мақсади ба он додани мазмуни далел пешниҳод карда шаванд. Ба сифати далел қабул намудани ин маводҳо аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ ҳамон вақт имконпазир мегардад, ки агар ҳангоми ба даст овардани онҳо талаботҳои Қонун оид ба ФОҶ риоя карда шуда бошад ва сарчашмаи бавуҷудоии маълумоти далели аниқ карда шавад ва дар ҳамин асос ӯ Е.А. Доляро танқид менамояд.

А.В. Соловьев менависад: «Аз сабиби он, ки ФОҶ амали мурофиавӣ намебошад, вазифа, шартҳо ва усулҳои он тибқи Қонуни федералӣ ба танзим дароварда мешаванд, пас натиҷаҳои он, ки барои тафтишот аҳамият доранд, наметавонанд, ки бевосита дар исботкунии мурофиавӣ истифода бурда шаванд. Онҳо санҷишҳои мурофиавиро тавассути гузаронидани амалҳои тафтишотӣ – азаназаргузарониҳо, пурсишҳо, экспертизаҳо ва м.и. талаб менамоянд ва пас аз онҳо натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба далелҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ мубаддал мегарданд [14, с. 178].

Ба ақидаи А.В. Соловьев натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ метавонанд, ки ба далелҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ мубаддал карда шаванд. С.А. Шейфер ба мавқеи мазкур розӣ мебошад, аммо дар баъзе ҳолатҳо нуқтаҳои назари онҳо фарқ мекунанд. Масалан, С.А. Шейфер қайд мекунад, ки маводҳои далелии аз ҷониби мақомоти оперативӣ пешниҳодшуда метавонанд, аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ танҳо ба сифати далелҳои ашёгӣ (м. 82 КМҶ ФР) ва ҳуҷҷатҳои дигар (м. 84 КМҶ ФР) қабул карда шаванд. Амалҳои тафтишотии дар раванди исботкунӣ гузаронидашуда оид ба санҷиши ин далелҳо, онҳоро ба

шакли мурофиавӣ табдил надода, аз исботкуниям берун намесозанд, балки дорои мақсади тавассути ба даст овардани далелҳои нав тасдиқ намудан ё инкор намудани маълумотҳои дар далелҳои ашёгӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо мавҷудбуда, мебошад [25, с. 126].

В.И. Зажитский менависад: «дар адабиёти илмии муосир дар қатори мубаддалшавии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ ва дар асоси чунин натиҷаҳо ба шаклдарории онҳо, инчунин оид ба легализатсияи (қонунигардонии) маълумоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ , оиди трансформатсияи (табдилдиҳии) шакли маълумоти бадастовардашуда, оиди гузариши натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба шакли далелҳои мурофиавӣ ва оиди ба мурофиаи ҷиноятӣ дохил намудан ва ба сифати далел истифода бурдани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ё ин ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба далелҳо гузаронидан, сухан мегӯянд. Аммо зери ҳамаи ин номгузориҳо ба таври воқеӣ тағйирёбии низоми ҳуқуқии маълумотҳои бо роҳи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бадастовардашуда, яъне ба чунин маълумотҳо додани мақоми далелҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ дар назар дошта мешавад» [3, с. 356-357].

Ӯ ақидаи Е.А. Долиро оиди он, ки натиҷаҳои ФОҶ бо назардошти махсусиятхои ташкилшавиашон дар раванди ин фаъолият, метавонанд, танҳо ба сифати асоси ташаккули далелҳо дар пешбурди ҷиноӣ-судӣ хизмат намояндро зеро танқид қарор медиҳад [3, с. 347-353].

Ҷамъоварии далелҳо – ин ташаккули далелҳо намебошад, менависад В.И. Зажиский ва тасдиқ менамояд, ки натиҷаҳои ФОҶ метавонанд, мундариҷаи намудҳои мувофиқи далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ шаванд [3, с. 355-363].

Чӣ тавре, ки Е.А. Доля дуруст қайд менамояд, натиҷаҳои ФОҶ далел намебошанд. Баррасӣ намудани онҳо танҳо ба сифати асосҳое, ки дар онҳо далелҳо ташкил карда мешаванд, имконпазир мебошад. Ақидаи эътирофнамоии натиҷаҳои ФОҶ ҳамчун асосе, ки дар он танҳо метавонад, далелҳо ташкил карда шаванд, ҳам натиҷаҳои даркнамоии ҳиссиётиро дар ҳудуди фоъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии ҳолатҳо ва фактҳоеро, ки барои он (баъдан, фаъолияти мурофиавӣ-ҷиноятиро низ) аҳамият доранд, дар бар гирифта, инчунин ашёҳои ошкоршуда, бадастовардашуда ё бавуҷудовардаро низ дар бар мегирад. Ба сифати асоси ташаккули далелҳои ашёгӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ метавонанд, инчунин ашёҳои ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ошкоргардида, бадастовардашуда ё бавуҷудоварда, баромад намоянд [2, с. 182].

Чӣ тавре, ки қайд шуда буд, ФОҶ ба таври ошкоро ва ғайриошкоро ба амал бароварда мешавад. Ҳангоми зарурияти махфӣ гардонидани маълумотҳое, ки дар маводҳои дорои натиҷаҳои ФОҶ мебошанд, аз ҷониби роҳбари мақомоти баамалбарорандаи ФОҶ (роҳбар ё муовини ӯ) қарор дар бораи махфӣ гардонидани маълумотҳое, ки сирри давлатиро ташкил медиҳанд ва дорандагони он, бароварда мешавад [23].

Баъд аз он, дар дигар ҳолатҳо натиҷаҳои ФОҶ, ки дорои маълумотҳои сирри давлатиро ташкилкунанда мебошанд, тибқи тартиби муқарраршудаи пешбурди парвандаи махфӣ пешниҳод карда мешаванд.

Натиҷаҳои ФОҶ, инчунин маълумотҳое мебошанд, ки дар худ ҳолатҳои содиршавии ҷиноят ва бегуноҳӣ ё гунаҳгории шахси мушаххасро дар

содирнамоии он, дар бар мегиранд (Нуқтаи назари ман – А.П.). Аммо онҳоро аз сарчашмаҳои оперативӣ тавассути воситаҳои ФОҶ ба даст меоранд, барои ҳамин ҳам онҳо дорои махсусиятҳои ҳатмии ба далелҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ дахлдошта, намебошанд [3, с. 363].

Мувофиқӣ банди 21 Дастурамал оид ба тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ ба тахқиқбаранда, мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ё ба суд, натиҷаҳои ФОҶ, ки дар исботкунӣ оиди парвандаҳои ҷиноятӣ барои истифодабарӣ пешниҳод карда мешаванд, бояд барои ташаккули далелҳое, ки талаботҳои қонунгузории мурофиавӣ-ҷиноятиро, ки пурра барои далелҳо, вобаста ба намудҳои мувофиқи далелҳо пешбинӣ карда шудаанд, қонеъ мегардонанд, имкон диҳанд; бояд маълумотҳоеро дар бар гиранд, ки барои муқарраркунии ҳолатҳои дар парвандаи ҷиноятӣ исботшаванда, аҳамият доранд, бояд қарорҳоро оиди ЧОҶ дар бар гиранд, ки ҳангоми гузаронидани онҳо далелҳои тахминшуда ба даст оварда шудаанд, инчунин бояд он маълумотҳоеро дар бар гиранд, ки дар шароитҳои пешбурди судӣ-ҷиноӣ имконияти санҷидани далелҳои дар заминаи онҳо шаклгирифта, мавҷуд аст.

На ҳамаи натиҷаҳои ФОҶ-ро ва на ҳама вақт ба сифати саҳеҳ эътироф намудан мумкин аст, барои ҳамин хам зарур аст, ки онҳо тавассути дигар маълумотҳо санҷида шаванд ва танҳо дар маҷмӯъ бо ҳиссаи кофии эҳтимолият тасдиқ намудан мумкин аст, ки ин маълумотҳо объективӣ ва саҳеҳ мебошанд [4, с. 111].

Дар тавзеҳоти Суди конститутсионии ФР аз 4 феврали соли 1999, таҳти №18-0 эътироф шудааст, ки натиҷаҳои ФОҶ танҳо маълумотҳо оид ба сарчашмаҳои он фактҳое мебошанд, ки тибқи риоя намудани талаботҳои Қонуни ФОҶ ба даст оварда шудаанд ва метавонанд, ки пас аз мустаҳкамшавиашон бо роҳи мурофиавӣ, яъне маҳз дар асоси меъёрҳои мувофиқи қонуни мурофиавӣ-ҷиноятӣ, яъне ҷӣ тавре, ки онро м. 49 (қ. 1) ва 50 (қ. 2)-и Конститутсияи ФР пешбинӣ намудаанд, ба далелҳо мубаддал карда шаванд. Мувофиқан, дар маънои мурофиавӣ натиҷаҳои ФОҶ-ро ҳамчун маълумотҳои фактикӣ гуфтан, бармаҳал аст, зеро дар ин ҷо онҳо танҳо маълумотҳо оид ба фактҳое мебошанд, ки онҳоро бояд муқаррар намуд [4, с. 111].

Дар мувофиқа бо Дастурамали байниидоравӣ ФР "Оид ба тартиби пешниход намудани натиҷаҳои ФОҶ ба таҳқиқбаранда, мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ё суд" натиҷахои ФОҶ, ки барои омода ва ба амал баровардани ҳаракатхои тафтишотию судӣ пешниход карда мешаванд, бояд маълумотҳоро оид ба шахсони аз мақомоти тафтишотию суд пинҳонгашта, оид ба шахсоне, ки ба онҳо ҳолатхо ва фактҳои барои парвандаи ҷӣноятӣ аҳамиятдошта, маълуманд, оид ба сарчашмаҳои имконпазири далелҳо, оид ба мавқеи ҷойгиршавии ашёхое, ки дар қ. 1 м. 81 КМҶ ФР номбар карда шудаанд, оид ба дигар фактҳо ва ҳолатҳое, ки имконияти муайян намудани хаҷм ва пайдарҳамии гузаронидани харакатҳои мурофиавиро, интихоб намудани тактикаи самараноктарини истеҳсолоти онҳоро, коркард намудани методи қуллайтари тафтишотро оид ба парвандаи ҷиноятии мушаххас, медиҳанд, дар бар гиранд [23].

Бо ақидаи оне, ки “моддаи 74 КМҶ ФР-ро бо ишораи имконияти истифода намудании видео, аудиосабтҳо, фотонақшҳо-ро ба сифати далелҳо, ки натиҷаҳои ЧОҶ-ро дар худ зоҳир менамоянд, пурра намудан, мақсаднок аст” – розӣ шудан, ғайриимкон мебошад [1, с. 153].

Натиҷаҳои ЧОҶ бо роҳи ғайримурофиавӣ ба даст оварда мешаванд, барои ҳамин ҳам онҳо метавонанд, ки ба ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ зарари ҷиддӣ расонанд.

Дар ҳолати мазкур тадқиқотчиёни ҷудогона нигоҳи худро оид ба ҳал намудани мушкилоти бавуҷудомада, пешниҳод менамоянд. Ҳамин тариқ, М.П. Котухов чунин пешниҳод менамояд: «натиҷаҳои ФОҶ, ки бо роҳи риоя намудани талаботҳои қонун бадастовардашуда, пешниход карда шудаанд, бояд дорои ҷоизият дар мурофиаи ҷиноятӣ, дар пешбурди тосудии парвандаи ҷиноятӣ, бошанд. Масъалаи ба далелҳо мубаддал шудани онҳо бояд дар асоси танзимнамоии императивӣ (ҳокимиятӣ) ҳал карда шавад, агар маводи пешниҳодшуда аз нуқтаи назари шакли оперативӣ-ҷустуҷӯӣ қабулшаванда буда, маҳаки тааллуқиятро қонеъ гардонад, пас додани мақоми далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ бояд ӯҳдадории мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор бошад, на ин ки ҳуқуқи онҳо” [5, с. 219].

Бо чунин муҳокимаронӣ розӣ шудан мушкил мебошад, агар бо эътироф намоем, ки натиҷахои ФОҶ маҳаки тааллуқиятро қонеъ мегардонанд, пас ба ин натиҷаҳо додани мақоми далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда дар асоси қ.3 м.88 КМҶ ФР муайян карда мешавад: «Прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда ҳуқуқ доранд, ки бо норозигии пешниҳоднамудаи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё бо ташаббуси худ далелро нораво (ғайриҷоиз) эътироф намоянд” [21].

М.П. Котухов менависад, ки қабул намудани қарор оид ба ҷоизияти ин ё он далели дар асоси ФОҶ бадастовардашуда, ба салоҳияти суди парвандаро баррасикунанда тааллуқ дорад [5, с. 219].

Тибқи қайди одилонаи Э.Ф. Кутсова – “воридшавӣ”, “даромадан”-и натиҷаҳои ФОҶ ба мурофиаи ҷиноятӣ, бо роҳи вайрон намудани шакли мурофиавӣ-ҷиноятии далелҳо, имконияти санҷиши онхоро (далелҳоро) бо иштироки суд, тарафҳои ҳимоя ва айбдорӣ паст менамояд.

Дар ин шароитҳо хатари маҳкум намудани бегуноҳон афзун мегардад. Ҷинояткори ҳақиқӣ бошад, фаъолияти ғайриқонунӣ (ғайриҳуқуқӣ), ҷиноткорона, ба шахсият, ҷамъият ва давлат хавфноки худро идома додан мегирад” [6, с. 44]

Ҳеҷ ягон маълумот ба сифати далел баррасӣ карда намешавад, агар он аз ҷониби кормандони оперативии ҳарбӣ бо роҳи иғвогарӣ ба даст оварда шуда бошад. Кормандони ҳарбӣ ухдадоранд, ки ҷиноятҳои содиршавандаро ошкор намуда, пешгирӣ намоянд, на ин ки ба содиршавии онҳо моил кунанд [8, с. 204-205].

Ҳамин тариқ, имконияти ба сифати далелҳо истифодабарии маълумотҳои на бо роҳи мурофиавӣ, балки бо роҳи қонунӣ бадастовардашуда, асосан, ба таври имконияти принсипиалии санҷидани саҳеҳии онҳо, муайян карда мешавад.

Корманди баамалбарорандаи ФОҶ, метавонад, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ ба сифати шоҳид пурсида шавад, нишондоди додаи ӯ дар пурсиш далел шуда, метавонад, ба сифати далел истифода бурда шавад. Маълумотҳо, нишондодҳои дар пурсиш додаи шахсе, ки ба таври махфӣ ба мақомоти баамалбарорандаи ФОҶ мусоидат мекунад, метавонанд, пас аз пурсиши ӯ ба сифати шоҳид, ҷабрдида, гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳамчун далел истифода бурда шаванд.

Кӯшишҳои тағйир додани ин асос, "ба пешбурди ҷиноӣ-судӣ ворид намудани ФОҶ кафолати адолатнокии қарорҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ, ноилшавӣ ба муқаррароти дар м.6 КМҶ пешбинишуда – таъмин намудани ҳуқуқи айбдоршаванда, гумонбаршуда, ҷабрдида ва дигаронро дар иштирок намудан дар шаклгирӣ ва санҷидани асоси фактикии қарорҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ, паст менамояд" [6, с. 48].

Таҳлили аз рӯи мавқеи маълумотӣ инъикосёбанда гузаронидашуда, оид ба тасаввуротҳои далелҳо, ки дар илми мурофиавии ватанӣ гуфта шудаанд, имкон медиҳад, ки чунин хулосаҳо бароварда шаванд [25, с. 71].

Маълумотҳои воқеии бо роҳи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷамъовардашуда, худ ба худ, чӣ тавре, ки қайд шуда буд, бе тасдиқи онҳо ва тибқи тартиби мурофиавӣ-ҷиноятӣ санҷиши онҳо, наметавонанд, ки дар исботкунӣ ба сифати далелҳо истифода бурда шаванд. Ин бо он маънидод карда мешавад, ки ҳангоми гузаронидани ЧОҶ кафолатҳои мурофиавии саҳеҳияти маълумотҳое, ки барои муқаррар намудани ҳолатҳои исботшаванда истифода бурда мешаванд, вуҷуд надоранд [4, с. 112-113].

Қисми 2 м. 142 Кодекси моделии мурофиавии ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ, маводҳои дар асоси ФОҶ бадастовардашударо ба сифати далелҳо, дар қатори истифода намудани хизматрасониҳои детективи хусусӣ иҷозат медиҳад, агар онҳо дар мувофиқа бо қонунгузорие ба баст оварда шуда бошанд, ки баамалбарории ФОҶ-ро бе маҳдуд намудани ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд ё бо иҷозати суд маҳдуд намудани онҳоро, ба танзим медарорад; инчунин, агар шоҳиди тибқи тартиби муқарраршуда пурсидашуда аслияти онҳоро тасдиқ намуда, оид ба бавуҷудоӣ ва ҳолатҳои бадастовардани онҳо, маълумот дода бошад [10].

Яке аз асосҳои баамалбаровардани ЧОҶ дар он аст, ки чорабинӣ бояд дар қонун ҳамчун намуди чорабинихои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ муқаррар карда шуда бошад. Моддаи 6 ҚФ оид ба ФОҶ 14 намудҳои чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро муқаррар кардааст, аз ҷумла: пурсиш, назораткунӣ, гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва м.и.

Номгӯи чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии дар қонун муқарраршуда танҳо бо қонуни федералӣ тағйир ё пурра карда мешавад.

Дар раванди гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ низомҳои маълумотӣ (системаҳои информатсионӣ), видео (банаворгирӣ), аудиозапис (сабтиовозҳо), кино ва аксбардорӣ (фотосъёмка), инчунин дигар воситаҳои техникӣ ва дигар воситаҳои ба ҳаёт ва саломатии инсонҳо ва муҳити атроф зарар нарасонанда, истифода бурда мешаванд.

Дар мувофиқа бо м. 8 ҚФ оид ба ФОҶ "гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯие, ки ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро ба

махфияти мукотибот, гуфтугӯҳои телефонӣ, муросилот, паёмакҳои телеграфӣ ва дигар паёмакҳои тавассути ноқилҳои электронию алоқаи муросилавӣ расонандаро маҳдуд менамоянд, инчунин ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзилро маҳдуд менамоянд, дар асоси қарори судӣ ба роҳ дода мешаванд (аз тарафи ман – А.П. ҷудо карда шудааст).

Дар КМҶ чунин ҳаракатҳо ба монандӣ – "идоракунӣ ва сабти гуфтугӯҳо" пешбинӣ карда шудаанд. (м.186 КМҶ ФР). Қарор дар бораи пешбурди идоракунӣ ва сабти гуфтугӯҳои телефонӣ ва дигар гуфтугӯҳо аз ҷониби муфаттиш барои иҷроиш ба мақомоти дахлдор (мақомоти ФОҶ) равон карда мешавад. Муфаттиш дар муддати тамоми муҳлати пешбурди идоракунӣ ва сабти гуфтугӯҳои телефонӣ ва дигар гуфтугӯҳо ҳуқуқ дорад, ки дар дилхоҳ вақт аз мақомоти баамалбарорандаи онҳо, фонограммаашонро барои азназаргузаронидан ва гӯш кардан талаб намояд. Он ба муфаттиш дар намуди муҳрзадааш бо мактуби якҷоякардашуда равон карда мешавад, ки дар он бояд сана ва вақти оғоз ва баохиррасии гуфтугӯҳои ишорашуда, бо ҳамроҳии тавсияномаҳои мухтасари воситаҳои техникии истифодашуда, нишон дода шуда бошанд.

Фонограммаи идоракунӣ ва сабти гуфтугӯҳои дар мувофиқа бо м.186 КМҶ ФР баамалбаровардашуда, дар ҳаҷми пуррааш, дар асоси қарори муфаттиш ҳамчун далели ашёгӣ ба маводхои парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда мешавад ва дар намуди муҳрзадааш дар шароитҳои истиснокунандаи гушкунӣ ва интишори фонограмма аз ҷониби шахсони бегона, шаротҳои таъминкунандаи нигоҳдории он ва мавриди истифодаи такрорӣ қарор гирифтанашро, аз ҷумла дар толори судӣ, нигоҳ дошта мешавад.

Дар қарори Пленуми Суди Олии ФР "Оид ба баъзе масъалаҳои татбиқнамоӣ аз ҷониби судҳои Конститутсионии ФР ҳангоми баамалбаровардани адолати судӣ", аз 31 октябри соли 1995, таҳти № 8, тавзеҳот дода шудааст, ки натиҷаҳои чорабинихои оперативӣ-ҷустуҷӯии бо маҳдуд намудани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрванд ба махфияти мукотибот, гуфтугӯҳои телефонӣ, муросилот, паёмакҳои телеграфӣ ва дигар паёмакҳо, инчунин ба манзил ворид шудан бе ризоияти шахсони дар он истиқоматкунанда (ғайр аз ҳолатҳои бо қонуни федералӣ иҷозатдодашуда), алоқаманд, танҳо дар ҳолате, ки агар онҳо бо ичозати суд дар бораи гузаронидани чунин чорабиниҳо ба даст оварда шуда бошанду аз тарафи мақомоти тафтишотӣ дар мувофиқа бо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ санҷида шуда бошанд, метавонанд, ки ба сифати далел оид ба парвандаҳо истифода бурда шаванд" [11].

Ба ақидаи мо, мавқеи мазкури Суди Олӣ баҳснок мебошад, зеро ки Суди Олӣ истифода бурдани натиҷахои чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба сифати далелҳо дар парвандаҳои ҷиноятӣ иҷозат медиҳад. Агар аз ҷониби суд барои гузаронидани ФОҶ иҷозат дода шуда бошад, натиҷаҳои ЧОҶ аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ дар мувофиқа бо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ санчида шуда бошанд, натиҷаҳои гузаронидани ҳаракати тафтишотӣ дар протоколи ҳаракатхои татишотӣ дарҷ шуда бошанд, пас маҳз ҳамин протоколи ҳаракатхои тафтишотӣ ба сифати далел истифода бурда мешавад, на ин ки натиҷахои ФОҶ.

Натиҷахои ФОҶ-и барои истифодабарӣ дар исботкунӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ пешбинишаванда, бояд ба ташаккули далелҳое, ки талаботҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро қонеъ мегардонанд ва ба пуррагӣ ба ҳамаи далелҳо, намудҳои мувофиқи далелҳо пешбинӣ карда мешаванд, имкон диханд; бояд маълумотхоеро дар бар гиранд, ки барои муқаррар намудани ҳолатҳои исботшаванда оид ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамият доранд, супоришҳоеро бояд дар бар гирад, ки оид ба ЧОҶ, ки ҳангоми гузаронидани онҳо далелҳои тахминшуда ба даст оварда шудаанд, инчунин маълумотҳоеро, ки дар шароити пешбурди судӣ-ҷиноӣ имкони санҷидани далелҳои дар асоси онҳо ба вуҷуд омадаро медиҳанд, бояд дарбар гирад [23].

